Ф. Шарифзода, М. Лутфуллоев,
Б. Ғаниева, С. Қуйбекова




# ЗАБОНИ МОДАРӢ

Ф. Шарифзода, М. Лутфуллоев,
Б. Ғаниева, С. Куйбекова

# ЗАБОНИ МОДАРӢ 2

## Китоби дарсӣ барои синфи дуюм



КЫРГЫЗ РЕСПУБЛИКАСЫНЫН
БИЛИМ БЕРҮҮ ЖАНА ИЛИМ
МИНИСТРЛИГИ
БАТКЕН ОБЛУСУ ЛЕЙЛЕК РАЙОНУ
"АНДАРАК"
ОРТО МЕКТЕБИ
МИНИСТЕРСТВО
ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ
КЫРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКИ
БАТКЕНСКАЯ ОБЛАСТЬ
ЛЕЙЛЕКСКИЙ РАЙОН
СРЕДНЯЯ ШКОЛА
"АНДАРАК"
ИНН 02211199510533
" " 20 ж./г.
№ 36
село АНДАРАК

Душанбе - 2012

ББК 81.2 тоҷик - 922
3 - 13

Ф. Шарифзода, М. Лутфуллоев, Б. Ғаниева, С. Куйбекова.
**Забони модарӣ.** Китоби дарсӣ барои синфи дуюм.

Ин китоб дар доираи татбиқи Лоиҳаи таҷдиди маориф таҳия ва нашр шудааст.

Мушовирон: Абдулҳамид Самадов
Нурулло Мирзоматов

Муҳаррир: Баҳриддин Камолиддинов

## Ҷадвали истифодаи иҷоравии китоб

| № | Ному насаб | Синф | Сол | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

ISBN 978-99947-861-7-6

© Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
© Ф. Шарифзода, М. Лутфуллоев,
Б. Ғаниева, С. Куйбекова

Бачаҳои азиз!

Шумо баъд аз хатми синфи якум як зина боло, ба синфи дуюм қадам ниҳодед. Агар имсол ҳам хубу аъло хонед, дар роҳи дониш як қадам ба пеш мегузоред. Орзуи мо, азизон, ин аст, ки ҳама фанҳоро нағз омӯзед, ба сухану насиҳатҳои муаллими меҳрубон ва падару модарон гӯш кунед. Ҳамаи одамони калонсол ба шумо умри дароз, тансиҳатӣ ва дар таҳсилатон муваффақият мехоҳанд. Мехоҳанд, ки шумо калон шавед, соҳиби маълумот гардед, ба падару модар ва халқу Ватани азизамон хизмат кунед. Ин китоб барои шумо навишта шудааст. Хонед ва аз панду ҳикматҳояш баҳраманд гардед. Онро покиза нигоҳ доред. Фаромӯш накунед, ки соли оянда ин китобро хоҳар ё додарони шумо мехонанд.

"Мекӯш ба ҳар варақ, ки хонӣ,
Қ-он донишро тамом донӣ."

Муаллифон

## Аломатҳои шартӣ

| | | |
|---|---|---|
|  Хонед |  Бозӣ |  Кӣ зудтар? |
|  Нависед |  Чистон |  Сӯҳбат |
|  Супориш |  Кори дукаса |  Луғат |
|  Саволҳо |  Кори гурӯҳӣ |  Панд |
|  Ба хотир гиред |  Имло |  Қоида |

# 1. ҶУМЛА. АЗ МАТН ҶУДО КАРДАНИ ҶУМЛА

## ДАРСҲОИ 1-2

1. Аввал гӯед, ки дар тобистон ба кадом корҳо машғул шудед?
2. Кадом китобҳоро хондед?
3. Кадом асбобҳои таълимро медонед? Имрӯз аз онҳо кадомашонро овардед?
4. **Китоб** ба кадом гурӯҳи калимаҳо дохил мешавад?

### КИТОБ – ДӮСТИ МО

Китоб дӯсти ҷонӣ, раҳнамои зиндагӣ аст. Вай ба дилу дида равшанӣ мебахшад. Агар бисёр хонем, бисёр медонем. Одаме, ки бисёр медонад, тавоност.

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

Абулқосими Фирдавсӣ

Китоб моро ёд медиҳад, ки баробари доно будан ба дигарон меҳрубон бошем. Ҳамеша баодоб бошем, аз бадӣ дурӣ ҷӯем. Дар зиндагии ҳаррӯза се чизро фаромӯш накунем:

Аввал, рост гӯем, дуюм, ба ваъда вафо кунем, сеюм, коре, ки аз дастамон намеояд, ваъда надиҳем.

1. Чаро китобро дӯсти ҷонӣ мегӯянд?
2. Китоб ба дилу дида чӣ мебахшад?
3. Муқобилмаънои калимаи **равшаниро** номбар кунед.
4. Чаро одам аз хондани китоб тавоно мешавад?
5. Кадом се чиз аст, ки мо дар зиндагӣ ҳамеша бояд дар назар дошта бошем?

**тавоно** – зӯр, пурзӯр, боқувват
**барно** – ҷавон

Чистонро нависед ва маънои онро шарҳ диҳед:

Як порча замин доштем,
Тухми сиёҳ коштем,
Бо чашми худ бидидем,
Бо ақли худ шинохтем.

1. Ҷавоби чистонро аз матни «**Китоб – дӯсти мо**» ёбед.
2. «**Тухми сиёҳ**»-ро бо ҳарфҳои саҳифаҳои китоб муқоиса кунед.

Калимаи **китоб**ро аз боло ба поён нависед ва ба ҳар як ҳарфи он калимаҳо фикр кунед. Намуна:

кафтар,
**и** ...
**т** ...
**о** ....
**б** ...

1. Ҷумлаи дуюмро аз матн ҷудо карда, нависед ва нақшаи онро кашед. |_____ _____ _____ _____ _____.

Нақшаро шарҳ диҳед.

3. Бо ҳарфҳои калимаи **тавоно** калимаҳо фикр кунед ва нависед.
Намуна: нон, ватан...

## ДАРСҲОИ 3-4



Сӯҳбат дар бораи аҳли оила. Дар оилаи шумо киҳо зиндагӣ мекунанд? Онҳо ба кадом корҳо машғуланд?

### АМРИ КӮДАК
(ҳикоя)



Нақл мекунанд, зану шавҳаре бо ҳамдигар меҳрубонона зиндагонӣ мекарданд. Аввали баҳор дар оила писараки дӯстрӯй ва ширинаке ба дунё омад. Падару модар аз ин тӯҳфаи Худованд хеле шод буданд, ӯро дӯст медоштанд.



Ғайрати падар аз шодмонӣ ва бахти баланд дучанд афзуда буд. Вай аз субҳ то шом дар саҳро дарахтони мевадорро нигоҳубин мекард. Гандум, пиёз, сабзӣ, бодиринг ва харбуза кишт мекард. Полиз дар нашъунамо буд. Аз ин тарз барор гирифтани кор мард бағайраттар мешуд ва вазнинии кори саҳроро ҳис намекард. Ба ин тартиб ду сол гузашт...

Акнун баъзан мард хаста шуда ба хона бармегашт ва нону хӯрокашро хӯрда, зуд хоб мерафт, ба кору бори ҳавлӣ эътибор намедодагӣ шуд...

Рӯзе зани меҳрубон ба мард гуфт:

– Чаро вақтҳои охир беэътино шудаед, на танҳо ба ман, ҳатто ба писаратон эътибор намедиҳед?

Мард норозиёна гуфт:

– Агар як рӯз кори саҳро мекардӣ, медидам, ки меҳрубониат куҷо мешуд.

**беэътино** – бепарво, беэътибор
**самимона** – аз ҷону дил, аз таҳти дил
**хаста** – монда, бемадор, беқувват.

1. **«Вазнинии кори саҳроро ҳис намекард»** чӣ маъно дорад?
2. Ҷумлаи дуюмро рӯбардор кунед.
3. Аввали ҷумларо бо кадом ҳарф навиштед? Чаро?
4. Дар охири ҷумла чӣ гуна аломат гузоштед?

1. Падару модари шумо чӣ кор мекунанд?
2. Шароити зиндагии оилаатонро ба хотир оред.
3. Дар бораи аъзои оилаатон чиҳо медонед?
4. Ҳикояро хонед ва мазмунашро баён кунед.
5. Дар бораи кору бори модаратон ҷумла нависед.

1. Дар кадом корҳо ба падару модар ёрӣ мерасонед?
2. Шумо ба падару модар чӣ тарз хизмат мекунед?
3. Падару модар ба шумо чӣ гуна ғамхориҳо мекунанд?

Мазмуни қисми аввали ҳикояро ба хотир биёред ва ба он номи (сарлавҳаи) мувофиқ гузоред.

(давоми ҳикоя)

Зан оромона гуфт:

– Пагоҳ ман ба саҳро меравам. Шумо як рӯз бо кӯдак дар хона монда, истироҳат кунед...

Субҳ зан ба саҳро рафт, мард дар хона бо кӯдак монд.



Баъди як-ду соат кӯдак хӯрок талаб кард. Мард ба ӯ як пиёла шир дод. Фарзанд ба шир лаб расонда, ба ҷояш гузошт.

Гуфт:

– Намехоҳам, ҷурғот бидеҳ. Мард як пиёла ҷурғот овард. Кӯдак лаб ба ҷурғот расонда, фарёд кард, гириста гуфт:

– Ҷурғот намехоҳам. Ширу ҷурғоту обро омехта деҳ.

Падар хоҳиши фарзандашро иҷро кард.

Боз гиряю нолаи гӯшхароши кӯдак баланд шуд. Фарзанд талаб кард:

– Акнун ширу ҷурғоту оби ин косаро аз ҳам ҷудо кун, ҳар яки онро ҷудо-ҷудо мехӯрам...

Мард кӯдакро ба бағал гирифту ба саҳро, сӯйи завҷаи меҳрубону меҳнаткаш ва пуртоқаташ давид...

Амри тифл аз амри шоҳ болотар аст,
Шоҳи олам зери амри модар аст.

Файзулло Шарифзода

1. Зан чӣ гуфт?
2. Кӯдак чӣ талаб кард?
3. Мард чӣ дод?
4. Кӯдак боз чӣ гуфт?
5. Мард чӣ кор кард?
6. Чаро мард ба сӯйи завҷааш давид?

1. Мазмуни ҳар ду қисмро нақл кунед. Нависанда бо ин ҳикоя чӣ гуфтан мехоҳад?
2. Бо калимаҳои **меҳрубон, дӯст** ҷумла тартиб диҳед.
3. Нақшаи ҷумлаи якумро кашед.



4. Ба хонаи шумо дӯсти падаратон ба меҳмонӣ омад, вале падаратон дар хона нест. Шумо чӣ кор мекунед?
5. Ба модаратон касе телефон кард, вале модар дар берун аст. Шумо чӣ мегӯед?
6. Одоби муошират дар хонадони шумо чӣ гуна аст? Ба калимаҳои **шумо, ту, марҳамат, мебахшед** ҷумлаҳо нависед.
7. Корҳои савоб бисёр аст. Онҳоро номбар кунед ва ба дафтар нависед.

<u>Намуна:</u> ба падару модар ёрӣ расондан, дарахт шинондан, онро нигоҳубин кардан....

## ДАРСҲОИ 7-8

Ҳикояро хонед. Калимаҳои **танҳой, доноиро** аз байт ҷудо карда нависед ва талаффуз намоед, оҳанги онҳоро муқоиса кунед. Калимаҳои **ганҷ, гаронро** шарҳ диҳед. Гӯед, ки калимаҳои **ҷавоҳирот, сарват** чанд садонок доранд?

### ҶАВОҲИРОТИ ШОҲ

Дар як замон шоҳи золиму хунхоре буд. Ба мамлакатҳои ҳамсоя ҳамла мекард. Бойигарии онҳоро ба ғорат мебурд.

Рӯзе аҳволи шоҳ бад шуд. Ҳис кард, ки мемирад ва аз ин ваҳм тамоми дороии худро дар сандуқе ҷамъ карда, дар чоҳе пинҳон намуд. Шоҳидонро ба қатл расонид. Аз ин воқеа солҳо гузаштанд. Рӯзе чӯпонбачае ба сари чоҳ омад. Сандуқи пур аз ҷавоҳиротро дарёфт, ки миёни он чанд нусха китоб низ буд.



Вақте сандуқро ба хонааш овард, падараш гуфт:

– Писарам, бузургтарин сарвати ин сандуқ китоб аст. Боқӣ ҳама ҳеҷ!

Бигир, ин ҳама симу зарро ба мардум деҳ. Аммо китобҳоро бигзор, зеро китоб ганҷи бебаҳост, гаронтар аз симу зар аст.

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.
мазмун аз Абдураҳмони Ҷомӣ

**анис** – дӯст, рафиқ
**ҷавоҳирот** – тиллою танга, бойигарӣ
**сарват** – бойигарӣ
**гаронтар** – боарзиштар

1. Шоҳ худро чӣ гуна ҳис кард ва чӣ кор кард?
2. Шоҳ чаро шоҳидонро нобуд кард?
3. Падар ба писараш чӣ маслиҳат дод?
4. Барои чӣ китобро гаронтар аз симу зар мешумoранд?

Бо калимаи **китоб** ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нақшаи яке аз онҳоро кашед.

1. Дар ҷумлаи тартибдодаатон сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Ҷумлаи тартибдодаатон аз чанд калима иборат аст?

**Дар ҷумла сухан дар бораи ягон кас ё чизе меравад.**

Нависед ва гӯед, ки дар ин калимаҳо кадом ҳарфҳо иваз шудаанд:

| | | |
|---|---|---|
| шоҳ – шох | пур – нур | об – ош |
| бад – бод | кор – хор | сим – сум |
| дар – дор | сол – хол | бар – бор |

## ДАРСҲОИ 9-10

1. Байти болоро рӯнавис кунед. Калимаи **анисро ба ҳиҷоҳо ҷудо** кунед ва шарҳ диҳед.
2. Калимаҳои ҳаммаъноро бурро хонед:

Ҷаҳон – олам, дунё; ғамхор – меҳрубон ...

3. Ҳарфҳои калимаи **гаронбаҳо**ро истифода бурда калимаҳои нав созед:

гаронбаҳо – борон, баҳор, ...

Тирамоҳ фасли тиворо аст. Он оғози соли таҳсил мебошад.

1. Чанд ҷумла навиштед?
2. Ҷумлаи якум аз чанд калима иборат аст?
3. Ҷумлаи дуюм-чӣ?

**Ҷумла** фикри пурраро мефаҳмонад.
Ҷумла аз як ё якчанд калима иборат аст.

1. Бо калимаҳои **адаб** ва **ташаккур** ҷумлаҳо тартиб диҳед.
2. Шеърро аз ёд кунед. Дар бораи одоб сӯҳбат кунед. Барои чӣ шоир **"Адаб тоҷи сари мардон аст"** мегӯяд?

Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,
Сад ҷон бидиҳӣ, адаб харӣ, арзон аст.
Аз беадабӣ касе ба мақсад нарасид,
Зеро ки адаб тоҷи сари мардон аст.

3. Калимаҳоро хонед ва маънои онҳоро шарҳ диҳед:

| | | |
|---|---|---|
| дӯст – душман | доно – нодон | нек – бад |
| хуб – бад | равшан – торик | рост – дурӯғ |
| боақл – беақл | бино – нобино | кӯтоҳ – дароз |

Китоб барои одам
сарвати аз ҳама қи-
мат ба шумор меравад.
Китоб наздиктарин дӯст
аст. Аз китоб бештар
баҳравар шавед.

## ДАРСҲОИ 11-12

Дар бораи 9-уми сентябр – Рӯзи Истиқлолият ва рамзҳои давлатӣ шунида ва хондаатонро ба ёд оред.

### ПАРЧАМИ МО



Парчами хушранги мо,
Ҷилваат шодифизо.
Мо сӯйи фардо равем
Тахти ту, эй раҳнамо.

Ранги басо сурхи ту
Лоиқи сад гуфтугӯ.
Рамзи дифои Ватан–
Омили бахти накӯ.

Ранги сафедат хушо,
Ҳаст чу субҳи сафо.
Мисли дили тоҷик аст
Равшану оинасо.

Сабз чу тозабаҳор –
Пайки хушиву баҳор.
Манзили ободи мост.
Сулҳ дар он пойдор.

Абдулло Қодирӣ

**омил** – сабаб
**оинасо** – мисли оина;
**пайк** – хабаррасон

Шеърро аз ёд кунед.

1. Шеър дар бораи чӣ навишта шудааст?
2. Мо дар бораи парчам ва нишони давлатӣ чиҳо медонем?
3. Маънии рангҳои парчамро шарҳ диҳед.
4. Дар доирачаҳои холӣ ҳарфҳоеро гузоред, ки калимаҳои **парчам ва Ватан** ҳосил шаванд.

(п) ( ) (р) (ч) ( ) (м)     ( ) (а) ( ) (а) ( )

Матнро нависед. Нақшаи ҷумлаи сеюмро кашед.

## БАЧАИ РОСТҚАВЛУ РОСТКОР

Бачаи ростқавл асло дурӯғ намегӯяд. Ба ҳеҷ кас зарар намерасонад. Чизи касро бе иҷозат намегирад. Аз мактаб ва аз ҳар ҷой чизе, ки ёбад, ба соҳибаш мерасонад.

Садриддин Айнӣ

Аз ин калимаҳои пароканда ҷумла созед.

аст, мактаб, илму дониш, макон.

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Аввалаш ҳарфи калон,
Охираш нуқта бошад.
Бунёдаш – калимаҳо,
Гӯед, номаш чӣ бошад?

## ДАРСҲОИ 13-14

Дар мавзӯи **«Ватанам – Тоҷикистон»** сӯҳбат кунед.

### ОЛИ СОМОН, ОЛИ ТОҶИК



Оли Сомон, оли тоҷик –
Ахтари хушфоли тоҷик.
Гавҳаре аз баҳри Сомон
Давлати навболи тоҷик.
Оли Сомон, ахтари
машриқзамин – ту,
Саргузашти дилнавозу
дилнишин – ту.

Ахтари Сомон дурахшон
Дар Хуҷанду Рашту Хатлон.
Ёди Сомон, ёди ширин
Дар Ҳисору дар Бадахшон.
Саргузашти моҳпора,
Оли Сомон,
Мешавад рӯшан дубора
Оли Сомон.

Зулфия Атой

**ахтар** – ситора
**навбол** – навпарвоз
**ол** – хонавода

Шеърро хонед ва аз ёд кунед.

1. Мо дар бораи пешвои халқи тоҷик Исмоили Сомонӣ чӣ медонем?
2. Шеър дар бораи кӣ навишта шудааст?
3. Ахтар, яъне ситораҳои Сомон дар куҷоҳо медурахшанд?
4. Дар бораи нишон ва парчами давлатамон чӣ медонед?

Аз ин калимаҳои пароканда ҷумла тартиб диҳед.

пешво, мебошад, тоҷик, Исмоили Сомонӣ, халқ.

Ҷойи ҳарфи «и»-ро муайян карда, дар катакчаҳо гузоред:

ш р и и ғ о л б и к т о б

а л ё и п р и к о м

## ДАРСҲОИ 15-16

### ҲАҚИҚАТ



Рӯзе аз мактаб ғамгину хотирпарешон баргаштам. Модарам маро дар остона пешвоз гирифт. Вай хушнуду хуррам буд. Аҳволи маро ҳис карду пурсид:

– Чӣ шуд? Чаро ғамгинӣ, писарам?

– Ба дарс тайёр набудам, – ҷавоб додам ман. – Муаллими забони модарӣ баҳои "2" гузоштанд.

Ҳолати модарам тағйир наёфт. Маро навозиш карду ба хона бурд. Бароям таом овард.

– Чаро модарам аз ман наранҷид? Барои чӣ маро сарзаниш накард? – гаштаву баргашта аз худ мепурсидам.

Ба ин саволҳо фақат баъди чандин сол ҷавоб пайдо кардам. Он лаҳза ман ба модарам гапи ҳақро гуфта будаам.

Фирӯзони Ибодулло (аз маҷал

> Агар хоҳӣ накӯ бошӣ, накӯ бош,
> Ҳамеша росткору ростгӯ бош!

1. Писарак аз мактаб чӣ гуна баргашт?
2. Кӣ ӯро пешвоз гирифт?
3. Модар аз ӯ чӣ пурсид?
4. Вай чӣ ҷавоб дод?
5. Чаро модар наранҷид?
6. Ростгӯӣ ва дурӯғгӯӣ чӣ гуна хислатҳо ҳастанд?

1. Бо калимаҳои **модар, писар, муаллим** ҷумла тартиб диҳед.
2. Ҳаммаънои калимаҳои **ғамгин, хурсанд, таомро** нависед.
3. Барои чӣ аввали ҷумлаҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд?
4. Боз номи киҳо ва чиҳоро бо ҳарфи калон менависем?
5. Аз ҳиҷоҳои пароканда калима созед:

дар, мо, шон, ре, па, зиш, во, на, ша

Дар бораи бобою бибии худ ҳикоя кунед.

## КИ БАОДОБ?

Набераҳои Расулбобо – Нигораву Шараф машғули шоҳмотбозӣ буданд. Бобо рӯзнома мехонд. Нигора бозиро бурд, Шараф аз бозӣ даст кашид. Нигора ба шавқ омада, хоҳиш кард, ки бозиро давом диҳанд, зеро умед дошт, ки дафъаи дуюм ҳам ғолиб мебарояд. Шараф бо якравӣ рад мекард. Нигора ба бародараш сухани дағал гуфт. Бобояш инро шунида, ба Нигора гуфт:

– Ҷони бобо, ҳарфи беҷо нагӯ, аз рӯйи одоб нест.

Нигора аз гапаш хиҷолат кашида, ба гӯшае рафта, хомӯш нишаст.

Шараф назди бобояш омаду гуфт:

– Бобоҷон, ман баодоб-а?



Бобо табассум карду чизе нагуфт. Ӯ набераҳояшро санҷидан хост.

– Канӣ, кӣ ба ман ёрӣ медиҳад? – ҳам шуда пойафзол пӯшиданӣ шуд бобо. Шараф аз ҷо наҷунбид. Нигора хесту бо латтаи тар пойафзоли бобоbooро тоза карда, ба пӯшидани он ёрӣ дод.

1. Набераҳои Расулбобо чӣ ном доштанд?
2. Онҳо ба кадом бозӣ машғул буданд?
3. Нигора чаро бозиро давом додан хост?
4. Чаро ӯ ба Шараф сухани дағал гуфт?
5. Бобо Нигораро чӣ насиҳат кард?
6. Ӯ чӣ кор кард?
7. Расулбобо барои санҷидани набераҳо чӣ кор кард?
8. Кадоме аз набераҳо рафтори дуруст кард?
9. Рафтори Нигораю Шарафро муқоиса кунед. Рафтори кадомаш маъқул?

Нигора аз гапаш хиҷолат кашида ба гӯшае рафта, хомӯш нишаст.

1. Чанд ҷумла навиштед?
2. Ҷумла аз чанд калима иборат аст?
3. Аввали ҷумларо бо кадом ҳарф навиштед?
4. Дар охири ҷумла кадом аломатро гузоштед?
5. Нақшаи ҷумларо кашед ва шарҳ диҳед.
6. Барои чӣ аввали калимаҳои **Расулбобо, Нигора, Шараф** бо ҳарфи калон навишта шудаанд?

1. Ба имлои калимаҳо диққат диҳед ва онҳоро истифода бурда ҷумла тартиб диҳед: **шоҳмотбозӣ, пушаймон, хомӯшона.**
2. Ҳаммаънои калимаҳои **хиҷолат, табассумро** нависед.
3. Зарбулмасалҳоро шарҳ диҳед:

Нек бош, то дӯстат доранд.
Пушаймонӣ суд надорад.



4. Нақшофарӣ: Расулбобо, Нигора, Шараф

## ДАРСҲОИ 19-20

1. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед.
2. Шиори «**пиндори нек, кирдори нек, гуфтори нек**»-ро маънидод кунед.
3. Бо калима ва ибораҳои **китоб, дониш, хислати бад, машҳури дунё** ҷумлаҳо нависед.

### ХИСЛАТҲОИ НЕК ВА БАД

Китоби муқаддаси тоҷикон «Авесто» бо шиори «пиндори нек, кирдори нек, гуфтори нек» машҳури дунё шудааст. Ҳар он чизе, ки мухолифи ин шиор аст, бад аст. Хислатҳои бад аз хашм, рашк, суханчинӣ, дурӯягӣ, нопокӣ ва монанди инҳо иборатанд. Аз ҳама бадтар ҳарисӣ ва хасисӣ мебошад. Меваи бадӣ ҳамеша талх аст. Бинобар ин инсон бояд мудом аз бадӣ дурӣ ҷӯяд ва некию накӯкориро пешаи худ созад.

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.

Абулқосими Фирдавсӣ

**пиндор** – андеша, фикр
**мухолиф** – зид, муқобил
**Авесто** – китоби муқаддас
**ҳарисӣ** – баднафсӣ
**муқаддас** – боэҳтиром
**пеша** – касб, ҳунар

Калимаҳоро аз ҷиҳати маъно муқоиса кунед:

| | |
|---|---|
| нек – бад | пок – ифлос |
| рост – дурӯғ | талх – ширин |

1. **«Авесто»** чӣ гуна китоб аст?
2. Кадом амалҳо ба **«пиндори нек, кирдори нек, гуфтори нек»** мухолифанд?
3. Нодонӣ, хиёнат, дурӯғ ба одамон чӣ бадӣ меоранд?
4. Ҳарисиву хасисӣ чӣ гуна хислатҳо ҳастанд?
5. Шумо боз кадом китоби муқаддасро медонед?
6. Чаро китобро муқаддас мегӯянд?

1. Матнро бори дигар хонед.
2. Калимаҳои **муқаддас**, **хасисӣ**, пиндорро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
3. Пандро аз ёд кунед.

Баду нек монад зи мо ёдгор,
Ту тухми бадӣ, то тавонӣ, макор!

Абулқосими Фирдавсӣ

„Авесто" китоби муқад-
даси тоҷикон аст. Дар ин
китоб некию покӣ тарғиб
карда мешавад. Шиори
асосии ин китоби муқад-
дас „Пиндори нек, кирдори
нек, гуфтори нек" меба-
шад.

# ДАРСҲОИ 21-22

Сӯҳбат дар бораи тоза ва ботартиб гузоштани чизҳои хона ва асбобҳои хониш.

## ҲИКОЯ

Сайфиддин ва Саид ном ду бародар буданд. Ҳар ду дар як мактаб мехонданд. Сайфиддин ҳамеша чизҳои худро парешон мекард. Рӯзе дафтари худро ба рӯйи хона беларвоёна партофта буд. Саид дафтари бародари худро сиёҳ кард. Рӯзи дигар дар мактаб муаллима дафтари чиркини Сайфиддинро дида ӯро танбеҳ дод.





Шабона Сайфиддин ба модари худ аз Саид шикоят карда гуфт:

– Ба сабаби бадкирдории ӯ ман бисёр хиҷолат кашидам.

Модараш гуфт:

– Дар ин кор на танҳо бародарат, балки худат ҳам гунаҳгорӣ.

Чаро ту ҳамеша чизҳои худро парешон мепартоӣ ва сариштa намекунӣ? Агар дафтару китоб ва асбобу анҷоми мактабиро бо дасти худ тартиб кунӣ, касе ба чизи ту даст намерасонад. Масал аст, ки «чизи худро эҳтиёт кун, ҳамсояатро дузд магир».

Садриддин Айнӣ

**сариштa** – саранҷом
**хиҷолат** – шарм доштан

1. Дар матн сухан дар бораи киҳо меравад?
2. Муаллима ба кадоме аз бародарон ҷазо дод?
3. Модар кадоме аз бародаронро гунаҳкор ҳисобид?
4. Оё бо шумо низ чунин воқеа рӯй додааст?
5. Аз ҳикоя чӣ хулоса баровардед?

Аз матн ҷумлаҳоеро ёфта, нависед, ки рафтори Сайфиддинро муайян кунанд.

1. Мо дар бораи ҷумла чӣ медонем?
2. Ҷумла аз чиҳо иборат аст?
3. Калимаҳо дар ҷумла чӣ хел навишта мешаванд?

1. Калимаҳои **бепарвоёна** ва **эҳтиёт**ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
2. Рӯбардор: «Худамро месанҷам». Ба хотир оред: аввали ҷумлаҳоро бо кадом ҳарф менависем? Дар охири ҷумла чӣ гуна аломат мегузорем?

Бачаи боҳуш чизҳои худро ҳамеша сариштa мекунад, ҳар чизашро ба ҳар ҷой намепартояд. Ҳар бача, ки чизҳояшро бо дасти худ сариштa накунад, худ гунаҳкор аст.

Садриддин Айнӣ

## 2. КАЛИМА. ҶУДО КАРДАНИ КАЛИМАҲОИ ҶУМЛА

### ДАРСҲОИ 23-24

### ДЕҲАИ ЛОЛАГӢ

Ҳисор яке аз водиҳои зебоманзари Тоҷикистон мебошад. Он ба пойтахти Ватанамон – шаҳри Душанбе наздик аст.

Боре ҳамроҳи падарам ба Ҳисор, ба деҳаи Лолагӣ сафар кардем. Ин номро бори аввал шунидам, ки ба назарам хеле аҷиб намуд. Ман аз падарам пурсидам:

– Чаро деҳа Лолагӣ ном гирифтааст? Оё дар он лолаҳо бисёранд?

– Падарам андаке андеша карду гуфт:

– Ривояте ҳаст, ки замоне лашкари муғулҳо ба водии Ҳисор ҳуҷум карда, хостаанд, ки халқи онро ба худ ғулом кунанд. Марду зан, пиру ҷавони Ҳисор бар муқобили лашкари муғул қаҳрамонона ҷангиданд. Лашкари душман беҳисоб буд. Дар майдони ҷанги нобаробар муҳофизони хоки Ҳисор ҳамагӣ кушта шуданд. Аз ҳамон замон то имрӯз ҳар сол дар атрофи ин деҳа ҳазорҳо лола мерӯянд. Аз ин рӯ деҳа Лолагӣ ном гирифтааст.

**андеша** – фикр
**муҳофиз** – ҳимоятгар
**лашкар** – артиш, сипоҳ

1. Бо калимаҳои **Душанбе**, **Ҳисор** ва **Лолагӣ** ҷумлаҳо нависед.
2. Калимаҳои **зебоманзар**, **қаҳрамонона**, **муҳофизон**ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

1. Барои чӣ ҳарфи аввали калимаи **Лолагӣ**, **Душанбе** бо ҳарфи калон навишта шудааст?
2. Гӯед, ки номҳои киҳо ва чиҳоро бо ҳарфи калон менависем?

ИМЛО

## ДАРСҲОИ 25-26

Матнро хонед. Мазмунашро нақл кунед. Зарбулмасалҳоро аз ёд кунед. Калимаҳои **ранҷ** ва **ганҷ**ро муқоиса кунед. Ба ҷойи ҳарфҳои аввал ҳарфҳои **п**, **с** гузоред ва калимаҳоро хонед.

### РИВОЯТ

Рӯзе Хоҷа Аҳрори Валӣ ба зиёрати ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ меояд. Мебинад, ки Мавлоно ба тоза кардани алафҳои полиз машғул аст. Хоҷа бо нияти кӯмак пинҳонӣ каромоте кард. Полиз аз алафҳои бегона тоза шуд.

Мавлоно аз ин кор ҳайрон нашуд. Ӯ низ пинҳонӣ кароморте кард, тарбузе пухт. Бо он тарбуз меҳмонро зиёфат кард. Хоҷа Аҳрори Валӣ бехабар аз каромоти Мавлоно ва дар ҳайрат аз тарбузи дар аввали баҳор пухта чашиду дар он мазае пайдо накард. Сабабро аз Мавлоно пурсон шуд. Ӯ дар ҷавоб гуфт:

– Бо каромот тамоми алафҳо аз полиз нест мешаванд, меваҳою ҳосили дигар низ пухта мерасанд. Вале танҳо самараи заҳмат ширин шуда метавонад, на натиҷаи каромот.

Ривояти халқӣ

То кас накашад ранҷ,
Ҳосил нашавад ганҷ.

**каромот** – мӯъҷиза



1. Хоҷа Аҳрори Валӣ киро мебинад?
2. Ӯ чӣ кароmote мекунад?
3. Дар ҷавоб Мавлоно чӣ каромот нишон дод?
4. Чаро тарбуз мазае надошт?
5. Зарбулмасал чӣ маъно дорад?

1. Ду ҷумлаи аввали матнро рӯбардор намоед. Ҷумлаи якум аз чанд калима иборат аст? Калимаи аввал кадом аст? Дуюм-чӣ? Сеюм-чӣ?...

2. Ин калимаро хонед: **батозакарданиалафҳо**. Чаро мушкилӣ кашидед? Акнун ҷудо карда хонед: **ба тоза кардани алафҳо**. Чиро мушоҳида кардед?

Ҳарфҳои калимаи тарбузро аз боло ба поён нависед ва бо ҳар яки онҳо калима ёбед, савол гузоред ва нависед:

Тарона, ...
**А** ...
**Р** ...
**Б** ...
**У** ...
**З** ...

## ДАРСҲОИ 27-28

Дар бораи одоби муомила чӣ медонед? Фикратонро баён кунед.

### ДАР ОДОБ НАРМ БУДАН

Ба тундиву тезӣ одат накун, нармдил бош. Дағалӣ накун. Дуруштиву дағалӣ кунӣ, меҳрубонӣ намебинӣ.

Бо одамон муросо кун. Агар муросо накунӣ, дӯст ҳам душман мешавад.

Ҳеҷ гоҳ бадӣ накун, ки бадӣ хислати хуб нест.

Агар касе туро озор диҳад, бикӯш, то ӯро озор надиҳӣ. Беозорӣ сифати хуби инсон аст.

Мазмун аз "Насиҳатнома"-и Унсурулмаолии Кайковус

**тундӣ** – бадқаҳрӣ
**муросо** – созиш, сулҳ
**дуруштӣ** – дағалӣ

1. Кайковус бештар чиро таъкид кардааст?
2. Бо дӯсту душман созиш кардан чӣ маънӣ дорад?
3. Барои чӣ беозорро ҳурмат мекунанд?

**Муомилаю муросо, сулҳу созиш гарави оромию осудагии инсон аст.**

1. Ҷумлаи чорумро рӯбардор кунед. Калимаҳоро шумуред.
2. Бо калимаҳои **тезӣ**, **дӯстӣ**, **дағалӣ** ҷумла созед.
3. Калимаҳои муқобилмаънои сутуни чапро аз калимаҳои сутуни рост ёфта нависед:

| | |
|---|---|
| сулҳ | шом |
| субҳ | некӣ |
| бадӣ | душманӣ |
| дӯстӣ | ҷанг |

4. Дар охири калимаҳои **бадӣ**, **дӯстӣ**, **некӣ**, **душманӣ** кадом ҳарф омадааст?

Хислатҳои нек ва бадро муайян кунед.



## ДАРСҲОИ 29-30

1. Калимаи "Ватан"-ро шарҳ диҳед? Аз харита Ватани азизамонро ёбед.
2. Суруди миллии Тоҷикистонро сароед.

### ВАТАН

Хоки Ватанам сурмаи чашмони ман аст,
Рӯйи Ватанам ойнаи рахшони ман аст.
Нури Ватанам офтоби тобони ман аст,
Меҳри Ватанам дар дили ҷӯшони ман аст.
Манро Ватанам тарбия бисёр намуд,
Фарзанди ба худ неку вафодор намуд.
Дарвозаи иқбол ба рӯям бикушод,
Пас хизмати ӯ хитоби виҷдони ман аст.

Ашӯр Сафар

1. Мазмуни шеърро нақл кунед.
2. Дар бораи Ватан чиҳо гуфта шудааст?
3. Чаро шоир хоки Ватанро ба сурмаи чашм, ойнаи рахшон, офтоби тобон монанд кардааст?

1. Шеър аз чанд сатр ё мисраъ иборат аст? Мисраъҳои 5 ва 6-ро нависед. Кӯшиш кунед, ки ҳар мисраъ дар як хати варақ ҷой гирад. Калимаҳои ин мисраъҳоро ҳисоб кунед.
2. **Имлои эҷодӣ.** Калимаҳоро дуруст ҷо ба ҷо карда, мисраъро барқарор кунед.

бикушод, дарвоза, иқбол, ба рӯям

Ҳисор водии обод ва зе-
бо аст. Дар Ҳисор Қалъ-
аи таърихӣ мавҷуд аст.
Шаҳри Душанбе низ дар
водии Ҳисор ҷойгир шуда-
аст. Душанбе пойтахти
Ватанамон мебошад.

## ДАРСҲОИ 31-32

1. Матнро хонед. Мазмуни онро нақл кунед.
2. Дар бораи падар ва дӯстони падаратон ҳикоя кунед. Онҳо чӣ хел одамонанд?

### ҚАДРИ ПАДАР
(ҳикоят)

Мегӯянд, ки рӯзе шахсе аз хона берун баромад. Д...
роҳ мардеро дучор шуд. Мардро ба хонааш бурда,

бисёр эҳтиром кард ва чаҳор ҳазор дирам ба ӯ дод. Он мард дар ҳайрат монду гуфт:

– Эй бародар, ман туро ҳаргиз намешиносам ва ба ту ҳаргиз некӣ накардаам. Ин инъом ба чӣ сабаб кардӣ?

Он мард гуфт:

– Аз баҳри он ки ту ба падарам монанд ҳастӣ, ҳурмату икром аз барои он кардам.

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,
Зинда бо фарзанд монад номи мард.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**икром** – ҳурмат, эҳтиром
**инъом** – тӯҳфа, ҳадя
**дирам** – танга, пул



1. Мард дар роҳ киро дид ва ӯро ба куҷо бурд?
2. Чаро мардро он шахс эҳтиром кард?
3. Чаро он мард аз корҳои кардаи шахс дар ҳайрат монд?
4. Шахс дар ҷавоби ҳайрати мард чӣ гуфт?



1. Дар мавзӯи «**Қадри падар**» матни мухтасар тартиб диҳед. Матнро ин тавр сар кунед:

Падарам ҳар саҳар ба кор меравад...



1. Шеърро аз ёд кунед.



2. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ ёфта, ҷумлаҳо тартиб диҳед:

| | |
|---|---|
| ... борид | ... давид |
| ... хунук шуд | ... парид |
| ... вазид | ... хӯрд |

3. Нақшаи ҷумлаи зеринро кашед ва шарҳ диҳед:

Падарам ба ман китоби ранга харид.

Сӯҳбат дар бораи ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ. Ба хотир овардани мазмуни китобҳои хониши берун аз синф.

## АФСОНА

Рӯбоҳе ба чоҳе фурӯд омад ва серӣ об нӯшид, вале аз чоҳ баромада натавонист.



Бузаке барои обнӯшӣ омад. Вай рӯбоҳро дида, пурсид:

– Ҳамсояҷон, оби чоҳ ширин аст?

Рӯбоҳи маккор гуфт:

– Ман дар умрам чунин оби ширин нахӯрда будам. Барои ҳамин ҳам, чунон ки мебинӣ, аз ин ҷо баромадан намехоҳам. Бузак ҳам ба чоҳ фурӯд омад ва серӣ об нӯшид. Хост аз чоҳ бароянд, вале натавонист. Рӯбоҳ гуфт:

– Аз об хуб сер шудӣ? Биё, акнун сари ду по рост шав, ман боло бароям ва баъд туро ҳам кашида барорам.

Бузи сода сари ду по рост шуд. Рӯбоҳи маккор ба китфи буз баромада, берун ҷасту рафтан гирифт. Бузи бечора зорию тавалло кард: "Ба ман ёрӣ деҳ!" Рӯбоҳ гуфт:

– Эй бузи беақл, пеш аз фуромадан ба чоҳ бояд илоҷи баромаданро фикр мекардӣ. Акнун, чи хел ки хоҳӣ, ҳамон тарз баро!

1. Чаро рӯбоҳ ба чоҳ ҷаҳид?
2. Буз ба рӯбоҳ чӣ гуфт?
3. Рӯбоҳ чӣ ҷавоб дод?
4. Баъд чӣ воқеа рӯй дод?
5. Рӯбоҳ ба зорию таваллои буз чӣ ҷавоб гардонд?
6. Ба афсона чӣ ном мегузоред?
7. Шумо кадомашро ҷонибдорӣ мекунед? Барои чӣ?

1. Мазмуни афсонаро бори дигар нақл кунед. Мо дар бораи рӯбоҳ чӣ медонем? Дар бораи буз-чӣ?
2. Оид ба мазмуни афсона расм кашед.
3. Калимаҳои зеринро бо тартиб гузошта як ҷумла созед.

бисёр, монд, рӯбоҳе, ташна.

Ҷумларо ин тавр сар кунед:

Рӯбоҳе...

4. Калимаҳои **ташна**, **рӯбоҳ** ва **бузро** ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед:
5. Ҳарфи охири калимаи рӯбоҳ кадом аст, дар зераш хат кашед.

Чистонро хонед ва ба зери ҷавоби дуруст хат кашед.

Дорад даҳону забон надорад,
Сад чӯб занӣ, фиғон надорад.
А. Буз Б. Моҳӣ В. Рӯбоҳ

## ДАРСҲОИ 35-36

### ХОРАКУ ХАСАК

Буданд, набуданд, Хораку Ҳасак ном ду хорпуштаки дӯстони ҷонӣ буданд. Рӯбоҳе ба дӯстии онҳо ҳасад бурд ва хост ҳар дуро ҷудо кунад. Аввал ӯ назди Хорак омад. Хорак дар теппачае занбурӯғ мечинд. Рӯбоҳ гуфт:

– Хорак, о Хорак! Медонӣ, Хасак дар ҳаққи ту чиҳо гуфта гаштааст?

– Медонам ,– ҷавоб дод Хорак.

Рӯбоҳ гаранг шуд. Вай ин ҷавобро интизор набуд, зеро ӯ ба Хорак гапи дурӯғу бофтаи худро гуфтанӣ буд.

– Ин гапҳоро ҳоло касе намедонаду ту аз куҷо медонӣ? – пурсид рӯбоҳ.

Аммо Хорак дигар ба сухани рӯбоҳ гӯш надоду ба тӯби кулӯлаи пур аз сӯзан табдил ёфта, ғелон-ғелон аз теппа фуромад. Рӯбоҳ, ки ҳилааш нагузашт, сахт ба ғазаб омад ва ба хонаи Хасак рафт.

– Хасакҷон, медонӣ, Хорак дар ҳаққи ту чиҳо гуфта гаштааст? – айёрона пурсид рӯбоҳ.

– Медонам, – ҷавоб дод Хасак ва ба рӯбоҳ эътибор надода, ба раҳаш рафт.



Зоғи пире, ки дар шохи дарахт нишаста рафтори рӯбоҳро тамошо мекард, гуфт:

– Худатро ин қадар азоб надеҳ. Наход як чизи одиро нафаҳмӣ: дӯсти ҳақиқӣ медонад, ки дӯсташ дар бораи вай ягон гапи бад намегӯяд.

(Аз маҷалла)

1. Хораку Хасак чӣ гуна дӯст буданд?
2. Рӯбоҳ чӣ мақсад дошт?

3. Вай ба Хасак чӣ гуфт?
4. Хасак чӣ кор кард?
5. Рафтори рӯбоҳро чӣ тамошо мекард?
6. Зоғ ба рӯбоҳ чӣ гуфт?
7. Дӯсти ҳақиқӣ чӣ хел мешавад?

1. Чаро калимаҳои **Хорак**, **Хасак** бо ҳарфи калон навишта шуда аст?
2. Калимаҳоро нависед ва бо онҳо ибораҳо тартиб диҳед: **ҷонӣ, ҳасад, гаранг, дурӯғ, ҳила, айёрона.**
3. Байтро беғалат нависед ва ба зери калимаҳои **ӯ**-дор хат кашед.

Барои дӯстон ҷонро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун.

Абдураҳмони Ҷомӣ

4. Калимаҳои ҳаммаънои **дӯст**, **фидо**ро ёбед.
5. Дар бораи дӯсти ҳақиқӣ ду ҷумла нависед.

## ДАРСҲОИ 37-38

Ба расмҳо нигоҳ карда, номи ҳайвонҳоро гӯед:



## ОҚИБАТИ ДУЗДӢ

Муше чанд сол дар дӯкони баққол буд ва аз нуқлҳои хушк ва меваҳои тар мехӯрд. Баққол инро медид ва чашм мепӯшид ва мушро ҷазо намедод.

Рӯзе нафси бади муш аз ҳад гузашт. Вай ҳамёни баққолро бибурид ва ҳар симу заре, ки дошт, ба хонаи худ кашонд.

Баққол донист, ки ин кори муш аст. Гурбавор камин гирифт, мушро дошт ва риштаи дароз дар пойи ӯ баст ва бигзошт, то ба сӯрохи худ дарун рафт. Баққол ба андозаи



ришта қаъри хонаи мушро бидонист. Аз дунболи ӯ он сӯрохро биканд, то ба хонаи вай расид. Хонае дид, пур аз симу зари сурху сафед.

Тангаҳои худро бигирифт ва мушро ҷазои сазовор дод.

Абдураҳмони Ҷомӣ

**қаър** – чуқурӣ
**нуқл** – хӯрданиҳои гуногун
**симу зар** – нуқраю тилло
**камин кард** – пойид
**баққол** – дӯкондори маводи хӯрокворӣ

1. Муш дар куҷо зиндагӣ мекард?
2. Муш ҳамёнро чӣ кор кард?
3. Баққол мушро чӣ кор кард?
4. Ӯ тиллою тангаҳои худро чӣ тавр ёфт?
5. Ба ин ҳикоя шумо чӣ ном (сарлавҳа) мегузоред?

1. Ҷумлаҳои якуму дуюмро рӯнавис кунед.
2. Ҷумлаи якум аз чанд калима иборат аст? Ҷумлаи дуюм-чӣ?
3. Калимаи **мушро** аз чап ба рост хонед. **Шум** чӣ маъно дорад?

Ҳарфҳоро аз рӯйи рақамҳо ҷо ба ҷо гузошта калимаҳои нав созед.

| к | и | т | о | б |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 4 | 3 | 2 | 5 |

| к | а | м | о | л |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 5 | 4 | 3 |

| қ | о | б | и | л |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 5 | 4 | 3 |

## ДАРСҲОИ 39-40

### РИВОЯТ

Марде зери девор мехобид. Нафаре ӯро бедор карда, гуфт:

– Бархезу бигрез, ки девор ин замон фурӯ афтад.
Дарвоқеъ девор ҳамон лаҳза фурӯ рехт. Мард гуфт:
– Эй бародар, ту кистӣ, ки чунин некӯие бар ман кардӣ?
Гуфт:
– Шайтонам.
Мард ҳайрон монду гуфт:
– Пас, сирри амали ту чӣ буд?
Шайтон ҷавоб дод:
– Ҳар касе зери ин девор мемонд, ҷойи ӯ биҳишт мешуд.

Мазмун аз Кошифӣ

1. Аз рӯйи мазмуни матн нақли хаттӣ нависед.
Нақшаи нақли хаттӣ:
   - Кӣ хоб буд?
   - Ӯро кӣ бедор кард ва чӣ гуфт?
   - Мард чаро дар ҳайрат монд?
   - Шайтон чӣ ҷавоб дод?

Калимаҳо барои истифода:

фӯрӯ, дарвоқеъ, накӯӣ, шайтон, ҳайрон, сир.

2. Нақли навиштаатонро хомӯшона хонед ва гӯед, ки аз чанд ҷумла иборат аст? Ҳарфи аввали ҷумлаҳоро чӣ тарз навиштед? Дар охири ҷумлаҳо чӣ гуна аломат гузоштед?
3. Бо калимаи **девор** ҷумла нависед. Нақшаи онро кашед ва шарҳ диҳед.





1. Одамон барои деворзанӣ аз чиҳо истифода мебаранд?
2. Хишт чанд кунҷ дорад?
3. Хона аз кадом қисмҳо иборат аст?
4. Дар бораи пойдевор, девор, дару тирезаҳо, бом чиҳо гуфта метавонед?

1. Аз қаламу ҷадвал истифода карда нақшаи синфро кашед.
2. Ҷумларо ба охир расонед:

Хишт чор ...

Халқи тоҷик ҳамеша
дӯстиро тарафдорӣ ме-
кунад. Зеро хуб медонад,
ки меваи дӯстӣ ширин
аст. Меваи аз ҳама ши-
рини дӯстӣ сулҳу амонӣ
мебошад.

## ДАРСҲОИ 41-42

1. Шеърҳои дар бораи Ватан аз ёд кардаатонро ба хотир биёред.
2. Дар бораи кӯҳсорон, сабзаю гулҳо, боғу саҳроҳо, шаршараю обҳои водиҳо дидаю шунидаҳоятонро ҳикоя кунед.

### ТОҶИКИСТОН

Ҳар куҷо будам, набудам,  
Ман ҳамон фарзанди деҳқони туям.  
Дар хаёли реги кӯҳсори ту ман ғам мехӯрам,  
Аз барои сабзаю хори ту ман ғам мехӯрам.  
Аз гулӯям нагзарад нони ту бе ғамҳои ту,  
Бе ғами ту ман нанӯшам об аз дарёи ту...  
Аз ту ман сарват намехоҳам,  
Ватан ҳастӣ, бас аст,  
Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст.

**Бозор Собир**

1. Одамон ватанашонро барои чӣ дӯст медоранд?
2. Чаро хасу хори Ватан аз сарват беҳтар аст?
3. Шоир худро фарзанди кӣ мешуморад?

Ба саволҳо бо 2-3 калима ҷавоб нависед:
1. Тоҷикистон Ватани кист?
2. Ба мо чӣ азиз аст?
3. Сарват азиз аст ё пораи хоки Ватан? Чаро?
4. Дар ин шеър кадом бойигариҳо номбар шудаанд?

1. Калимаҳои **деҳқон**, **фарзанд**, **кӯҳсор**, **гулӯямро** ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед. Миқдори ҳиҷоҳоро дар ин калимаҳо чӣ тарз муайян кардед?
2. Бо калимаҳои **Тоҷикистон**, **фарзанд**, **Ватан** ҷумлаҳо нависед.
3. Сӯҳбат ба тариқи муколама (се-чор ҷумла).

## ДАРСҲОИ 43-44

1. Дар бораи муаллиматон ҳикоя кунед.
2. Матни **Муаллимро** хонед, бо калимаҳои **эҳтиром, саодат, арзанда, мӯътабар, васф** яктой ҷумла тартиб диҳед.

### МУАЛЛИМ

Муаллим! Чӣ сухани пурмаънӣ?! Ӯ шахсест, ки илму адаб меомӯзонад, роҳи бахту саодат ва ҳаётро нишон медиҳад. Муаллим мураббӣ ва раҳнамои зиндагист.

Бузургон гуфтаанд:

"Ҳаққи устод аз падар беш аст
В-аз падар устод дар пеш аст."




Муаллим ба мо хондан, навиштан, ҳисоб кардан ва фикр карданро ёд медиҳад. Моро бо китоб, ки ганҷи бебаҳо ва дӯсти бовафост, ошно мегардонад. Минбаъд ин дӯсти ғамхор моро бо оламу одам шинос мекунад ва мо ҳам оламро ва ҳам худро мешиносем.

Барои шогирд бузургтарин шахс муаллим аст. Обрӯйи муаллим шогирди хуби ӯст.

Расад ҷон бар лаби бечора устод,
Ки ҳарферо ба шогирде диҳад ёд.

**тавсиф** – таъриф
**беш** – бисёр, зиёд
**ҳидоят** – раҳнамой, роҳ нишон додан

1. Ду байти дар боло хондаатонро аз ёд кунед.
2. Бо калимаҳои **омӯзгор**, **устод**, **хирадманд** ҷумла тартиб диҳед. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
3. Калимаи муқобилмаънои **тоза ифлос** аст. Менависем: **тоза – ифлос**. Шумо калимаҳои муқобилмаънои **дур**, **шитоб**ро ёфта, нависед.

ч
ҷ
чӯб чистон чарх

Ребус.

шоҳ +  = ?    100 +  = ?

 +  + а = ?    тар +  = ?

4 +  = ?

 +  = ?

 +  + а = ?

хуш + бӯй = ?

## ДАРСҲОИ 45-46



Мо дар бораи муаллим чиҳо медонем?

### МЕҲРНОМА



Ташаккур бар ту бодо, устодам,
Ман аз ғамхорият бисёр шодам.
Туро як умр хоҳам кард таъзим.
Ки бар ман додай бо сидқ таълим.
Зи ту омӯхтам дарси шуҷоат,
Зи ту омӯхтам азму рафоқат.
Зи ту омӯхтам ман росткорӣ,
Зи ту омӯхтам ман устуворӣ.
Ба номи ту бувад ин меҳрнома,
Кунад умри ту чун дарё идома.

Нарзулло Тилло

**сидқ** – аз таҳти дил
**шуҷоат** – далерӣ, нотарсӣ
**рафоқат** – дӯстӣ, ҳамдилӣ

1. Калимаи **омӯхтамро** ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

ҷ Ҷ ҷ

ҷарӯб ҷав ҷӯй

Кӣ тезтар ҳарфи ҷ-ро ба ҷойи нуқтаҳо гузошта метавонад:

ан • ир, • адвал, • ав, пан • , мав • , • ӯяк, Карим • он, ҳу • ра, зан • ир, • ой, • орӯб, • ӯйбор.

1. Дар бораи муаллиматон матн (3-4 ҷумла) нависед ва худатон ном (сарлавҳа) гузоред. Матнро ин тавр сар кунед:

Ман дар синфи ...

2. Дар ҳар ҷумла чанд калима навиштед?

## ДАРСҲОИ 47-48

1. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Дар бораи аҳамияти илму дониш дар ҳаёти инсон сӯҳбат кунед.

### УМРИ АСОСӢ

(ривоят)

Искандар дар вақти сафарҳо ба шаҳре расид. Ин шаҳр обу ҳавои хуш ва дарахтони сермева дошт. Вақти тамошои ин шаҳр Искандар дар қабристон ба навиштаҷоти рӯйи гӯрҳо эътибор дод. Дар як гӯр як солу дар дигаре панҷ сол, дар сеюмӣ чор сол навишта буданд. Аз ин ҳол дар ҳайрат афтода, гуфт, ки ин ҷо чӣ сир бошад?

Барои ба ин саволаш ҷавоб ёфтан Искандар одамони мӯътабари шаҳрро ба назди худ даъват кард ва ҳақиқати ҳолро пурсон шуд.



Онҳо гуфтанд:

– Дар шаҳри мо умри асосӣ он миқдоре аст, ки дар сӯҳбати олимону донишмандон ва омӯхтани илм сарф шуда бошад. Аз ин рӯ ҳар касе аз мо бимирад, ҳисоб мекунанд, ки чӣ қадар умрашро сарфи илм ва сӯҳбати олимон кардааст. Ҳамин миқдорро мо умри асосӣ меҳисобем.

Ин суханон ба Искандар таъсир кард. Баъд аз он ӯ тамоми донишмандонро дар даргоҳи худ ҷамъ оварда, ҳар рӯз аввал аз сӯҳбати онҳо баҳра мебурд, сипас ба кори давлатдорӣ машғул мешуд.

**олам** – ҷаҳон
**мӯътабар** – обрӯманд, иззатманд
**баҳра** – фоида

ъ

аъло шеър Саъдӣ

1. Калимаҳои **об**, **дарахт**, **сермеваро** ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

Калимаҳо ба ҳиҷоҳо ҷудо мешаванд. Дар ҳар ҳиҷо як овоз садонок аст. Дар калима чанд овози садонок бошад, ҳамон қадар ҳиҷо мешавад.

2. Ҳиҷоҳоро ҷо ба ҷо гузоред: | ли | о | мон |

Кадом калима ҳосил шуд? Дар ҳар калима чанд ҳиҷо ҳаст? Барои чӣ?

3. Шеърро аввал хонед, баъд нависед.

Чу шеъ-ри Рӯ-да-кӣ зе-бост,
Чу му-си-қӣ фа-раҳ-аф-зост.
Дар о-лам аз ҳа-ма ши-рин,
За-бо-ни мо-да-ри-и мост...

Алӣ Бобоҷон

## ДАРСҲОИ 49-50

1. Дар бораи илму дониш аз дарсҳои гузашта чизҳои ёд гирифтаатонро ба хотир биёред.
2. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

### ДАРАХТЕ, КИ МЕВАИ ҲАЁТБАХШ ДОРАД



Подшоҳе аз як китоб хонд, ки дар Ҳиндустон дарахте ҳаст. Касе меваи ин дарахтро хӯрад, на пир мешавад, на мемурад. Подшоҳ намояндаи худро ба Ҳиндустон равон кард. Ин одам тамоми Ҳиндустонро ҷустуҷӯ карда дарахтро наёфт.

Пеш аз баргаштан ба Ватан назди як олими бузург рафт, ки дар Ҳиндустон зиндагӣ мекард. Мард баъди зиёрати олим аз бебарории сафараш шикоят кард. Олим хандид ва гуфт:

– Эй бародар, бидон, ки ин дарахт илм аст. Бирав, аз дарахти илм баҳра бигир, дониш омӯз, то дар зиндагӣ ба ту меваи ширин диҳад.

"Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қуфлкушои ҳама дарҳост илм".

Мазмун аз Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ

1. Подшоҳ аз хондани китоб чиро фаҳмид?
2. Вай ба намояндаи худ чӣ гуна фармон дод.
3. Он шахс аз сафари бебарор ноумед шуда, назди кӣ рафт?
4. Олим ба ӯ чӣ гуфт?
5. Чаро илмро дарахти ҳаётбахш мегӯянд?

1. Байтро аз ёд кунед.
2. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед:

дарахт, подшоҳ, мева, ҳаёт, маъно, олим.

Ба саволҳо бо 2-3 калима ҷавоб диҳед:

1. Ҷавон ноумедии худро ба кӣ гуфт? Ба олим.
2. Дарахти ҳаётбахш чист?
3. Илм тоҷи сари чист?
4. Пандро аз ёд кунед:

**Шохи дарахти мевадор хам аст.**

5. Бо калимаҳои **бузург, дарахт, олим, доно** ҷумлаҳо созед.

*Инсон ба шарофати ақлу хиради худ хушбахтона зиндагӣ мекунад. Вай ақлу хирад ва илмро аз китобҳо, устодон ва аз таҷрибаи зиндагӣ меомӯзад. Кас бисёр хонад, бисёр медонад. Одамони донишманд ва хирадмандро халқ эҳтиром мекунад.*

## ДАРСҲОИ 51-52

1. Дар бораи ду фасли сол – баҳору тирамоҳ чизҳои медонистагии худро ба хотир оред.
2. Калимаҳои **хуррам, лаззат**ро нависед ва гӯед, ки кадом ҳарф - ҳо такрор омадаанд.

3. Номи меваҳои дӯстдоштаатонро нависед.

## ТОҶИКИСТОН

Аҷаб бой асту зебо кӯҳсорат,
Пур аз дурр кӯҳсори обшорат.
Шавӣ сарсабзу хуррам дар баҳорон
Мисоли боғу бӯстон баъди борон.
Ба тобистон чӣ ширин меваҳоят,
Ки ҷон роҳат кунад аз лаззати он!
Ба зиннат тирамоҳат ҳам баҳор аст,
Баҳори бехазонам, Тоҷикистон!
Ту озод ҳастию ман зинда бо ту,
Азизӣ мисли ҷонам, Тоҷикистон.

Абдусалом Деҳотӣ

**ганҷ** – хазинаи тилло, бойигарӣ
**дурр** – марворид, санги қиматбаҳо

1. Шеърро, ки калимаҳои он ба ҳиҷоҳо ҷудо карда шудааст, бурро хонед.

Ба зин-нат ти-ра-мо-ҳат ҳам ба-ҳор аст,
Ба-ҳо-ри бе-ха-зо-нам, То-ҷи-кис-тон!
Ту о-зод ҳас-ти-ю ман зин-да бо ту,
А-зи-зӣ мис-ли ҷо-нам, То-ҷи-кис-тон!

Калимаҳои мисраи якум чанд ҳиҷо доранд?
Дар ҳар ҳиҷо чанд овози садонок ҳаст?

2. Калимаҳои байти зеринро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

Ман Ватанро ошиқи дилдодаам,
Ман ба ҳар амри Ватан омодаам.

Гулчеҳра Сулаймонӣ

3. Калимаҳои **омода**, **Ватан**ро шарҳ диҳед. Намуна:
омода – тайёр, тайёр будан ба коре...

4. Бо калимаи **Ватан** ҷумла нависед ва нақшаи онро кашед.

5. Дар бораи тирамоҳи Тоҷикистон ҳикоя нависед.

## ДАРСҲОИ 53-54

1. Дар бораи Тоҷикистон чиҳоро медонед, ҳикоя кунед.
2. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.

### ВАТАН

Ватан, ватан, ватан, ватан,
Манам ба ту тани ба тан.
Касам, агар каси туям.
Хасам, агар хаси туям.
Вуҷуди туст аз ду тан
Тани замину ҷисми ман.
Ману туем ҳамбадан,
Ватан, ватан, ватан, ватан.

Бозор Собир



**вуҷуд** – ҳастӣ, мавҷудият
**ҳамбадан** – як чиз, ягона, яклухт

1. Дар шеър сухан дар бораи чӣ меравад?
2. **«Манам ба ту тани ба тан»** чӣ маънӣ дорад?
3. Шеър аз чанд мисраъ иборат аст?
4. Шуморед, ки дар ҳар мисраъ чанд ҳиҷо ва калима ҳаст?
5. Калимаи Ватан чанд бор омадааст?

1. Зарбулмасалро аз ёд кунед.

**Олими беамал – занбӯри беасал**

2. Рақамҳоро бо ҳарфҳо нависед:

1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10.

Калимасозӣ.

| | | |
|---|---|---|
| л | б | б |
| у | у | л |

| | | |
|---|---|---|
| к | о | с |
| ӯ | р | ҳ |

| | | |
|---|---|---|
| к | а | ш |
| в | и | р |

ИМЛОИ ЭҶОДӢ:
Аз калимаҳои **Ватан, кӯҳсор**, замин, об, **ҷӯй** истифода кунед.

# 3. ҲИҶО.
# ҶУДО КАРДАНИ КАЛИМАҲО БА ҲИҶОҲО

## ДАРСҲОИ 55-56

1. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Бойигариҳои асосии Тоҷикистонро номбар кунед.
3. **Хок, кӯҳу саҳро, обу одамон, забони модарӣ, тилло, дурро** истифода бурда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

### ХОКИ ВАТАН
(ривоят)

Марди кӯҳистонӣ аз деҳа харсавор мегузашт ки, ҷавоне аз ӯ пурсид:

– Дар харат чӣ бор дорӣ? Ба ман намефурӯшӣ?

– Барои харидани ин чиз на тиллоят мерасад, на зару зеварат.

– Чист он чиз, ки ин қадар бебаҳо будааст?

Марди кӯҳистонӣ чизе нагуфту аз хар фурӯд омад. Даҳони халтаро кушод. Ҷавон дар он хоки муқаррариро дид. Мақсади марди кӯҳистониро фаҳмид. Зери лаб бо ифтихор гуфт:

– Хоки Ватан!

**сарват – бойигарӣ**



1. Ҷавон ба марди кӯҳистонӣ чӣ гуфт?
2. Марди кӯҳистонӣ чӣ кор кард?
3. Ҷавон дар халта чиро дид?
4. Ҷавон чиро фаҳмид?
5. Ватани шумо куҷост?

1. Сарҳати охирини матнро нависед, ба аломатҳои китобат эътибор диҳед.
2. Калимаҳои **кӯҳистонӣ**, **тилло**, **муқаррариро** ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
3. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, ба сатри дигар гузаронед: **мерос, қасам, сарват, хок**.
4. Ба имлои ин калимаҳо эътибор диҳед: **бойигарӣ, аввал, халта, кӯҳистон, мақсад.**

5. Ба ҷойи нуқтаҳо ҳиҷоҳои заруриро монда, ҷумлаҳоро рӯбардор кунед.

1. Хок сарва... кӯ...тони ман аст
2. Тоҷикис... Вата... мо мебо...

Калимасозӣ:

| | | |
|---|---|---|
| б | о | б |
| ҳ | а | е |

| | | | |
|---|---|---|---|
| к | о | ӯ | н |
| т | и | с | ҳ |

| | | |
|---|---|---|
| с | р | в |
| а | т | а |

## ДАРСҲОИ 57-58

Мазмуни матнро бо дарсхонӣ, рафтору кирдори бачаҳои синфатон муқоиса кунед. Бо ёрии чӣ шумо муқоиса кардед?

### ХИРАД ВА ХИРАДМАНДӢ

Инсон бо хирад, яъне ақлу зеҳни худ фарқ мекунад. Касе ки ба қадри хирад намерасад, хору зор мешавад. Зеро инсон бе мадади ақлу хирад наметавонад роҳи дурусти зиндагиро пайдо кунад. Ҳар коре, ки бе раҳнамоии хирад анҷом дода мешавад, ҳатман боиси пушаймонӣ мегардад.

Касе, к-ӯ хирадро надорад ба пеш,
Дилаш гардад аз кардаи хеш реш...

Абулқосими Фирдавсӣ

Бинобар ин инсон бояд ҳамаи кирдору гуфтори худро бо ёрии хирад анҷом диҳад.

Инсон хирад ва донишро аз китоб ва таҷрибаи зиндагӣ ба даст меорад. Дар навбати худ хирад ва дониш роҳи зиндагии инсонро равшан месозанд, ӯро хушбахт мекунанд.

Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст...

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

**хирад** – ақл, ҳуш, зеҳн
**ҷавшан** – либоси ҷангии оҳанин
**кирдор** – кор, амал, рафтор
**реш** – маҷрӯҳ; пушаймон

1. Инсон ба қадри хирад нарасад, чӣ мешавад?
2. Ақлу хирад ба инсон чӣ мадад мерасонанд?
3. Одам хираду донишро аз чӣ ва чӣ тарз пайдо мекунад?
4. Роҳи зиндагии инсонро чӣ равшану ӯро чӣ хушбахт мекунад?

1. Матнро бори дигар хонед ва луғатҳоро шарҳ диҳед.
2. Калимаҳо ва ҳиҷоҳои ду панди матнро шуморед.
3. Имлои дурусти калимаҳои **хирадманд**, **саховатманд**, **ғамгинона**, **хонавода**, **зеҳн**ро машқ кунед.
4. Нависед, ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқро гузоред:

... кори хуб мекунад. Ӯ дар корҳои ... фаъолона иштирок менамояд. Дар ... ӯро таъриф мекунанд. Дониши... дорад. Ба ҳама ... дорад. Ҳеҷ... намеранҷонад.

Калимаҳо барои истифода:

Сомонтоҷ, мактаб, эҳтиром, хуб, кас, синф, ҳурмат.

5. Калимаҳои **пушаймонӣ**, **хирадмандӣ**, **раҳнамой**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
6. Пандҳои матнро аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 59-60

Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.

### БИРАВ, ЗИ ТАҶРИБАИ РӮЗГОР БАҲРА БИГИР
(ривоят)

Подшоҳи золиме дар тахт нишаста буд ки, шахси ҳайбатноке аз дар даромад.



Подшоҳ пурсид:

– Ту кистӣ ва туро ба назди ман кӣ роҳ дод?

Он мард гуфт:

– Ман он касе ҳастам, ки ҳеҷ дарбоне маро боздошта наметавонад ва аз сиёсати ҳеҷ подшоҳ наметарсам.

Подшоҳ каме андеша карду гуфт:

– Магар Азроилӣ?

Гуфт:

– Оре.

Подшоҳ ӯро зорӣ кард:

– Ба ман як рӯз мӯҳлат деҳ, то тавба кунаму узре хоҳам ва молҳое, ки дар хазина ниҳодаам, ба соҳибонаш баргардонам.

Азроил ба подшоҳ гуфт:

– Рӯзҳои зиёде дар ихтиёрат буд, акнун аз умри ту чизе намондааст.

Подшоҳ пурсид:

– Вақте ки маро ба он дунё ме барӣ, маро чӣ пеш хоҳад омад?

Азроил гуфт:

– Ғайр аз кирдорҳои бади ту чизе пешат нахоҳад омад.

**Азроил** – фариштае, ки ҷ и одамро мегирад
**ҳайбатнок** – б воҳима
**кирдор** – ко амал
**накӯ** – хуб нағз

Ба саволҳо хаттӣ ҷавоб нависед
1. Оқибати кори бад чӣ мешавад?
2. Аз мазмуни ҳикоя чӣ ибрат гир тан мумкин аст?

1. Аз калимаҳои **донишманд, б ил, фош, сахӣ, хиёнаткор** истифода карда ҷумлаҳоро пурра ед ва нависед.

1. Од ... д
2. Хиёнаткор сирри дигаронро ... мекунад.
3. Одами ... ба касе ёрӣ намедиҳад.
4. Марди ... ҳама дӯст медорад.
5. Одами ... халқ эҳтиром мекунад.

2. Пандро аз ёд кунед:

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ



3. Калимаҳоро нависед ва гӯед, ки кадоми онҳо хоси шумо аст:

| | | |
|---|---|---|
| ҳасадхӯр | раҳмдил | ғайбатчӣ |
| бадхашм | беозор | бадгумон |
| оқил | нек | пурсабр |

*Китоб дӯсти инсон аст. Аз он тамоми асрори олам-ро меомӯзем. Дар китоб дар бораи хислатҳои нек ва бади инсонӣ, пандҳо, ҳикоятҳо, зарбулмасалҳо ва ривоятҳо мавҷуданд.*

## 4. АЗ ЯК САТР БА САТРИ ДИГАР ГУЗАРОНИДАНИ ҲИССАИ КАЛИМА

### ДАРСҲОИ 61-62

Сӯҳбат дар бораи рамзҳои давлатӣ.

### НИШОНИ ДАВЛАТӢ

Рӯйи нишон мудаввар,
Пахта чу рамзи давлат.
Аз гандум аст, оре,
Рушду бақои миллат

Кӯҳ аст дар миёна,
Рамзе зи кӯҳсорон,
Ҳар қуллааш гувоҳест
Аз роҳи бахту армон.



Аз пушти қулла бо меҳр
Хуршед сар кашида.
Ин мулкро чу модар
Нураш ба бар кашида.

Маънист дар китобаш,
Илми замон ба сад ранг.
Моро ҳидояте з-ӯст
Дар шоҳроҳи фарҳанг.

Халифабобо Ҷумъазода

**армон** – орзу
**рамз** – аломат, нишон
**рушд** – инкишоф, пешравӣ, нумӯъ
**бақо** – доиман, ҳамешагӣ, ҷовид, поянда
**мудаввар** – давра, даврашакл, доира
**фарҳанг** – илм, маданият

1. Сохти нишони давлати мо чӣ гуна аст?
2. Дар он чиҳо тасвир ёфтаанд? Аз шеър ёбед.
3. Шумо дар бораи **офтоб (хуршед)**, **кӯҳҳо**, **пахта**, **ғалла**, **китоб** чиҳо медонед?

1. Шеърро бори дигар хонед. Калимаҳои **хуршед**, **қулла**, **меҳр**, **мулк**, **модарро** шарҳ дода, бо онҳо яктоӣ ҷумла тартиб диҳед.
2. Нависед, ки калимаи **хуршедро** боз чӣ мегӯем. Ҷумларо ин тавр сар кунед:

Хуршедро...

3. Расми нишонро мушоҳида карда, чизҳои дар он тасвирёфтаро шарҳ диҳед.
4. Бо калимаҳои **рамз**, **поянда**, **маданият** ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.

## ДАРСҲОИ 63-64

Мазмуни китобчаҳои хондаатонро нақл кунед.

### ОДОБИ МЕҲМОНӢ ВА ТАОМХӮРӢ

Дар меҳмонӣ ботамкин бошед. Дар сари дастурхон ба ҳар тараф нигоҳ накунед.

Таом ё меваро саросема нахӯред. Луқмаро калон нагиред. Бо даҳони пур аз хӯрок гап назанед.

1. Ҷумлаҳои якум ва дуюмро рӯбардор кунед.

Калимаҳо аз як сатр (хат) ба сатри дигар ба **ҳиҷоҳо** ҷудо карда, гузаронида мешаванд.

Як ҳарфро дар сатри боло мондан ва ё ба сатри дигар гузарондан мумкин нест.

2. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, ба ин тариқ ба сатри дигар мегузаронем:

меҳ-мо-нӣ, ме-ва, са-ро-се-ма, хӯ-рок.

3. Аввал хонед, баъд нависед, маънои зарбулмасалҳоро шарҳ диҳед.

Меҳ-нат бе ро-ҳат нест.
Сан-ги ваз-нин-ро об на-ме-ба-рад

4. Аз нақшаҳои додашуда нақшаи калимаро муайян кунед.

1. О О О О
2. ________
3. ______ ______ ______

## ПАНДИ ДЕҲҚОНИ ПИР

Касе намедонад, ки ин воқеа кай рӯй додааст. Муҳимаш он, ки дар ҳақиқат рӯй додааст.

Ҳангоми омадагӣ ба ҳуҷум душманон дур аз шаҳр марди деҳотии пиреро вохӯрданд. Онҳо хостанд иродаи ӯро озмоянд, то қудрату матонати аҳли ин кишварро фаҳманд.

Сардори аҷнабиён деҳқони пирро гуфт:

– Ман туро ҳамагӣ як рӯз ранҷ медиҳам. Яъне туро полон мезанаму савор мешавам, ту мисли хар ҳанг мезанию медавӣ. Ба ивази ин ранҷи якрӯза ту тамоми умр озод ва серу пур хоҳӣ буд. Чӣ гуфтӣ?

Деҳқони пир ҷавоб медиҳад:

– Ман ҳоло орзуи як умр озод будан надорам. Як умр озод буданам ба як рӯз озод буданам вобаста аст. Он як рӯз имрӯз аст!

Аҷнабиён ҳайрон мешаванд.

– Мо чизе нафаҳмидем. Чаро ту имрӯз озод будан мехоҳӣ?

– Агар ман имрӯз озод бошам, бо шумо лоақал чанд лаҳза меҷангам, – бо заҳрханда мегӯяд деҳқони пир.

Аҷнабиён ба деҳқони пир раҳм намекунанд, ӯро мекушанд ва рӯзи дигар ба шаҳр ҳуҷум мекунанд. Аммо ба мақсад намерасанд. Дар ҷанг шаҳриён ғолиб меоянд. Онҳо сардори аҷнабиёнро асир мегиранд.

Ҳангоми пурсуҷӯ сардори асирафтода ба шаҳриёни ғолиб чунин мегӯяд:

– Нисфи лашкари маро дирӯз як деҳқони пир нобуд карда буд!... Агар вай рӯҳи онҳоро намешикаст, мо имрӯз мағлуб на мешудем.

Азизи Азиз



**ачнабӣ – бегона**
**полон – чул, тукум**

1. Душманон бо кӣ вохӯрданд?
2. Сардор ба деҳқон чӣ гуфт?
3. Деҳқони пир чӣ ҷавоб дод?
4. Душманон деҳқонро чӣ кор карданд?
5. Барои чӣ аҷнабиён ба мақсад нарасиданд?
6. Дар бораи озодӣ чӣ медонед?
7. **Агар вай руҳи онҳоро намешикаст** чӣ маъно дорад?

1. Ҷумлаи **Аҷнабиён ҳайрон мешаванд**-ро нависед, калимаи **ҳайрон**ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

**Дар вақти гузарондани ҳиссаи калима ҳарфи й дар сатри аввал мемонад.**

2. Ин калимаҳоро барои ба сатри дигар гузаронидан ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед:

маймун, тайёр, ҳайвон.

й
Й

3. Бо ин калимаҳо ҷумла фикр кунед ва гӯед: Тойча, лой, бойигарӣ
4. Бо ин калимаҳо ҷумлаҳо нависед:

майна, чойник, пайғом, найза, майса.

## ДАРСҲОИ 67-68

Манзараҳои деҳа ё маҳаллаи худро ба ин деҳа муқоиса кунед, монандӣ ва фарқро ёбед.

### МЕҲРИ ДЕҲА

Мо деҳаи хурдакаки худро хеле дӯст медорем. Деҳаи моро аз чор тараф кӯҳҳои осмонбӯс печонидаанд. Баҳору тобистони деҳаи мо назаррабост. Ҳама ҷой бо қолини сабз рӯйпӯш, дарахтон ғарқи гулу мева. Кӯҳу ёла ҳама гулпӯш, аз дашту даман навои кабку булбул ба гӯш мерасад. Дар поёнии деҳа дарёи пурмавҷ – Зарафшон ҷорист.



Кӯҳу дамани деҳаи мо низ зебо аст. Дар кӯҳҳои Сангистон рустаниҳои шифобахш хеле зиёданд. Мо, бачагон, ҳамин ки моҳҳои май, июн фаро расид,

ба кӯҳҳо баромада, рустаниҳои шифобахш ҷамъ меоварем. Мо кӯшиш мекунем, ки ин гуна рустаниҳо нобуд нашаванд. Мо тамоми фасли сол ин рустаниҳоро эҳтиёт ва парвариш мекунем. Пеш аз гул ва нопухта кандани гулу гиёҳҳоро қатъиян манъ кардем. Вақти ҷамъоварӣ ҳеҷ гоҳ гиёҳҳоро бо реша намеканем. Мо дигаронро даъват менамоем, ки дар ғунучини гиёҳҳо эҳтиёткор бошанд.



1. Чаро бачаҳо деҳаашонро дӯст медоранд?
2. Кадом рустаниҳои дорувориро медонед?
3. Чаро нопухта ва бо реша кандани гиёҳҳо қатъиян манъ аст?

**даман** – домани кӯҳ, майдон
**ганҷ** – хазинаи тилло, нуқра ва ҷавоҳирот
**наво** – садо, овоз; нағмаи кабку булбул, навои асбобҳои мусиқӣ
**шифобахш** – давобахш;
**рустанӣ** – растанӣ

1. Ибораҳоро нависед ва шарҳ диҳед:
кӯҳҳои осмонбӯс, қолини сабз, ғарқи гул, навои булбул, оби зулол, рустаниҳои шифобахш, ганҷинаи бебаҳо.
2. Калимаҳои **қатъиян**, **ҷамъоварӣ**, **даъват**, **фаъол**, **шифобахш** ва **ганҷина**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

Ҳарфи **ъ** дар сатри боло монда, ба сатри дигар намегузарад. Калимаҳое, ки ҳарфи **ъ** доранд, ба сатри дуюм ин тавр гузаронда мешаванд: фаъ-ол, даъ-ват, ҷамъ-оварӣ...

3. Ин калимаҳоро ба сатри дигар гузаронед: **саъба, маъқул, инъом, неъмат.**

4. Калимаи **саъба** аз чанд ҳиҷо иборат аст? Ҷавоби дурустро ёбед:

А. Аз се ҳиҷо  Б. Аз ду ҳиҷо  В. Аз чор ҳиҷо

## 5. АЛИФБО. ОВОЗ ВА ҲАРФҲО

**ДАРСҲОИ 69-70**

Сӯҳбат дар бораи Ватан.

### ВАТАН

Боре як дӯстам пурсид:

– Ватан чӣ маъно дорад? Ман гуфтам:

– Ватан ҷойи таваллуди кас, зодгоҳи ӯст. Ватан ҳамон ҷоест, ки кас дар он зиндагӣ мекунад, бахти худро меёбад, аз обаш менӯшад, ниҳоят дар хокаш хок мешавад.

Дӯстам боз пурсид:

– Байни зодгоҳу Ватан чӣ фарқ ҳаст?

Ман гуфтам:

– Зодгоҳ ҳамон ҷоест, ки кас он ҷо таваллуд шудааст ва хуни нофи ӯ рехтааст. Ватани ҳамаи мо Тоҷикистон аст.

Дар Ватани мо ҳамаи нозу неъмат ва бойигариҳои табиӣ мавҷуданд. Обу ҳавои Тоҷикистон форам, табиаташ зебост. Одамонаш ҳалиму хоксор, меҳнатдӯст, меҳмоннавозанд. Ватани мо – Тоҷикистон таърихи бой дорад. Мо бо номи бузургони ӯ – Исмоили Сомонӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ифтихор дорем.

Мо дар Ватани худ озодона, хурраму хушбахтона зиндагонӣ мекунем.

Ҷалол Икромӣ

1. Ватани мо чӣ ном дорад?
2. Барои чӣ мо Ватанамонро чун модар дӯст медорем?
3. Мо бо ном ва корномаҳои киҳо фахр мекунем?
4. Пойтахти Ватани мо кадом шаҳр аст?

1. Калимаи **Тоҷикистон** аз чанд ҳиҷою чанд ҳарф иборат аст?

**Бо тартиб гузоштани ҳарфҳоро алифбо меноманд.**
**Ҳарфҳо калон (А, Б, В, Г,...) ва хурд (а, б, в, г,...) мешаванд.**
**Дар алифбои забонамон 35 ҳарф мавҷуд аст.**
**Ҷойгиршавии ҳарфҳо чунин аст:**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Аа** | **Бб** | **Вв** | **Гг** | **Ғғ** | **Дд** | **Ее** |
| *а* | *бе* | *ве* | *ге* | *ғе* | *де* | *йе* |
| **Ёё** | **Жж** | **Зз** | **Ии** | **Ӣ** | **Йй** | **Кк** |
| *йо* | *же* | *зе* | *и* | *ӣ* | *йи* | *ке* |
| **Ққ** | **Лл** | **Мм** | **Нн** | **Оо** | **Пп** | **Рр** |
| *қе* | *ле* | *ме* | *не* | *о* | *пе* | *ре* |
| **Сс** | **Тт** | **Уу** | **Ӯӯ** | **Фф** | **Хх** | **Ҳҳ** |
| *се* | *те* | *у* | *ӯ* | *фе* | *хе* | *ҳе* |
| **Чч** | **Ҷҷ** | **Шш** | **ъ** | **Ээ** | **Юю** | **Яя** |
| *че* | *ҷе* | *ше* | *сакта* | *э* | *йу* | *йа* |

2. Ин номҳоро бо тартиби алифбо нависед:

Айнӣ, бобо, гул, Воҳид, ғайрат, дил, Ёдгор, ёр, Ҳайрат, Икром.

3. Чаро баъзе номҳои боло бо ҳарфҳои калон навишта шудаанд? Ба онҳо савол гузоред.

4. Калимаҳои ду сатри (мисраи) аввали шеъри Ҳабиб Юсуфӣ **«Ватан»**-ро аз рӯйи тартиби ҳарфҳо нависед:

Барои Ватан ҷон фидо мекунем,
Ватан ҳар чи гӯяд, адо мекунем.

Ҳабиб Юсуфӣ

Намуна: адо, барои Ватанам,...

5. Қатори якуми алифборо аз **А** то **Ё** аз ёд кунед.

Чистонро рӯбардор кунед. Ҷавобашро ёбед.

Чанд ҳарф якҷо шавад,
Маънис пайдо шавад.
Агар номашро ёбӣ,
Дар дилу ҷон ҷо шавад.

ТЕЗГӮЯК:

Об нӯшанд аз шаршара
Даҳ даравгар дар дара

*Нишони давлати мо дав-*
*рашакл мебошад. Дар он*
*расмҳои пахта, гандум,*
*қуллаи кӯҳ, тасвир ёфта-*
*анд. Аз пушти қуллаи*
*кӯҳ офтоб мебарояд.*
*Расми китоб рамзи ил-*
*му фарҳанги миллати*
*мо аст.*

1. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Тасаввур кунед, ки дар ҳавлии шумо Карашма ва Калта зиндагӣ мекунанд.

## КАРАШМА ВА КАЛТА

(ҳикоя)

Дар ҳавлии деҳқоне як села мурғон зиндагӣ мекарданд. Онҳо хеле серғавғою серҳаракат буданд. Хурсандию хушбахтӣ, ташвишҳои зиндагии худро бо ҳамин ғавғояшон ифода мекарданд... қо-қо, қу-қу, қут-қудус...



Миёни села мурғе буд зебо, оқил ва ором. Вай бо ҳамин хислатҳояш аз дигар парандагон фарқ мекард. Ӯ аз бартариҳои худ, зебоию доноиаш намефахрид, хоксор буд. Лақаби ин мурғ ба худаш мувофиқ, Карашма буд. Ин лақабро ба вай барои зебоиаш гузошта буданд.

Вақтҳои охир Карашма аз ғавғою доду фарёди мурғони дигар, хусусан аз кашмакашу занозанию моҷарои бардавоми хурӯсакони ҷавон асабӣ мешуд, сараш дард мекард ва ҷойи хилват мекофт. Оқибат тоқати Карашма тоқ шуд. Вай ноаён ба ҳавлии ҳамсоя гузашт, то ки каме роҳат кунад. Ҳамин ки Карашма ба ҳавлии ҳамсоя даромад, як саги алои зеборо дид ва ба вай салом дод.

1. Мурғон дар куҷо зиндагӣ мекарданд?
2. Чаро лақаби мурғ Карашма буд?
3. Барои чӣ Карашма ба хонаи ҳамсоя рафт?
4. Чаро аввали лақаби Карашма бо ҳарфи калон навишта шудааст?
5. Аввали номи шумо бо чӣ гуна ҳарф навишта мешавад? Барои чӣ?

1. Ба ин қисми ҳикоя номи (сарлавҳа) мувофиқ фикр кунед.
2. Калимаҳои ҷумлаҳои якум ва дуюмро бо тартиби алифбо нависед. Намуна:

буданд, дар...

3. Қатори дуюми алифборо аз **Ж** то **Л** аз ёд кунед.



4. Кадоме аз қатори калимаҳо ба тартиби алифбо мувофиқат мекӯнад?

1. баҳор, зоғ, девор
2. азиз, борон, Ватан
3. адаб, сабза, духтар

Мазмуни қисми аввалро нақл кунед.

## ДАР МЕҲМОНИИ ДӮСТ

(давоми ҳикоя)

– Ассалому алайкум, саги доною зирак. Лақаби ман Карашма аст, аз ҳавлии ҳамсоя омадам.



– Ваалайкум ассалом, ман туро медонам, ту Карашма ҳастӣ. Биё ба хонаи ман, натарс, хуш омадӣ. Ман ба ту чӣ хизмат карда метавонам, бигӯй? Ман мурғонро озор намедиҳам, хусусан туро, ки баодоб ва оқил ҳастӣ. Ҳа, лақаби ман Калта аст.

– Калтаи ҳушёру далер, оё ягон ҷойи хилват дар ҳавлии шумо ҳаст? Ман мехоҳам дар он ҷо тухм гузорам, чӯҷа барорам.



– Албатта ҳаст, биё, рафтем, дар кунҷи торики оғил як аробачаи кӯҳна чанд сол боз бекор хобидааст...

Карашмаю Калта ҳамроҳ ба кунҷи оғил рафтанд. Дар ҳақиқат он ҷо аробачае буд. Онро зуд Калта ба дандонаш газида, чаппаю ростакунон аз чизҳои зиёдатӣ холӣ кард.



Даруни он каме алафи покиза андохта, ҷойи хоби Карашмаро омода сохт.

Карашма аз ин ғамхориҳои Калта хеле миннатдор шуда, ҳатто дар чашмонаш ашки шодӣ пайдо гардид.

1. Карашма ба Калта чӣ гуфт?
2. Калта чӣ ҷавоб дод?
3. Калта барои Карашма чӣ муҳайё кард?
4. Барои чӣ дар чашмони Карашма ашк пайдо шуд? Ин чӣ гуна ашк буд?

1. Калимаҳои ҷумлаи охиринро бо тартиби алифбо нависед.
2. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед: **ҳатто**, **шодӣ**
3. Калимаи **Карашмаро** аз сатр ба сатр гузаронед: Ка - раш - ма, Караш - ма.
4. Қатори сеюми ҳарфҳои алифборо аз **М** то **У** аз ёд кунед.
5. Ҷумлаи ҷавоби дуруст доштаро рӯбардор кунед.

   А. Саг ҳайвони ваҳшӣ аст.

   Б. Саг ҳайвони хонагӣ аст.

Аз ҳиҷоҳои пароканда калимаҳо созед:

ка   ма   до   ша   бо

раш   хур   сан   на

Мазмуни ду қисми аввалро ба хотир биёред, мухтасар баён кунед.

## ХУРСАНДИИ ДӮСТОН

(давоми ҳикоя)

Карашма дар кунҷаки оғил пинҳонӣ зиндагӣ мекард. Калтаи меҳрубон ҳар рӯз аз аҳволи Карашма хабар мегирифт, ба вай баъзе чизҳои хӯрданӣ меовард. Рӯзе ногоҳ назараш ба даруни аробача афтод. Дид, ки дар он ҷо Карашма тухм кардааст. Вай хурсандона Карашмаро табриккунон гуфт:

– Карашмаҷон, хеле хуб, ки тухм кардай, муборак шавад!

– Баланд гап назан, ки соҳибат омада, ин тухмҳоро нагирад. Ман чӯҷа бароварданӣ ҳастам. Биё, шуморем, ки чанд тухм шудааст.... Як, ду, се, чор, панҷ... ҳамагӣ бист тухм. Хеле хуб, акнун, Калтаи далер, ба ман халал нарасон, ман бояд бист рӯз болои ин тухмҳо хобида онҳоро гарм кунам, баъд чӯчаҳо мебароянд. Ту гоҳ-гоҳ маро хабар гир, обу дон биёр, ки ман аз гуруснагӣ беҳол нашавам.

Карашма бист шабонарӯз болои тухмҳо хобида онҳоро гарм кард. Рӯзи бисту якум, вақте ки Калта ба аёдати Карашма омад, Карашма ӯро ишорати нишастан кард. Чашмони Карашма аз хурсандӣ медурахшиданд.

Дар зери болҳои гармаш ӯ ҷунбишеро ҳис кард. Аввал чӯҷаяки якум оҳиста болҳои модарашро тела дода, сар баровард, баъди лаҳзае чӯҷаи дуюм, сеюм, чорум...ва зери болҳои Карашма як хушҳолию ҳаракати форам сар шуд. Ҳамаи бист чӯҷа аз тухм баромада буданд...



1. Барои чӣ Карашма пинҳонӣ зиндагӣ мекард?
2. Калта ба дӯсташ – Карашма чӣ гуна ёрӣ мерасонд?
3. Карашма дар болои тухмҳо чанд рӯз хоб кард?
4. Хурсандии Карашма аз чӣ буд?

1. Қатори чорум ва панҷуми ҳарфҳои алифборо аз **Ӯ** то **Я** аз ёд кунед.

2. Якчанд лақаби ҳайвоноти хонагиро ба дафтар нависед:

Чолок, Саманд,...

3. Мушоҳидаҳои худро дар бораи ҳайвоноти хонагӣ ба хотир биёред ва мухтасар нависед. Ин тавр сар кунед:

Ман сагчае дорам. Лақаби вай... . Дар ҳавлии мо панҷ мурғ ва як хурӯс ҳаст. Хурӯс ... .

4. Лақаби парандаҳоеро ёбед, ки аз ду ҳиҷои якхела иборат бошанд:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| л | | к | л | | к |
| б | | л | б | | л |
| ҳ | | д | ҳ | | д |

## ДАРСҲОИ 77-78

Мазмуни қисмҳои хондаро ба хотир биёред ва мухтасар баён кунед.

### НАТИҶАИ ДӮСТӢ

Ин лаҳзаро Калта тамошо карда ба шавқ омад ва ак-эккунон Карашмаро бо модари чӯҷа шуданаш табрик кард. Онҳо аз ин дӯстӣ ва ин воқеаи нек хеле шод буданд. Карашма ба Калта миннатдории беандоза изҳор карда, аз вай маслиҳат ва ёрӣ хост,ки чӣ тавр чӯҷаҳоро ба ҳавлии худашон, пеши ёру дӯстонаш,ки шояд ёд кардаанд, барад. Калта гуфт: "Баъди як соат аҳли хонаводаи соҳибаш яке ба мактаб, дигаре ба кори саҳро мераванд. Баъд ман туро бо чӯҷаҳоят ба ҳавлиатон мебарам".

Калта зуд аробачаро бо дандонаш газида, мисли аввала чаппаю роста кард, алафҳои кӯҳнаю пӯстлохи тухмҳоро ба замин рехт. Онҳо ба даруни аробача ҳамроҳи Карашма каме алафи тоза партофтанду чӯҷаҳоро боз ба аробача савор карданд. Карашма ҳам дар аробача нишаста, чӯҷаҳояшро зери болҳояш гирифт.



Калта гуфт: "Ана вақти рафтан ҳам расид". Калта ба пеши аробача гузашта, онро бо дандонҳои боқуввату тезаш гирифта, ба сӯйи ҳавлии Карашма равон шуд...

Вақте ки онҳо ба ҳавлӣ даромаданд, селаи мурғон Карашмаю чӯҷаҳоро дида, ғавғою нидоҳои хурсандӣ бароварданд, ки замину замон ба ларза даромад. Аз ҳама пеш хурӯси Сарвар бовиқор наздик омада, Қарашмаро ба оғӯш кашида, бӯсид ва табрик кард... Ҳама аз ин ғалабаи Карашма ва ёрии дӯсташ – Калта шод буданд.

Файзулло Шарифзода

1. Карашма аз Калта чӣ хоҳиш кард?
2. Калта чӣ ҷавоб дод? Вай аробачаро чӣ кор кард?
4. Селаи мурғон аз чӣ хурсандӣ карданд?
5. Агар Калта ба Карашма обу дон намеовард, чӣ мешуд?
6. Дӯстӣ чӣ натиҷа дод?
7. Чаро аввали ин калимаҳо бо ҳарфҳои калон навишта шуда-анд? Калта, Карашма, Сарвар. Савол гузоред.

1. Аз ҳиҷоҳои зерин калимаҳо созед:

хо, но → на → зар; ла → қаб; ма → кон

бо → бо → рон; риш → та; ло → на

2. Номҳои одамони наздики худро (падар, модар, бародар, хоҳар, ҳамсинф) бо тартиби алифбо навишта савол гузоред.
3. Алифборо аз аввал то охир аз ёд гӯед.

ИМЛО: Худамро месанҷам.

## ДАРСҲОИ 79-80

Дар бораи Тоҷикистон шеър ё суруд медонед? Ба ёд биёред.

### ХАТЛОН

Хатлони ман, Хатлони ман,
Умеди ман, армони ман.
Эй сарзамини ганҷҳо,
Эй сарзамини ранҷҳо.

Дар чашм гирам оби ту,
Дар чашм гирам оташат.
Дар чашм молам хоки ту,
Чун осиёни саркашат.

Аз остони бостон
Чун пораи гил мондаӣ,
Чун пораи шеъри дарӣ,
Чун пораи дил мондаӣ.

Раҳмат Назрӣ

**остон – ибтидо, аввал**
**бостон – қадима, кӯҳна**
**осӣ – саркаш, гунаҳкор**
**Хатлон – калонтарин вилояти Ватанамон**

1. Шеър дар васфи чӣ навишта шудааст?
2. Дар он шоир Хатлонро чӣ гуна тасвир кардааст?
3. Барои чӣ шоир Хатлонро сарзамини ганҷҳо ва ранҷҳо номидааст?
4. Шумо кадом вилоятҳои Тоҷикистонро медонед?
6. Шумо кадом шаҳрҳои ҷумҳуриро медонед?

Овозҳоро талаффуз мекунем, мешунавем, ҳарфҳоро менависем ва мехонем. Барои он ки ҳарфҳоро дар калимаҳо беғалат нависем, овозҳоро бояд дуруст талаффуз кунем ва шунавем.

1. Хонед. Ҳайвонҳо чӣ хел садоҳо мебароранд? Одамон он садоҳоро бо кадом ҳарфҳо менависанд?

**Мурғ:** қут-қут- қут...

**Хурӯс:** қу-қу-қу-қу

**Қурбоққа:** қур-қур-қур

**Зоғ:** қар-қар-қар

2. Дар мавзӯи **«Қадри нон»** матн тартиб диҳед. Матнро ин тарз сар кунед:

Нон барои мардуми мо ..

Саг аз замонҳои хеле қадим дӯсти одам аст. Вай ба одам содиқона хизмат мекунад. Саг хона, ҳавлӣ ва молу ҷони одам-ро посбонӣ менамояд.

## ДАРСҲОИ 81-82

Сӯҳбат дар боби одоби хубу неки одамон.

### ДАР ОДОБИ СӮҲБАТ

Бо мардуми нодон сӯҳбат макун, хусусан бо нодоне, ки худро доно мешуморад. Сӯҳбат бо хирадмандон кун. Аз сӯҳбати онҳо некном мешавӣ. Сӯҳбати неконро қадр кун ва фаромӯш макун. Зиёнкор мабош. Зиёнкорӣ ба шумо ранҷ меоварад.

Унсурулмаолии Кайковус

**ранҷ – азоб**
**зиёнкор – зараровар**

Ба саволҳо бо 1-2 калима ҷавоб диҳед:

1. Бо кӣ сӯҳбат набояд кард? – Бо нодон.
2. Бо кӣ бояд сӯҳбат кард?
3. Сӯҳбати неконро чӣ бояд кард?
4. Зиёнкорӣ ба кас чӣ меоварад?

ИМЛО. «Худамро месанҷам». Ғалатҳоро ислоҳ карда пандро рӯбардор намоед:

Бо мардуми доно ва хушфеъл ҳамсӯҳбат бош сӯҳбати некон давлат аст

1. Зери садонокҳо хатча кашед.
2. Ҳарфҳои садонокро дар хотир нигоҳ доред: **а, о, у, ӯ, и, ӣ, э, е,** ё, ю, я.

Ба ин саволҳо ҷавоб нависед, зери садонокҳо хат кашед.

1. Дар боғ чиҳо мерӯянд?
2. Дар осмон чиҳо ҳастанд?
3. Дар синф чиҳо ҳастанд?
4. Дар болои мизатон чӣ?
5. Номи либосҳоро гӯед.

Намуна: Миз, курсӣ, ...

## ДАРСҲОИ 83-84

Сӯҳбат дар бораи модар.

### ДАСТОНИ МОДАР

Бӯйи гулу нон,
Бӯйи коҳу дон,
Бӯйи ширу ҷон
Доранд ин дастон.
Шахшӯлу маҳин,
Чолоку матин,
Монанди замин
Неъматофарин.
Диҳанд ёрӣ
Дар пахтакорӣ,
Дар чорводорӣ,
Дар боғдорӣ.
Набошанд онҳо
Агар дар дунё,
Будем мо гӯё
Бе дасту бе по.

Бобо Ҳоҷӣ



1. Шеър дар васфи дастони кӣ суруда шудааст?
2. Дастони модар чӣ гунаанд?
3. Бо дастони модар кадом корҳо иҷро мешаванд?
4. Чаро шоир мегӯяд, ки, агар дастони модар набошанд, мо бе дасту по мемондем?
5. Чӣ кор кунем, ки меҳнати модарон осон шавад?

Бо дастони модар неъматҳои моддӣ офарида мешаванд.

1. Калимаи **дастон**ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
2. Зери ҳарфи **й** хат кашед.

**Ҳарфи Й фақат дар охири калима навишта мешавад: моҳӣ, шолӣ, дӯстӣ, баробарӣ, ... .**

3. Бо калимаҳои **моҳӣ**, **шолӣ**, **некӣ** ва ибораи **забони модарӣ** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСҲОИ 85-86

### ДОВАРИИ МИРИ МУШОН

(ҳикоя)

Аввали фасли баҳор. Дар ҷангал, дар даргоҳи шоҳи ҳайвонот – Шершоҳ маҷлис буд. Шершоҳ дар тахт бо ҳашамат менишаст.

Тамоми ҳайвоноти ҷангал аз филу каркадан, гургу хирс то рӯбоҳу шағол ва мушону ҷонварони дигари хурду калон ҳозир буданд.

Дар маҷлис як масъалаи муҳим муҳокима карда мешуд: қоидаҳои шикор дар фасли баҳору тобистон. Қоидаҳо сода буданд: ҳайвонҳои лоғар ва навзодро шикор накардан.

Дар айни авҷи муҳокима паланги бузургҷуссае наъракашон ба маҷлисгоҳ наздик шуд. Маҷлисгоҳ баъзан барои тахти шоҳӣ ба майдони ҷанг табдил мегашт.

Аҳли ҷангал ҳама безобита шуданд. Шершоҳ садо баровард:

– Палангпаҳлавон чӣ даъво дорад ва бо чӣ ният наъра мезанад?

Палангпаҳлавон бо густохӣ гуфт:

– Эй Шершоҳ, ман аз ту аз ҷиҳати qаду баст, вазну чолокӣ, нотарсию далерӣ, ҳушмандию зарбазанӣ тавонотарам. Сазовори ин тахт манам!

Дар ҷангал хомӯшии том ҳукмфармо шуд: баъзеҳо аз тарс, дигарон аз эҳтиёт лаб фурӯ бастанд.

Шершоҳ омирона садо дод:

– Ман ба ҷанг розӣ. Кӣ довар мешавад?

Ҳамагон хомӯш буданд...



– Ба довар касе зарар намерасонад ва гиламанд ҳам намешавад, – гуфт Шершоҳ. – Кӣ қоидаҳои довариро хуб медонад? Ба пеш оянд!

Боз ҳама хомӯш буданд.

1. Маҷлис дар ҳузури кӣ мегузашт?
2. Дар маҷлис кадом ҳайвонҳо ҳозир буданд?
3. Кадом масъала муҳокима мешуд?
4. Дар айни маҷлис кӣ пайдо шуд?
5. Паланг ба Шершоҳ чӣ гуфт?
6. Палангпаҳлавон чӣ ҷавоб дод?
7. Палангпаҳлавон Шершоҳро ба чӣ даъват кард?
8. Чаро ҳайвонҳо ба доварӣ розӣ намешуданд?

1. Мазмуни ҳикояро нақл кунед.
2. Матнро аз назар гузаронда, калимаҳоеро, ки дар охирашон ҳарфи й омадааст, нависед.
3. Се ҷумлаи аввалро рӯйбардор намуда, зери садонокҳо хат кашед.
4. Расмҳои шер, паланг, фил, хирс, муш ва дигар ҳайвонҳоро тамошо кунед.



5. Ихтиёрӣ расми шер ё палангро кашед ва дар бораи онҳо нақл кунед.

6. Ибораҳои **хомӯшии том, лаб фурӯ бастанро** маънидод кунед.

1. Барои чӣ шерро шоҳи ҳайвонот меноманд?
2. Чаро паланг гуфт: «Ман аз ту аз ҷиҳати қаду баст, вазну чолокӣ, нотарсию далерӣ, ҳушёрию зарбазанӣ тавонотарам?»
3. Шарҳ диҳед, ки **Ҳайвонҳои лоғар ва навзодро шикор накардан** бо чӣ мақсад муҳокима мешуд.

## ДАРСҲОИ 87-88

Мазмуни қисми аввалро баён кунед.

### МУҲОРИБА

Дар ин лаҳза муши каллакалону бузургҷусса, ишкамғафсу ашқдандон ва думдарозу ҳавобаланде ба майдон баромад ва чиррос зад:

– Ман мири мушонам! Қоидаҳои ҷангро медонам, ки чунин аст: ба чашм назадан, гулӯро буғӣ накардан, рӯйро ханҷол накардан, думро нагазидану накандан. Ба овоз мемонем?

Баъди «Ман розӣ» гуфтани Шершоҳ ҳама бо як овоз ин қоидаҳоро тасдиқ карданд.

Дар як мижа задан маҷлисгоҳ ба майдони ҷанг табдил ёфт. Ҳама давра истода ба тамошои ҷанги тан ба тани ду ҷаҳонпаҳлавон тайёр шуданд.

Мири мушон ҳуштак кашид. Муҳорибаи сахт сар шуд. Мири мушон дар атрофи паҳлавонон ин тарафу он тараф метохт, ҷастухез мекард ва фарёд мезад:

– Ба чашм назан, аз дум нагаз! ...

Дар авҷи ин задухӯрду доварӣ сангпорае аз зери пойи ҷанговарон бо шаст парид ва рост ба пешонаи довари ҳамадон зад. Довар ба хок яксон шуд. Дар паҳлуи ҷасади довар ҷуссаи бузургу беҳаракати Палангпаҳлавон бо даҳони калон кушода мехобид...

Файзулло Шарифзода

1. Чӣ даъвои доварӣ кард?
2. Маҷлисгоҳ ба чӣ табдил ёфт?
3. Чӣ ҳуштак кашид?
4. Мири мушон чӣ мегуфт?
5. Аз зери пойи ҷанговарон чӣ парид?
6. Сангпора ба пешонии чӣ зад?
7. Бо довар чӣ ҳодиса рӯй дод?
8. Дар паҳлуи довар чӣ мехобид?

1. Мазмуни қисми дуюмро бо мазмуни қисми аввал пайваста баён кунед.
2. Сархати охиринро рӯбардор намуда, зери садонокҳо хат кашед.



3. Нақшҳои **Шершоҳ**, **Палангпаҳлавон** ва **Мири мушонро** бозӣ кунед, суханҳои онҳоро аз матн ёфта, хонед (тақлид кунед).



Сӯҳбат бо одамони доно
хуш аст. Аз ин гуна сӯҳ-
бат шунида некном шава-
вед. Сӯҳбати некро
қадр кунед. Дар сӯҳбат
ҳалимона, хушсухан ва
некхоҳ бошед.

1. Сӯҳбат. Шумо кадом афсонаҳоро медонед, ба хотир биёред.
2. Дар бораи фасли тирамоҳ ҳикоя кунед.
3. Одамон баҳорро **арӯси сол**, тирамоҳро **заррин** мегӯянд. Барои чӣ?
4. Мазмуни афсонаро баён кунед.

## НАСИҲАТИ ПАДАР
(афсона)

Буд, набуд, як деҳқон буд. Деҳқон токзори калоне дошт. Вай ҳар сол ангури онро фурӯхта, зиндагиашро мегузаронид. Рӯзе аз рӯзҳо деҳқон касал шуда, ба бистари беморӣ афтод ва писари ягонаашро ба наздаш даъват карду гуфт:

– Писарам, аз афташ, умри ман ба охир расидааст. Ман ба ту як насиҳат мекунам. Дон, ки аз меҳнат тилло ҳосил мешавад. Ту ин насиҳати маро нағз дар хотир дор, дар байни токзори мо ду хумчаи тилло гӯронида шудааст. Ту онҳоро фақат дар фасли тирамоҳ ёфта метавонӣ.

Баъд аз чанде деҳқон аз олам чашм пӯшид. Аз байн чанд вақт гузашту фасли тирамоҳ расид. Писари деҳқон белро гирифта, бехи токҳоро кофт, аммо чизе наёфт. Он сол токҳои ангур аз ҳарвақта зиёдтар бор оварданд. Писари деҳқон онҳоро бо пули зиёде фурӯхт. Соли оянда ҳам ҳамин ҳодиса рӯй дод. Деҳқонбача ин сол ҳам ангурро бо нархи баланд фурӯхт. Аммо фикраш ҳанӯз ҳам ба хуми тилло банд буд.



**бор** - ҳосил; **гарон** - қимат, арзиши баланд

1. Деҳқон чӣ дошт?
2. Ӯ ҳосили ангурро чӣ кор мекард?
3. Деҳқон писарро чӣ насиҳат кард?
4. Писар чӣ кор кард?
5. Барои чӣ деҳқон таъкид кард, ки вай тиллоро фақат дар фасли тирамоҳ ёфта метавонад?

1. Калимаҳои ҳарфҳои **ӯ**, **й**, **ӣ**, **я**, **ъ**-дорро рӯйбардор кунед.
2. Дар кадом калима ҳарфи **л** ду бор омадааст? Дар ин калимаҳо кадом ҳарфҳо такрор омадаанд: **алла**, **пилла**, **теппа**, **фаввора**, **диққат**, **бутта**, **муаллим**, **Садриддин**, **аввал**, **таваллуд**, **қуттӣ**?
3. Бо калимаҳои **таваллуд**, **бутта**, **теппа** ҷумлаҳо тартиб диҳед.
4. Имлои калимаи **муаллимро** дар хотир доред. Бо ин калима ҷумла тартиб диҳед.
5. Ду ҷумлаи охиринро нависед.

## ДАРСҲОИ 3-4

Мазмуни қисми аввалро нақл кунед.

### (давоми афсона)

Рӯзе ба наздаш як рафиқи қадрдони падараш омад. Писари деҳқон ба ӯ ҳодисаро ҳикоя кард. Рафиқи падараш ин гапро шунида, қоҳ-қоҳ зада хандид ва гуфт:

– Писарам, тиллои падарат гуфтаро ёфтӣ-ку?!

– Не, ман аз токзор чизе наёфтаам, – гуфт писари деҳқон.

– Барои чӣ ту дурӯғ мегӯӣ? Набошад, ин қадар бойигарирс аз куҷо ёфтӣ?

– Ман ин бойигариро аз меҳнати ҳалоли худам ёфтам.

– Ту барои ҳосили зиёд гирифтан не, – гуфт рафиқи падараш, – балки барои ёфтани тилло ҳамин қадар меҳнат кардӣ. Падарат бисёр одами оқил буданд. Барои ҳамин он кас ба ту «Аз меҳнат тилло ҳосил мешавад» гуфтаанд.



1. Рафиқи падар ба писари деҳқон чӣ гуфт?
2. Писари деҳқон ба ӯ чӣ ҷавоб дод?
3. Насиҳати падар «Аз меҳнат тилло ҳосил мешавад»-ро чӣ тарз мефаҳмед?

1. Калимаҳои ҳарфҳои **ӯ**, **ҳ**, **ё**, **й**-дорро нависед.
2. Ба ин қисми афсона ном фикр кунед.
3. Ба ҷойи расмҳо номи онҳоро гузошта, ҷумларо рӯйбардор намоед.

Дар боғ дарахтони , , ,  ва  ҳосили фаровон доданд.

Аломати вергулро пас аз кадом калимаҳо гузоштед?

4. Се ҷумлаи аввалро рӯбардор кунед.
5. Меваи ток кадом аст? Ҷавоби дурустро нависед ва ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед:

А. Анор  Б. Ангур  В. Анҷир

## ДАРСҲОИ 5-6

# ЗАБОНИ МО – ҶАҲОНИ МО

Яке аз нишонаҳои муҳими ҳар як халқу миллат забони ӯст. Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Ин забонест, ки модарони мо меҳри онро бо қатраҳои шири софашон ба ҷисму ҷони мо ҷо кардаанд. Аз ин рӯ мо онро забони модарӣ мегӯем. Забони модарии мо ширину гӯшнавоз аст. Бо ин забон шеърҳо, ҳикояҳо, афсонаҳо ва таронаҳои зиёде навишта шудаанд. Мо бояд забони модариро хуб омӯзем. Онро муқаддас дорем ва аз он ифтихор кунем.

1. Дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Дар бораи забони модарӣ чӣ гуфта шудааст?
3. Мо бояд ба забони модариамон чӣ гуна муносибат намоем?
4. Барои чӣ онро омӯзем?

1. Ин байтҳоро аз ёд кунед.

Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,
Донистани сад забон осон гардад.

Забони модариро пос доред
Ва аз модар варо мерос доред.

2. Ба калимаҳои **забон**, **модар**, **сухан**, **чашм** саволҳои мувофиқ гузоред.

Чӣ? – чашм, ...

3. Калимаҳоро муқоиса кунед: **гарму хунук**, **пасту баланд**, **талху ширин**, **шабу рӯз**, **субҳу шом**.

4. Бо калимаҳои **азиз**, **меҳрубон** ҷумлаҳо созед ва нависед.

5. Матни **"Забони мо – ҷаҳони мо"**-ро бори дигар хонед, калима-

ҳоеро, ки ба саволҳои **кӣ?, чӣ?, чиҳо?, киҳо?** ҷавоб мешаванд, нависед. Ба имлои калимаи **миллат** диққат диҳед. Намуна:

кӣ? – халқ, чӣ? – забон, киҳо? – одамон, чиҳо? – китобҳо.

6. **Калимаи гӯшнавоз**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда аз сатр ба сатр гузаронед:

гӯш - навоз; гӯшна - воз.

Ба катакҳои холӣ ҳарфҳои мувофиқро гузошта, калима созед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | А | | О | |
| | А | | О | |
| | А | | О | |
| | А | | О | |

## ДАРСҲОИ 7-8

1. Сӯҳбат дар бораи дарахтони гуногун.




2. Муқоисаи баргҳо.




## ЧИНОР ВА НОК
(ҳикоя)

Дар боғе чинор ва нок дар шафати ҳамдигар месабзиданд. Чинор босуръат нашъунамо мекард. Вай танаи ғафсу баланд, решаҳои боқуввату баргҳои паҳн ва сояи ғафс дошт. Аз ин бартариҳои худ нисбат ба нок мефахрид ва ба нок доим истеҳзо мекард: пакана, нотавон, аз ту чӣ фоида? Ман туро оҳиста-оҳиста нобуд месозам, ҷойи решаҳои ман васеъ мешавад ва ман боз ҳам калонтар, ғафстар ва зеботар мешавам.

Нок аз ин ман-маниҳои чинор меларзид, метарсид ва сар хам карда, дар ҷавоб чизе намегуфт, таҳаммул мекард. Ба ин тариқ ҳафт-ҳашт сол гузашт. Нок ба ҳамаи истеҳзову таҳқирҳои чинори мағрур тоқат кард.

**шафат** – назд, паҳлу
**истеҳзо** – таъна, масхара
**мағрур** – худписанд
**таҳаммул** – сабр, тоқат

1. Дар боғ паҳлуи ҳамдигар чиҳо месабзиданд?
2. Чинор чӣ гуна дарахт аст?
3. Вай ба нок чиҳо мегуфт?
4. Чаро нок чизе намегуфт?
5. Дар бораи дарахти нок чӣ медонем?

1. Мазмуни матнро нақл кунед.
2. Калимаҳоеро, ки ҳарфҳои **ъ**, **й**, **ф** ва ҳарфҳои такрор доранд, рӯйбардор кунед.
3. Ба калимаҳои **чинор**, **нок**, **тана**, **решаҳо**, **баргҳо** савол гузоред? Бо ин калимаҳо ҷумлаҳо нависед.
4. Калимаҳои **чинор**, **тана**, **решаҳо**ро таҳлили овозӣ кунед.
5. Нақшаи яке аз ҷумлаҳоятонро кашида шарҳ диҳед.

## ДАРСҲОИ 9-10

Мазмуни қисми аввали ҳикояро баён кунед.

(давоми ҳикоя)

Инак, баҳори ҳаштум фаро расид. Нок хеле калон шуда, ба камол расида буд. Ба ҳамаи таҳқирҳои чинор парвое накарда муғча кард, гул кард ва мева баст. Аз вазнинии мева сари нок хам шуд. Ба аҳволи нок нигоҳ карда чинор қоҳ-қоҳ хандид: "Ана, акнун тамоман қоматхамида шудӣ, имрӯз-пагоҳ мешиканӣ ва ҳезум мешавӣ..." Нок мисли ҳамеша сархаму хомӯш буд.

Рӯзе боғбон омад. Нокро пурбору сархам дид, табассум кард. Атрофи нок давр зад, ба чинор ҳам назар андохт, табассум кард, ба танаи чинор даст зад. Чинор аз ин навозиши боғбон бо худ болиду хурсанд шуд.

Боғбон рафт ва баъди муддате дар даст табар, арра ва бел ба назди чинор омад... Ба боғбон ҳезум лозим буд... Чӣ хуб гуфтааст Мавлоно Ҷомӣ:

Шохи бемева кашад сар ба қиём,<br>
Шохи пурмева шавад хам ба салом.

Файзулло Шарифзода

**пурбор – пурҳосил, серҳосил**<br>
**таҳқир – пастзанӣ, ҳақорат**

1. Баҳори чандум фаро расид?
2. Дарахти нок чӣ кор кард?
3. Боғбон чӣ кор кард?
4. Табар, арра, бел ба гурӯҳи чиҳо дохил мешаванд?
5. Дарахти нок ба кадом гурӯҳи дарахтон дохил мешавад?

1. Фарқи чинор аз нок дар чист?
2. Чаро чинор тезтар месабзад ва калонтар мешавад?
3. Решаҳои дарахти нок аз чинор чӣ фарқ доранд?
4. Чанд навъи дарахти нокро медонед?
5. Дарахти нок дар чанд сол мева медодааст?

3, 2/1, ?2б Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, ханда кунед ва аз рӯйи маъно хандаро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед.

| | |
|---|---|
| Хандаи хурсандона. | Табассуми маънодор. |
| Хандаи истеҳзоомез. | Табассуми қаноатмандона. |
| Хандаи баланд. | Табассуми истеҳзоомез. |
| Хандаи хомӯшона. | Табассуми ширин. |

1. Боғбон ба даври нок ва чинор гашта, табассум кард. Фарқи ин табассумҳоро ифода кунед.

2. Калимаҳоеро, ки ҳарфҳои такрор доранд, нависед ва шарҳ диҳед, ки онҳоро чӣ тарз ба сатри дигар мегузаронед.

3. Ҷумлаҳоро пурра карда нависед.

Падарам шӯхиҳои хоҳаракамро тамошо карда ...
Боғбон нокро пурбору сархам дида ... .
Сомонтоҷ хандаи ... мекунад.
... аломати хоксорӣ ва дурандешӣ аст.



4. Боғбон дар даст табар, арра ва бел ба назди чинор омад. Мақсади ӯ чист? Маънидод кунед.

Нок дарахти мевадор аст. Қади дарахти нок чандон баланд намешавад. Дарахти нок дар ҳафт-ҳафт сол ҳосил медиҳад. Меваи нок хеле бомаза ва ширин мешавад. Ман нокро дӯст медорам.

Сӯҳбат аз рӯйи расмҳо.



## ҲИКОЯ

Кабки хушхоне дар домани кӯҳе қаҳ-қаҳ мезад. Бози шикорӣ чун онро дид, дилаш ба муҳаббати ӯ моил гашт.

Пас оҳиста-оҳиста ба кабк наздик шуд ва кабкро назар бар вай афтод ва ҳазаркунон худро ба шикофи санге расонид. Боз пеши он сӯрох нишаста гуфт:

– Эй кабк, имрӯз ба воситаи қаҳ-қаҳи ту кушоише дар дили ман падид омад ва хиромидани дилфиребӣ ту маро шикор кард. Умед аст, ки минбаъд аз ман тарсону ҳаросон набошӣ ва ба сӯйи ман майл намоӣ.

Кабк овоз дод: «Эй қаҳрамони далер, даст аз ин бечораи меҳнатзада боздор, ҳар гоҳ ки обу оташ ба ҳам якҷоя шаванд, ману ту рафиқ шуда метавонем».

Аз «Калила ва Димна»

**назар** – нигоҳ, дидан
**падид** – намоён шудан, пайдо гаштан
**комгор** – ба орзуи худ расидан, хушбахт
**дилфиреб** – зебо

1. Кабк дар кучо қаҳ-қаҳ мезад?
2. Боз ба кабк чӣ гуна наздик шуд?
3. Вай ба кабк чӣ гуфт?
4. Чаро кабк аз боз тарсид?

1. Мазмуни ҳикояро баён кунед.
2. Ҷумлаҳои якуму дуюмро рӯбардор намуда, зери калимаҳои ҳарфҳои **б**, **ӯ**, **й**-дор хат кашед.
3. Калимаи **муҳаббат**ро алоҳида навишта, ду тарзи ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи онро шарҳ диҳед.
4. Аз ҳарфҳои калимаи **хиромидан** истифода карда калимаҳо созед: **хирман,...**

Калимаи **кабк**ро аз боло ба поён навишта, номи паррандаҳоро ёбед.

кабӯтар
**а** ...
**б** ...
**к** ...

Ин байтро аз ёд кунед.

Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,
Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.

## ДАРСҲОИ 13-14

### ҶОНАМ ФИДОИ ДӮСТОН

1. Сӯҳбат дар бораи дӯстӣ аз рӯйи чизҳои хонда ва мушоҳидаҳо.
2. Матнро хонед, мазмунашро баён кунед.

Даричаи кулбаамро боз мекунам. Аз ҳавои атрогину анбарафшони баҳорон нафаси тоза мегирам. Ба рӯйи ҳавлӣ менигарам. Сарвинисоро мебинам. Ман ӯро ҳар бегоҳ, ҳар рӯзу соат интизорам.

Ҳангоме ки ман ӯро зуд-зуд суроғ мекунам, ҳама ҳайрон мешаванд.

– Чӣ? Шумо хеш мешавед?

– Не, мегӯям ман.

– Шиноси дерина?

– Боз ҳам не...

– Пас, чаро ӯро ин қадар суроғ мекунед?

– Сарвинисо бароям танҳо ҳамсоя асту халос.

Ҳамин тавр, – кӯтоҳ ҷавоб медиҳам ман.

Ҳакимеро пурсиданд:

– Дӯст беҳтар ё бародар?

Гуфт:

– Бародар агар дӯст бувад, дӯст беҳ.

Оре, ҳақ ба ҷониби ҳаким аст...

**атрогин** – бӯйи хуш, хушбӯй
**анбарафшон** – хушбӯ, бӯйи форам
**кулба** – хона, манзил

1. Ба калимаҳои **Сарвинисо, дарича, кулба, ҳаво, нафас, ҳамсоя, ҳаким** савол гузоред.
2. Калимаи **ҳамсоя**ро аз сатр ба сатри дигар гузаронед.

1. Даричиро кушодам?
2. Аз ҳавои чӣ нафас мегирам?
3. Сарвинисо чӣ касе будааст?
4. Ҳамсояи хуб будан чӣ маъно дорад?
5. Чаро ҳаким дӯстро аз бародар беҳтар донистааст?
6. Рафиқу ҳамсинфони шумо чӣ гуна одамонанд?

1. Бо калимаҳои **ҳамсоя, ҳавлӣ, ҳайрон** ҷумлаҳо тартиб диҳед, зери ҳарфҳои **я**, **й**, **й** хат кашед.

2. Ҷумлаҳои сеюм ва чорумро аз матн ёфта, рӯбардор намоед. Нақшаи ҷумлаи сеюмро кашед ва шарҳ диҳед.

3. Аз калимаҳои пароканда ҷумла тартиб диҳед.

худ, бо, ҳамсоя, бош, меҳрубон.

## ДАРСҲОИ 15-16

1. Сӯҳбат дар бораи адаб ва одати одамон.

2. Одатҳои некро дар як сутун ва одатҳои бадро дар сутунчаи дигар нависед. Аз матн истифода баред.

### ОДАТ

...Муҳимтарин чизе, ки дар зиндагӣ ба хусусият ва хулқу атвор, ба табиат ва маънии одам таъсир мерасонад, одат аст. Одат асосан ду хел мешавад: нек ва бад. Одати нек дастёри одам мешавад, ба ӯ ёрӣ мерасонад. Одати бад ба зиндагии кас халал мерасонад. Дуздӣ, дурӯғгӯйӣ, бадмуомилагӣ, дашномдиҳӣ одатҳои баданд. Ростгӯйӣ, ба-иродагӣ, хайрхоҳӣ, одилӣ, баодобӣ, забони хуш, рӯйи хуш – ҳамаи инҳо одатҳои нек ва ҳусни ҳақиқии одаманд.

Ғаффор Мирзо

1. Чӣ ба рафтори одам таъсир мерасонад?

2. Одатҳо чанд хел мешаванд?

3. Некӣ аз инсон чиро талаб мекунад? Бадӣ- чӣ?

4. Дар синфи шумо чӣ хел бачаҳо ҳастанд?

5. Шумо кадоме аз ин одатҳоро меписандед? Барои чӣ?

1. Ба навишти ҳарфҳои ъ, й, ӯ ва й диққат намуда, калимаҳоро нависед:

маънӣ, таъсир, ёрӣ, дурӯғ, ростгӯйӣ, баодобӣ, хайрхоҳӣ.

2. Номҳоро хонед ва савол гузоред:

Абдулло Қодирӣ, Зарринаи Фаррухзод, Салими Хатлонӣ.

Гӯед, ки чаро номи одамон бо ҳарфи калон навишта шудааст?

3. Мустақилона номҳои зеринро бо тартибе нависед, ки номи Ватани мо пайдо шавад.



Тоҳир, Исмат, Сафар, Оқил, Ибодат, Камол, Таҳмина, Нигина, Ҷовид, Одил,

4. Расмҳоро аз назар гузаронед, ба кӯдакон ном гузоред, яктой ҷумла тартиб диҳед.



5. Ном, номи падар ва ҷойи истиқомати худро нависед. Ҷумларо ин тавр сар кунед:

Номи ман....

НАҚЛИ ХАТТӢ. Дӯсти ман.

## ДАРСҲОИ 17-18

Матнро хонед, лақаби аспҳоро дар тахтаи синф ба тартиби алифбо нависед.

### АСП

Падарам галабон аст. Ман ҳар замон ба ӯ ёрӣ мерасонам. Қариб ҳамаи аспҳои гала лақаб доранд: Ҷеран, Рахш, Саманд, Холдор, Даванд.

Сӯҳбат карданро машқ мекунем:

– Падари писарбача кӣ будааст?
– Падари писарбача галабон будааст.
– Аспҳо чӣ гуна лақаб доранд?
– Аспҳо лақабҳои Ҷеран ва ғайра доранд.
– Ба бача кадом асп маъқул?
– Саманд.
– Ба тойча чӣ ном гузоштаанд?
– Бодпо.

1. Ин лақабҳоро нависед:

Зирак, Калта, Мошон, Бӯйгир, Хайбар, Барфак, Зардак, Малла, Алопар, Чипор, Карашма.

2. Се ҷумла нависед, ки дар онҳо лақаби сагҳо бошанд. Намуна:

Зирак саги бовафо аст.

3. Лақаби ҳайвонҳоеро, ки медонед, нависед.

4. Дар мавзӯи **Дӯстони ман** ҳикояча нависед ва дар он калимаҳои Рустам, Сӯҳроб, Саёҳат, Хайбар ва Карашмаро истифода баред.

5. Ба ҳайвонҳои дар расм тасвиршуда лақаб гузоред.



Аввали лақаби ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта мешавад: Мошон, Рахш, ....

## ДАРСҲОИ 19-20

Сӯҳбат дар бораи алафу гиёҳҳо, буттаю дарахтони ҷангал.

### ГИЁҲҲОИ ШИФОБАХШ

Рустанӣ ва гиёҳҳои шифобахш дар саросари кишвари мо месабзанд ва қариб дар ҳама ҷо сифатҳои хос доранд.

Заҳмату хизмати олимони гиёҳшинос зиёд аст. Имрӯз бештар аз 800 номгӯйи гиёҳҳо ба қайд гирифта шудаанд. Аз онҳо доруҳои гуногун тайёр мекунанд. Гиёҳҳои лаби ҷӯйҳо ва доманакӯҳҳои Ватани мо берун аз марзи Тоҷикистон низ машҳуранд. Инак, чанде аз онҳо: ҷамилак, чойкаҳак, ҳулбӯ, ҳазориспанд, қоқӯ, хуч, ҳул-ҳул, хайрӣ, тотум, садбарг, шамбут, субина, роҳдавак, бобуна, райҳон, кокутӣ, кавар, барги зуф, буғма ва дигарҳо. Гиёҳҳои шифобахшро бо реша наканед.



гиёҳ – рустанӣ

1. Дар матн сухан дар бораи чиҳо меравад? Гӯед, ки кадом гиёҳҳои дар матн номбаршударо медонед. Номи гиёҳҳоро бори дигар хонед.

2. Шифобахш будани гиёҳҳоро кӣ муайян мекунад?

3. Чаро гиёҳҳои шифобахшро эҳтиёт кардан зарур будааст?

4. Агар решаи гиёҳҳои шифобахшро канед, чӣ мешавад? Решаи дарахтро-чӣ?

1. Номи гиёҳҳоро нависед ва савол гузоред.

2. Калимаҳои ифодакунандаи ашё, аломати ашё ва ҳаракати ашёро ҷудо-ҷудо нависед.

| Ашё | Аломати ашё | Ҳаракати ашё |
| --- | --- | --- |
| Рустанӣ | шифобахш<br>... | мерӯяд<br>... |

3. Ба калимаҳои зерин аввал аломат, баъд ҳаракат илова карда, ҷумлаҳо тартиб диҳед:

Рафиқ, талаба, соат, китоб, шафтолу, паранда, барф, ҳаво, расм.

Намуна: Ҳавои хунук аз тарафи шимол омад.



4. Матнро бори дигар хонед. Калимаҳоеро, ки ҳарфҳои ё, ӯ, и, й ва такрор доранд, рӯбардор намоед.

5. Ҷумлаи охирини матнро ба дафтаратон нависед ва гӯед, ки барои чӣ муаллиф аз шумо чунин хоҳиш кардааст. Ҷавобатонро ин тавр сар кунед:

Ҷони дарахту гиёҳҳо ва буттаҳо дар ... . Агар онҳоро канем ... .

3. Ҳикоячаро дар хона давом диҳед.

Аксарияти доруҳо аз
гиёҳҳои шифобахш тайёр
карда мешаванд. Бинобар
ин олимони гиёҳшинос таъ-
кид мекунанд, ки гиёҳҳоро
решакан накунем. Агар та-
биатро ҳифз кунем, худамон-
ро ҳифз мекунем.



Сӯҳбат дар бораи ҷашнҳои мардуми мо.



## ҶАШНИ САДА

Сада яке аз идҳои миллии халқи тоҷик аст. Ин идро гузаштагони мо ҳар сол ҷашн мекарданд. Мувофиқи солшумории имрӯза ин ид ба рӯзҳои 29-30 моҳи январ рост меояд. Ҳангоми ҷашнгирии ин ид рӯзҳои сахти зимистон мегузаранд. Мардум шодмонӣ мекунанд. Аввалин нишонаҳои баҳор аён мегарданд. Оҳиста-оҳиста сармо ба



гармо мубаддал шудан мегирад. Дар натиҷа раъду барқ мешавад. Табиат чеҳраи худро ороста, арӯси сол, яъне баҳор фаро мерасад. Мардум либосҳои идона ба бар карда, якдигарро ба оғози рӯзи нек муборакбод мегӯянд.

Дар ҷашни Сада ҳар гуна таомҳои миллӣ мепазанд. Суруду таронаҳо хонда, рақсу бозӣ ва ҳар навъ мусобиқаҳо мекунанд.

Аз Бурҳони Қотеъ

Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,
Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр

Абулқосими Фирдавсӣ

**ҷашн** – ид
**оғоз** – ибтидо, рӯзи нав
**шодмонӣ** – шодӣ, хушҳолӣ
**ороста** – ороиш, зебу зинат
**шаҳриёр** – подшоҳ

1. Дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Дар бораи ҷашни Сада чӣ гуфта шудааст?

Маънои ҷумлаи **Табиат чеҳраи худро ороста, арӯси сол, яъне баҳор фаро мерасад**ро шарҳ диҳед.

ИМЛО

Мо дар Тоҷикистон зиндагонӣ мекунем. Пойтахти ҷумҳурии мо шаҳри Душанбе мебошад. Душанбе шаҳри зебост. Аз байни шаҳр дарёи Варзоб мегузарад.

1. Шумо дар кадом ҷумҳурӣ зиндагонӣ мекунед?
2. Номи пойтахти ҷумҳурии мо чист?
3. Гӯед, ки шумо дар кадом шаҳр, ноҳия, деҳа зиндагӣ мекунед.

Аввали номи одамон, мамлакатҳо, шаҳрҳо, кӯҳу дарёҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд:

Салима, Пӯлодӣ, Хуҷанд, Душанбе, Ҳисор, Сарбанд, ...

Ба одам саволи «Кӣ?» ва ба ҳама ашёи дигар саволи «Чӣ?» гузошта мешавад.

Кӣ? – коргар, Кӣ? – Ориф, Чӣ? – ангур, Чӣ? – кафтар.

## ДАРСҲОИ 23-24

Сӯҳбат дар бораи одамони донишманд.

Калимаҳоро нависед:

таваллуд, Абӯалӣ, пурра, ноёб.

## ДОНИШМАНДИ БУЗУРГИ ХАЛҚИ ТОҶИК



Ба таваллуди олими ҷаҳонӣ – Абӯалӣ ибни Сино зиёда аз ҳазор сол пур шудааст. Абӯалӣ ибни Сино файласуф, табиатшинос, табиб ва шоир буд. Абӯалӣ қариб 400 китоби илмӣ навиштааст.

Китоби машҳури Абӯалӣ ибни Сино «Алқонун» солҳои зиёде китоби дарсии духтурони Аврупо буд. Ин китоб зиёда аз 30 маротиба чоп шуда бошад ҳам, боз арзишманду ноёб ҳисоб мешавад. Ибни Сино дар «Алқонун»-и худ сохти бадани одамро пурра нишон дода, барои бартараф кардани дардҳои гуногуни беморон 811 хел дору тавсия намудааст.

Аз даврони ҳаёти донишманди бузурги мо – Абӯалӣ ибни Сино 10 аср гузаштааст, аммо то ҳол номи ӯ ифтихори на танҳо халқи тоҷик, балки ҳамаи халқҳои ҷаҳон мебошад.

1. Калимаҳоеро, ки ҳарфҳои такрор ва **й**, **ё**, **ӯ**, **й**, **ю**, **я** доранд, нависед.

2. Ба дафтаратон саволҳои **Кӣ?**, **Киҳо?**, **Чӣ?**, **Чиҳо?**-ро навишта, намунаи зеринро давом диҳед.

| **Кӣ?, Киҳо?** | **Чӣ?, Чиҳо?** |
|---|---|
| Абӯалӣ, ... | китоб, ... |
| одамон, ... | китобҳо, ... |

3. Аз ҳарфҳои калимаи **табиатшинос** истифода карда калимаҳои нав созед: **табиатшинос – соат, шин, ...**

4. Муқобилмаънои ин калимаҳоро ёбед:

сахт – пур –

бисёр – баланд –

Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед:

1. Шумо дар кадом шаҳр ё деҳа зиндагӣ мекунед?

2. Кадом дарёҳои Тоҷикистонро медонед?

3. Номи аъзоҳои оилаатонро нависед.

## ДАРСҲОИ 25-26

Матнро хонед, мазмунашро ҳикоя кунед.

### ПИСАРИ НӮШЕРВОН
(ҳикоят)

Писари Нӯшервон Ҳурмуз аз падараш инсофу адолатро омӯхта буд. Ӯ одамони некро азиз медошт ва бадонро ҷазо медод.



Рӯзе хизматгори ӯ ба боғ рафта, бе иҷозати боғбон як хӯша ангур канда, қасди хӯрдан кард. Боғбон пеши аспи хизматгорро гирифта, гуфт: "Арзиши ангурро бидеҳ, вагарна пеши подшоҳ рафта, арз хоҳам кард".

Он хизматгор ҳарчанд пул медод, боғбон розӣ намешуд. Дар охир хизматгори шоҳ ҳазор динор дода, аз даъвои боғбон халос шуд. Як хӯшаи ангурро, ки як динор ҳам арзиш надошт, аз тарси сиёсати шоҳ ба ҳазор динор харид. Оре, агар сиёсати подшоҳ набошад, ҳар гуна ҷинояткорон даст ба бедодӣ зада, зиндагии мардумро талх месозанд. Мардуми фитнаангез аз тарси ҳайбати шоҳ аз бадкирдориҳо даст кашида, худро аз ҷиноят нигоҳ медоранд.

Мазмун аз "Гулистон"-и Саъдӣ

**динор** – пули тилло

1. Ҳурмуз чӣ хел одамонро дӯст медошт?
2. Хизматгор чӣ кор кард?
3. Боғбон пеши аспи ӯро гирифта, чӣ гуфт?
4. Хӯшаи ангурро хизматгор ба чанд динор харид?
5. Агар сиёсати подшоҳ намебуд, ҷинояткорон чӣ кор мекарданд?

1. Ҳикояти **Писари Нӯшервон**ро бори дигар хонед, калимаҳоеро ҷудо карда нависед, ки ҳарфҳои **ӯ, ӣ, ъ, я, ё, й** доранд.
2. Ба калимаҳои **омӯхт, хӯша, хӯрд, даъво, сиёсат, Ҳурмуз, подшоҳ, боғбон, пул, хизматгор** савол гузоред.
3. Ба ин калимаҳо кадом калимаҳо ҳаммаъноянд – **некӣ, шодӣ, озод, шикоят**?

1. Хизматгор ба куҷо даромад?
2. Кӣ пеши аспи хизматгорро гирифт? – Боғбон
3. Кӣ як хӯшаи ангурро ба ҳазор динор харид?
4. Одамон аз сиёсати шоҳ чӣ гуна метарсиданд?
5. Шумо ба ҷойи хизматгор мебудед, чӣ кор мекардед?
6. Пандро нависед, аз ёд кунед.

Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад,
Як бад накунад, то ба худаш сад нарасад.

1. Манзараҳои кӯҳу кӯҳдоманро ба хотир биёред.
2. Кадом гиёҳҳои шифобахшро медонед, номбар кунед.

## ҲИКОЯ

Марде бемор шуд. Табибон аз табобати он оҷиз монданд. Ӯро марг таҳдид мекард. Фарзандон аз шифохона падарро ба хона оварданд, то ки чанд вақти боқимондаи умрашро дар ин ҷо гузаронад. Падар гуфт:

– Ман мефаҳмам, ки марг паси дар аст. Маро доманаи кӯҳ баред.



Фарзандон хоҳиши падарро иҷро карданд.

Мард як ҳафта дар он ҷо монд. Шабҳо дар хайма хоб мерафт, рӯзҳо болои гиёҳҳои кӯҳӣ ғел мезад.

Ҳар гиёҳеро, ки ба чашмонаш мерасид, барг меканд, мечашид: талх, турш, ширин, бомаза, бемаза... Аз ҳавои форами кӯҳсор нафас мекашид. Аз чашмасорон об менӯшид...

Як ҳафта гузашт. Мард бе мадади фарзандон менишаст, мехест, роҳ мерафт. Мард тамоман шифо ёфт.

Ба деҳа баргашт. Яке аз он табибонро дида, гуфт:

– Се ҳафта пеш «Илоҷи бемории шуморо наёфтам» – гуфта аз шифохона ҷавоб дода будед.

Табиб ангушти ҳайрат газид ва аз дил гузаронд: «Мурда зинда шудааст».

Пурсид:

– Илоҷи бемориатонро чӣ тавр ёфтед?

Мард ҷавоб дод:

– Осон, гиёҳҳо ва обу ҳавси кишвар.



**хайма** – чодар, хонаи матоъгин
**гиёҳҳо** – алафҳо ва буттаҳои шифобахши кӯҳӣ
**оҷиз** – нотавон, беқувват
**ҳайрат** – тааҷҷуб, ҳайронӣ

1. Чаро фарзандон падарро ба хона оварданд?
2. Падар дар доманаи кӯҳ чӣ тарз зиндагӣ кард?
3. Мард баъди шифо ёфтан табибро дида, чӣ гуфт?
4. Чаро табиб ангушти ҳайрат газид?

1. Нависед, ки **кишвар**, **шифо**, **тӯҳфа**ро боз чӣ гуфтан мумкин аст?

2. Калимаҳои ҳарфҳои **ӯ**, **я**, **й**, **ё**, **ӣ**-дорро бо тартиби алифбо нависед.

3. Калимаҳои **чашмасорон**, **кӯҳдоман**, **шифобахш**ро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед. Калимаи **шифобахш**ро чӣ тарз аз сатр ба сатри дигар мегузаронед?



4. Хонед, гӯед, ки ин калимаҳо (амалҳо) ба чӣ хосанд:

- хоб меравад, посбонӣ мекунад, бӯй мегирад;
- медуздад, зарар мерасонад;
- шир, маска, чакка, панир медиҳад, алаф мехӯрад.

5. Дар бораи табиати Ватанамон кадом шеър ва байтҳоро медонед, ба хотир биёред.

Аз ҳарфҳои калимаи **чашмасор** калимаҳои нав созед. Намуна:
Аз ҳарфҳои 8, 2, 6, 4-уми калимаи **чашмасорон** калимаи **расм** пайдо мешавад.

Ин бозиро давом диҳед, боз кадом калимаҳоро аз ҳарфҳои **чашмасорон** истифода карда ёфтан мумкин аст?

## ДАРСҲОИ 29-30

Ба хотир биёред, ки дар бораи китоб кадом шеърро аз ёд карда будем.

### КИТОБ

Ҳамнишине беҳ аз китоб махоҳ,
Ки мусоҳиб бувад гаҳу бегоҳ.
Роҳатафзои ҷону роҳати дил,
Ҳар чи дилхоҳи туст, аз ӯ ҳосил.
Инчунин ҳамдами латиф кӣ дид,
Ки на ранҷе диҳад, на ранҷонид?

Ҳусайн Воизи Кошифӣ

**мусоҳиб** – ҳамсӯҳбат
**ҳамдам** – рафиқ, ҳамнафас, ёр
**роҳатафзо** – роҳатрасон, фоидаовар
**латиф** – хуш, зебо

1. Дар шеър сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Дар бораи китоб чӣ гуфта шудааст?
3. Дар бораи китоб боз чиҳоро медонед?
4. Ҷомӣ дар бораи китоб чӣ гуфтааст? Ба ёд биёред.
5. Шоир китобро ба чиҳо монанд кардааст?
6. **На ранҷе диҳад** ва **на ранҷонадро** маънидод кунед.

1. Ибораи **ҳамдами латиф** боз ба кӣ тааллуқ дошта метавонад?
2. Бо калимаи **роҳат** ҷумла гӯед.
3. Мисраи **Роҳатафзои ҷону роҳати дил** чӣ маъно дорад?
4. Саволи **чӣ?**-ро навишта, ба он аз шеър калимаҳои мувофиқ ёбед.

Намуна: Чӣ? – китоб....

5. Бо калимаҳои **китоб, бахт, ҳамдам** ҷумла тартиб диҳед ва нависед.
6. Мисраъҳои якум ва дуюмро рӯбардор намоед.
7. Калимаи **ҳамнишин**ро ба сатри дигар гузаронед.
8. Аз гурӯҳи калимаҳо асбобҳои хонишро муайян кунед:

А. Дар, девор, тиреза, ҷевон.
Б. Муаллим, талаба, мактаб, духтар.
В. Дафтар, китоб, қалам, ҷадвал.
Г. Курсӣ, шифт, фарш.

Абӯалӣ ибни Сино фарзанди бузурги халқи тоҷик мебошад. Вай ҳамаи илмҳои замонаашро аз худ карда буд. Абӯалӣ ибни Сино қариб 400 китоби илмӣ навиштааст.

1. Сӯҳбат дар бораи ҳайвонҳои ваҳшӣ.



2. Вазн, ҷусса ва суръати ҳаракати динозаврҳоро ба қатор (поезд), танк, камаз, автобус, асп муқоиса кунед.

## АЗИМТАРИН СОКИНОНИ РӮЙИ ЗАМИН

Сокинони азимҷуссатарини рӯйи Замин динозаврҳо буданд. Онҳо ду саду сӣ миллион сол пеш дар сайёраи мо зиндагонӣ кардаанд. Барои муқоиса бояд гуфт, ки инсоният ҳамагӣ ду миллион сол аст, ки дар рӯйи замин зиндагӣ мекунад. Аз рӯйи кашфиёти олимони таърихшинос муқаррар кардан мумкин аст, ки динозаврҳо то панҷоҳ тонна вазн доштаанд ва бо суръати то шаст километр дар як соат ҳаракат мекардаанд.



**азимҷусса** – калонтарин, хеле калон
**динозавр** – як навъ ҳайвони калонтарини давраи қадим

1. Динозаврҳо чӣ гуна ҳайвон будаанд?
2. Онҳо дар рӯйи замин чанд сол пеш зиндагонӣ кардаанд?
3. Одамон-чӣ?

1. Калимаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:

Мурғ, зоғ, кафтар, мусича – ...
Саг, гӯсфанд, буз, фил, асп – ...
Бед, чормағз, анор, чинор – ...
Пиёз, шибит, гашнич, райҳон – ...
Себ, нок, биҳӣ, ангур – ...
Кирм, малах, пашша, мӯрча – ...
Намуна: Себ, нок, биҳӣ, ангур – мева

2. Иборахои **шаҳри Душанбе**, **дарёи Вахш**, **кӯҳи Помир**-ро истифода бурда ҷумла тартиб диҳед. Нақшаи яке аз ҷумлаҳоро кашед ва шарҳ диҳед. Барои чӣ аввали номҳои Душанбе, Вахш ва Помирро бо ҳарфи калон навиштед?

## ДАРСҲОИ 33-34

### СОКИНОНИ ХУРДТАРИНИ РӮЙИ ЗАМИН

Хурдтарин сокинони сайёра ҳашарот ба шумор меравcovered. Ҳашарот то ҳаштод фоизи ҳайвонотро ташкил медиҳанд. Онҳо тақрибан чорсад миллион сол аст, ки зиндагӣ мекунанд.

Пашшаҳои ғингосӣ метавонанд ба пешу ақиб парвоз намоянд ё дар ҳаво муаллақ биистанд.

Ҳашарот дар ҳама ҷойи замин – дар таги замин, болои замин, рӯйи обу зери об, дар ҷангалзору саҳро, шаҳрҳову деҳот ва хонаҳои одамон зиндагӣ мекунанд. Аз тамоми лашкари бешумори ин ҷонваракон хатари несту нобудшавӣ танҳо ба баъзе намудҳои шапарак таҳдид мекунаду халос. Навъҳои боқимондаи ҳашарот бо вуҷуди мубориза и беамони одамизод бар зидди баъзеи онҳо (масалан, нонхӯрак, пашшаву хомӯшак) нияти кам шудану аз байн рафтан надоранд.



1. Хурдтарин сокинони сайёра чиҳоянд?
2. Пашшаҳои ғингосӣ чӣ гуна парвоз мекунанд?
3. Шумо кадом навъи ҳашаротро медонед?
4. Барои чӣ мо бояд худро аз ҳашарот ҳимоя кунем?

1. Калимаҳои ҳарфҳои **й, ё, ӣ, ӯ, ъ**-доррo нависед.
2. Калимаҳои **миллион, пашша, муаллақ**-ро алоҳида нависед.

Ба саволҳо ҷавоб нависед ва савол гузоред:
1. Оҳангар чӣ асбобҳо дорад? – путк, ...
2. Номи ашёҳои хонаатонро гӯед? – дег, ...
3. Асбобҳои деҳқонӣ кадомҳоянд? – бел, ...
4. Номи гулҳоро гӯед – лола, ...
5. Асбобҳои дуредгарӣ кадомҳоянд? – арра, ...
6. Аз сабзавот чиҳоро медонед? – сабзӣ, ...

ИМЛО

Мушоҳидаҳоятонро дар бораи паррандаю хазандаҳои медонистагиатон ба хотир биёред.

Афсонаро хонед, мазмуни онро нақл кунед.

## ЗАНБӮР ВА ФАРОШТУРУК

Мегӯянд, ки замоне мор подшоҳи рӯйи замин будааст. Вай ба занбӯр фармудааст, ки ба ҳамаи махлуқони рӯйи замин неш зада донад, ки гӯшти кадоми онҳо бамаза аст.



Рӯзе занбӯр барои иҷрои супориши подшоҳ ҳар тараф парвоз мекард ва ба махлуқоти гуногун неш мезад. Дар бозгашт бо фароштурук вохӯрд.

– Ҳа, занбӯр, – гуфт фароштурук, – куҷо ин қадар шитоб мекунӣ?

– Назди подшоҳ хабар мебарам.

– Чӣ хабар?

– Медонӣ, гӯшти инсон бисёр бамаза будааст, барои хӯроки подшоҳамон хеле мувофиқ аст.

Фароштурук мегӯяд:

– Канӣ, боз як бор такрор кун.

Ҳамин ки занбӯр такрор кард, фароштурук бо думи қайчимонандаш забони ӯро бурида партофт ва занбӯр гунг шуд. Вақте ки занбӯр ба пеши морподшоҳ омад, ғингос мезаду чизе гуфта наметавонист.

Аз ҳамон замон фароштурук дар хонаи одамон лона месозад. Одамон вайро муҳофизат мекунанд.

**фароштурук** – парасту, достак

1. Подшоҳи рӯйи замин – мор ба занбӯр чӣ фармон дод?
2. Занбӯр дар бозгашт бо чӣ рӯ ба рӯ шуд?
3. Фароштурук баъди донистани нияти бади занбӯр чӣ кор кард?
4. Чаро одам фароштурукро муҳофизат мекунад?
5. Лонасозии фароштурукҳоро мушоҳида кардаед?

1. Бо калимаҳои **занбӯр**, **фароштурук** ҷумла созед. Ҳиссаи калимаи **фароштурук**ро ба сатри дигар гузаронед.
2. Ду ҷумлаи охирини матнро рӯбардор намоед.
3. Дар хотир нигоҳ доред:

| Менависем | Мехонем |
|---|---|
| занбӯр | замбӯр |
| танбӯр | тамбӯр |
| занбурӯғ | замбурӯғ |
| санбӯса | самбӯса |
| анбор | амбор |

Ин пандро ба мазмуни матн муқоиса кунед:

Ба пирӣ хидмати модар, падар кун,
Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун.

Носири Хисрав

## ҲУРМАТИ ПАДАРУ МОДАР

Фарзанд бояд падару модарро ҳурмат кунад. Барои чизу моли дунё бо онҳо баҳсу мунозира накунад. Хизмат ки кард, миннат накунад. Ба рӯйи онҳо ба қаҳр нигоҳ нанамояд. Вақте ки ӯро даъват кунанд, зуд ба хизмати онҳо бирасад. Бо онҳо бо рӯйи кушод ва чеҳраи шод мулоқот намояд. Ҳар коре фармоянд, ки ба зараву зиёни кас набошад, иҷро кунад. Дар мулоқот бо онҳо овоз баланд накунад. Бе иҷозати онҳо ба ҳар ҷо наравад, дар талаби хушнудии онҳо бошад.

**зиён** – зарар
**хушнуд** – хурсанд, шод
**ризо** – қонеъ будан, розӣ будан
**ҷунун** – девона
**бадар кардан** – берун кардан

1. Бо кӣ баҳс накунем? Чаро?
2. Хоҳиши падару модарро чӣ тарз бояд иҷро кард?
3. Дар мулоқот бо падару модар ба чӣ бояд эътибор дод?
4. Падару бобоятон ба шумо чӣ насиҳат мекунанд?

1. Мазмуни матнро нақл кунед. Калимаҳоеро, ки ба саволҳои **Кӣ?** ва **Чӣ?** ҷавоб мешаванд, нависед. Намуна:

Кӣ? – падар, ... .   Чӣ? – дунё, ... .

2. Калимаҳои ҳарфҳои **ё**, **ӯ**, **й**, **ъ**-дорро нависед.
3. Ҳиссаи калимаи **даъват**ро ба сатри дигар гузаронед.
4. Бо калимаҳои **фарзанд**, **падар**, **модар** ҷумлаҳо фикр карда, нависед. Нақшаи ҷумлаи дуюматонро кашед ва шарҳ диҳед.

## ДАРСҲОИ 39-40

Аз матн истифода бурда қоидаҳои дӯстиро бо тартиб нависед.
Намуна:

1. Барои дӯст чизеро дареғ надоред.
2. Сирри дӯстро ба касе нагӯед.

### ДӮСТИ ҲАҚИҚӢ КИСТ?

Ба гуфтаи Ҳусайн Воиз, агар дӯсти содиқу вафодор пайдо кунед, ба вай чунин рафтор кардан лозим аст:

Кас бояд аз чунин дӯст молу чизро дареғ надорад. Ба ӯ ҳамин қадар чиз диҳад, ки ҳоҷаташ барояд. Рози ӯро ба касе нагӯяд. Айбашро ба мардум нагӯяд, вале ба худи ӯ гуфтан лозим аст, ки аз пайи ислоҳи он шавад. Суханашро бодиққат гӯш кунад. Бар суханони вай эътироз накунад, айб наҷӯяд. Ҳатто дар ғайби ӯ ҳурматашро нигоҳ дорад. Агар лозим шавад, ба ӯ насиҳат кунад, аммо бе дуруштиву дағалӣ ва бе сухани сахт. Ба ӯ хизмат нафармояд, ба шодиаш шодӣ кунад, дар ғамаш шарик бошад. Аввалин шуда ба вай салом диҳад. Дар миёни сухани вай сухан накунад. Ҳар чизеро, ки ба худ намеписандад, ба вай ҳам раво набинад. Бо душманони ӯ дӯстӣ ва бо дӯстонаш душманӣ накунад.

**дареғ** – ҳайф
**ҳоҷат** – эҳтиёҷ, зарурат
**эътироз** – норозигӣ, рад кардан
**дурушт** – дағал, нохуш

Ҳазор дӯст кам аст, як душман бисёр.

1. Дӯсти ҳақиқӣ кист?
2. Дӯстӣ чӣ гуна қоидаҳо дорад?

1. Қоидаҳоро нависед, аз ёд кунед.
2. Одоби дӯстиро дар синф амалан иҷро кунед.
3. Калимаҳои ҳарфҳои **ӯ**, **й**, **я**, **ъ**-дорро нависед.
4. Бо калимаҳои **дӯст**, **диққат**, **айб** ҷумлаҳо нависед. Ҳиссаи калимаи **диққат**ро ба сатри дигар гузаронед.
5. Дар хона дар мавзӯи "**Паррандагон – дӯстони мо**" иншо нависед. Иншоро ин тавр сар кунед:

Дар табиат паррандагони гуногун мавҷуданд.

6. Пандро аз ёд кунед.

*Зиндагӣ бе дӯстон хуш намегузарад. Барои ҳамин одамон миёни ҳамдигар дӯстона зиндагӣ мекунанд. Дӯстон ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд, мушкилии як-дигарро осон мекунанд. Дӯстӣ кунед.*

## ДАРСҲОИ 41-42

Одоби сӯҳбатро ба хотир биёред.
Матнро хонед ва ба гуфтори ҳамсинфон ва худатон муқоиса кунед.

# ОДОБИ СУХАНРОНӢ

Бо лутф сухан гӯед. Дар вақти сухан гуфтан хандону шукуфон бошед. Сухан судманду форам набошад, онро ба забон наоред. То аз шумо напурсанд, сухан нагӯед. Дар сухан гуфтан овоз баланд накунед. Ҳангоми суханронӣ ба чапу рост нигоҳ накунед. Дар рӯйи шунаванда сухани сахт нагӯед. Барои он ки пушаймон нашавед, аввал фикр карда, баъд сухан гӯед. Бисёр сухан нагӯед, ки нишонаи камақлист.

Мазмун аз Ҳусайн Воизи Кошифӣ

**судманд** – фоиданок
**туршрӯ** – бадқавоқ, норозӣ
**лутф** – нармӣ, марҳамат
**қатъ** – суханро буридан

1. Ҳангоми сухан гуфтан ба кадом қоидаҳо бояд риоя кард? Аз матн ёфта, нависед.

2. Барои он ки баъди сухан гуфтан пушаймон нашавед, чӣ бояд кард?

3. Чаро бисёр сухан гуфтан хуб нест?

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Ҳам дӯст асту ҳам душман,
Шабонарӯзӣ бо ман.
Ҳам гарму ҳам оқил аст,
Ҳам нарму ҳам ҷоҳил аст,
Ҳам заҳри қотил бошад,
Ҳам марҳами дил бошад.

Ҳам теғи буррояст ӯ,
Ҳам ҷаҳони моястӯ.
Ҳадяи модар бошад,
Тӯҳфаи падар бошад.
Ҳам талх асту ҳам ширин,
Бигӯ, чист ҷавоби ин.

1. Аз калимаҳои **лутф**, **табассум** истифода бурда ҷумла созед. Ҳиссаи калимаи **табассум**ро ба сатри дигар гузаронед.

2. Калимаҳоро муқоиса кунед:

баланд – паст, кам – зиёд, ширин – талх, сахт – нарм

3. Номи ашёҳои сутуни якумро нависед ва аз сутуни дуюм номи умумиашро ёфта нависед:

| | |
|---|---|
| себ, олу, шафтолу, нок | ғалладона |
| қалам, дафтар, китоб | мева |
| гурба, буз, шутур, хар | асбобҳои хониш |
| гандум, ҷав, мош, арзан | ҳайвонот |

## ДАРСҲОИ 43-44

### "ЧӢ ГӮЯМ?" БЕҲ АЗ "ЧАРО ГУФТАМ?"
### (ривоят)

Гурӯҳе аз олимони Ҳинд дар бораи сифатҳои Бузургмеҳр сӯҳбат мекарданд. Дар охири сӯҳбат айбашро наёфта, яке аз олимон гуфт:

– Дар сухан гуфтан бисёр меистад.

Шунавандаро бисёр мунтазир мекунад. Кас ба сухан гуфтан интизорӣ мекашад.

Бузургмеҳр шунид ва гуфт:

– Андеша кардан, ки чӣ гӯям, беҳ аз пушаймонӣ, ки чаро гуфтам.

**Ҳиндустон** – номи мамлакат
**Бузургмеҳр** – шахси донишманд

1. Олимон дар бораи сифатҳои кӣ сӯҳбат мекарданд?
2. Яке аз олимон чӣ гуфт? (Аз матн хонед)
3. Бузургмеҳр чӣ ҷавоб дод? (Аз матн хонед ва шарҳ диҳед)

1. Калимаҳоеро, ки ҳарфҳои **я**, **ӯ**, **й**, **ё**, **ӣ** доранд, нависед.
2. Ҳиссаи калимаи "**пушаймонӣ**"-ро ба сатри дигар гузаронед.
3. Номи чор шаҳри Тоҷикистонро нависед.

    Душанбе ...

4. Аз ҳарфҳои калимаи **Бузургмеҳр** калимаҳои нав созед.

## ДАРСҲОИ 45-46

Аввал сӯҳбат кунед, ки **дурӯғ**ро чӣ тарз мефаҳмед.

### ЗАРАРИ ДУРӮҒ

Шахсе, ки аз ростӣ дур шуда, дурӯғ мегӯяд, ситамгар аст:

Ҳар он кас, ки ӯ пеша гирад дурӯғ,
Ситамгорае хонамаш бефурӯғ.

Чи шоҳу вазир, чи сарбозу деҳқон аз дурӯғ бояд ҳазар кунанд, зеро дурӯғ сабаби беобрӯ шудани онон мегардад. Ҳар касе гирифтори дурӯғ гардад, ба мақсади худ нахоҳад расид.

Дурӯғро бузургон хеле зарарнок шумоshould видаанд. Носири Хусрав фармудааст:

Макун фаҳшу дурӯғу ҳазл пеша,
Мазан бар пойи худ зинҳор теша.

Мазмун аз Носири Хусрав

**бефурӯғ** – торикӣ, зулмот, тирагӣ
**фаҳш** – ифлосӣ, касофат, бадкорӣ

1. Киро ситамгар меноманд?
2. Дурӯғ сабабгори чӣ мегардад?
3. Зарари дурӯғ дар чӣ зоҳир мешавад?

Ба калимаҳои **бад**, **рушноӣ**, **дурӯғ**, **зебо**, **зарар** калимаҳои муқобилмаъно ёфта, нависед. Намуна:

Рушноӣ – торикӣ, ...

Ба ин саволҳо ҷавоб гӯед ва баъд нависед:
1. Шаб торик мешавад, рӯз-чӣ?
2. Одами дурӯғгӯй-чӣ бад аст, одами ростгӯй-чӣ?

1. Бо калимаҳои **нек**, **бад**, **рост**, **дурӯғ** ҷумлаҳо тартиб диҳед. Намуна:

Дӯсти ман Ҷамила дурӯғ намегӯяд.

Ҳиссаи калимаи **дурӯғ**ро ба сатри дигар гузаронед.

2. Ин ибораҳоро нависед ва ба онҳо савол гузоред:

1. Одами хуб, нек, ростгӯ.
2. Оби равон, соф.
3. Шоҳи одил, ғамхор.

3. Пандро нависед ва аз ёд кунед.

Забони покро ҳайф аст бисёр,
Ки бо лафзи дурӯғ олуда созӣ.

1. **Забони пок** чӣ маъно дорад?
2. **Лафзи дурӯғ**ро чӣ хел мефаҳмед?
3. **Олуда созӣ** чӣ маъно дорад?

## ДАРСҲОИ 47-48

Ба хотир биёред, ки дар бораи одоби таомхӯрӣ чӣ медонем.

### ОДОБИ ТАОМ ХӮРДАН

Одоби таом хӯрдан аз инҳо иборат аст:

Аввал луқмаи ҳалол пайдо кардан ва баъд шукри вайро ба ҷо овардан лозим аст. Пеш аз таомхӯрӣ даст шустан ва ба дасти рост хӯрдан. Хӯрокро аз пеши худ хӯрдан. Дар луқмаи касе нигоҳ накардан. Луқмаи аз даст афтодаро пок карда, хӯрдан. Дар вақти хӯрдани таом такя накунед ва гап назанед ва баъд аз таом хӯрдан даст шӯед.

Одоби ҳурмати таом он аст, ки вақти хӯрдан сарро нахоред, биниро пок накунед. Дар даҳон таом бошад, бо касе гап назанед.

Ҳикмати таом хӯрдан ин аст, ки луқма хурд гирифта шавад; онро хуб хоед; бисёр нахӯред; агар сер бошед, дигар нахӯред.



**ҳикмат – доноӣ, ақл, хирад**

1. Дар таомхӯрӣ чанд қоида будааст?
2. Онҳо кадомҳоянд? (Бори дигар аз матн хонед)

1. Аз ҳиҷоҳои пароканда калима созед.

   луқ, та, ма, ом, дас, па, хон, дар, тар.

2. Матнро бори дигар хонед, калимаҳои ба саволҳои **Кӣ?**, **Чӣ?** ҷавобшавандаро нависед. Намуна:

   Кӣ? – инсон, ... Чӣ? – таом, ...

3. Аз ин калимаҳо истифода карда ҷумлаҳо созед:

   эҳтиёт, таом, риоя, луқма

   Намуна: Одоби таом хӯрданро риоя кунед.

4. Калимаи муқобили **доно нодон** аст. Шумо калимаи муқобили **беодоб**ро ёфта нависед:

   доно – нодон беодоб – ...

5. Аз ҳарфҳои калимаи **донишманд** истифода карда калимаҳои нав созед.

Намуна: Донишманд – дандон, ....

Ҳиссаи калимаи "**донишманд**"-ро ба сатри дигар гузаронед.

Ҷавоби саволҳоро аз мазмуни матн ёфта, нависед:

1. Пеш аз таом хӯрдан чӣ кор кардан лозим?
2. Одоби ҳурмати таом хӯрдан чист?
3. Луқмаи ҳалол хӯрдан чӣ маъно дорад?

## ДАРСҲОИ 49-50

1. Матнро хонед, бо одоби худатон муқоиса кунед.
2. Одоби синфи худатонро бо синфи дигар муқоиса кунед.

### ОДОБИ ШОГИРД



Шогирд бояд дурусткор бошад. Аз сидқи дил ба устоди худ хизмат кунад. Ба ҳеҷ кас ҳасад набарад. Бахилӣ накунад. Бо ҳамдарсони худ тифоқ бошад. Бо зӯрӣ ва дониши худ мағрур нашавад. Аз шикаст хӯрдани рақибаш хурсанд нагардад.

1. Калимаҳои ҳарфҳои **я**, **й**, **ӯ**-дорро нависед.
2. Ҳиссаи калимаи **шогирдро** ба сатри дигар гузаронед.
3. Агар касе аз шумо пурсад, ки дар кучо мехонед ва чӣ хел мехонед, чӣ ҷавоб медиҳед? Ҷавоби худро аввал шифоҳӣ баён кунед, баъд хаттӣ нависед. Ҷумларо ин тарз сар кунед:

Ман дар...

Шогирд бояд дурусткор бошад. Аз самими дил ба устоди худ хизмат кунад. Ба ҳеҷ кас ҳасад набарад. Бахилӣ накунад. Бо ҳамдарсони худ тифоқ бошад. Бо зӯрӣ ва дониши худ мағрур нашавад. Аз шикаст хӯрдани рақибаш дилхушу хурсанд нагардад.

## ДАРСҲОИ 61-62

1. Аз матн истифода карда рӯйхати хислатҳои хуби одамро тартиб диҳед.
2. Хислатҳои хуби инсониро бо одобу хислатҳои худ муқоиса кунед, фарқҳоро ёбед.

### ХИСЛАТҲОИ ХУБИ ИНСОН

Бо касбу ҳунар ва меҳнати ҳалоли худ зиндагӣ кунед. Ҳунари худро хор накунед. Онро дӯст доред. Бе нуқсону фиреб кор кунед. Ба халқ некӣ кунед. Касеро ғайбату тӯҳмат накунед. Ба одамон ғамхор бошед. Илм омӯзед. Хоксору фурӯтан бошед.

Одоби сухан гуфтан, нишастан, таом хӯрдан, об нӯшидан, салом карданро риоя намоед. Сӯҳбат бо некон кунед.

Ҳасад набаред. Ба молу чизи одамон ҳарисӣ накунед. Эҳтироми устод, падару модарро ба ҷо оред. Одоби рафтор дар кӯча, шаҳр ва деҳотро риоя кунед.

**фурӯтан – хоксор**

Аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоб нависед.
1. Хоксорӣ чист?
2. Хислатҳои хуби инсон кадомҳоянд?
3. Ҳурмати падару модар ва муаллимро чӣ гуна ба ҷо меоред?
4. Дар миёни мардум чӣ гуна рафтор мекунед?

1. Ба ин калимаҳо савол гузоред ва шарҳ диҳед:
инсон, халқ, одоб, устод, падар, модар, кӯча, шаҳр, деҳот.
2. Дар бораи хислатҳои хуби дӯстатон ҳикояча тартиб диҳед.

## ДАРСҲОИ 53-54

Ҳикоятро хонед, мазмунашро нақл кунед.

### ДӮСТОНИ ҶОНӢ
(ҳикоя)



Марде писараки дӯстрӯяку меҳрубоне дошт. Дар рӯзи чорсолагӣ ба ӯ падар сагчае тӯҳфа овард. Дар ҳамин рӯз гӯсфандашон барраяке таваллуд кард. Писарбача ҳам ба сагча ва ҳам ба барра унс гирифт, бо онҳо бо завқу шодӣ бозӣ мекард, хӯроку об медод, навозиш мекард. Хурсандии писарак аз ин дӯстӣ ҳадду канор надошт. Падару модар

ҳам ба шодии писарашон шарик буданд, ҳаловат мебурданд.

Аз миён ду сол гузашт. Сагу барра калонак шуданд. Дўстии писарак бо сагу барра устувортар ва бозиҳояшон дар марғзори назди ҳавлиашон шавқангез мешуд. Онҳо аз ҳамдигар дил канда наметавонистанд...



Писарак нохост бемор шуд. Падару модар сахт дар ташвиш афтоданд. Духтурҳоро даъват карданд. Мошинаи ёрии таъҷилӣ омад. Дўсти ҷонии сагу барраро ба шифохона бурданд. Сагу барра аз паси мошин хеле давиданд, вале афсўс...

**унс гирифтан** – дўст шудан, одат кардан

1. Падар ба писар чӣ тўҳфа кард?
2. Писарак бо сагу барра чӣ кор мекард?
3. Барои чӣ онҳо аз ҳамдигар дил канда наметавонистанд?
4. Ба писарак чӣ шуд?
5. Ўро ба куҷо бурданд?
6. Сагу барра чӣ кор карданд?

1. Калимаҳои **барра**, **таваллуд**ро алоҳида нависед. Ҳиссаи онҳоро ба сатри дигар гузаронед.
2. Калимаҳои ҳарфҳои **ў**, **й**, **я**, **ъ**, **ё**-дорро нависед.
3. Сархати дуюмро навишта, зери садонокҳо хат кашед.

Мазмуни қисми аввалро нақл кунед.

(давоми ҳикоя)

Пас аз чанд рӯз падару модар писарашонро аз шифохона ба ҳавлӣ оварданд. Ӯ шифо ёфта бошад ҳам, вале лоғар шуда буд. Аҷибаш ин, ки сагу баррача ҳам мисли дӯсташон лоғар шуда буданд. Ин тағйироти якхеларо дида падару модар ҳайрон шуданд.

Чанд муддат гузашт, дӯстон мисли пешина шодона бо ҳам бозӣ мекарданд, хушбахт буданд...

Як бегоҳ ба ҳавлӣ меҳмонон ташриф оварданд.

Падар барраро дошта овард, дасту пояшро баст, пеши пойи як марди фарбеҳи ҷуссакалон гузошт... Писарак фаҳмид, ки дӯсташро нобуд мекунанд, дод гуфт, гиря кард. Сагча ҳам ин даҳшатро фаҳмид, нола кард, аккос зад ва ҳар ду якбора худро болои дӯсташон партофтанд...

1. Падару модар писарро ба куҷо оварданд?
2. Писарак чӣ хел шуда буд?
3. Сагу барра-чӣ?
4. Ба ҳавлӣ киҳо омаданд?
5. Падар чӣ кор кард?
6. Писарак чӣ кор кард?
7. Саг чиро фаҳмид?
8. Барои чӣ писарак ва саг якбора худро ба болои барра партофтанд?
9. **Ташриф оварданд** чӣ маъно дорад?
10. Ба ин қисми ҳикоя чӣ ном мегузорем?

1. Ба муносибати рӯзи таваллуди дӯстатон ду ҷумлаи табрикӣ нависед. Аз калимаҳои **дӯстам**, **саломатӣ**, **хурсандӣ**, **табрик**, **таваллуд** истифода кунед.

2. Ибораҳои **гапи сахт**, **санги сахт** ва **сахт дар ташвиш шуданд**-ро маънидод кунед.

Аз ҳарфҳои калимаи **соҳибхона** истифода карда калимаҳои нав созед.

Намуна: соҳибхона – ҳисоб, Ҳабиб...

## ДАРСҲОИ 57-58

Мазмуни қисми якум ва дуюмро нақл кунед.

### (давоми ҳикоя)

Ҳама меҳмонон, ки миёни ҳавлӣ доира истода сӯҳбат мекарданд, аз дидани ин манзара дар ҳайрат монданд, мутаассир шуданд...

Яке аз меҳмонони зиндагидида, нуронӣ ва босалобат пеш омад, кордро аз дасти соҳибхонаи даступохӯрда гирифт ва гуфт:

– Дӯстон, имрӯз дар ин зиёфат қурутоб мехӯрем.

Бо ин суханон меҳмон дасту пойи барраро аз банд раҳо кард...

Шодии дӯстони ҷонӣ аз ин озодӣ ҳадду канор надошт. Онҳо шодикунон ба сӯйи марғзор давиданд...

Ҷонро ту ба ҷони дӯст пайванд,
То дӯст шавӣ ту бар Худованд.

Файзулло Шарифзода

**мутаассир** – ҳайрон
**марғзор** – майдони гулу бутта, сабзазор, алафзор
**таъҷилӣ** – фаврӣ, зуд
**босалобат** – боҳайбат, бузург

1. Меҳмонон аз чӣ ҳайрон шуданд?
2. Яке аз меҳмонон кордро гирифта, чӣ гуфт?
3. Баъд меҳмон чӣ кор кард?
4. **Аз банд раҳо кардан** чӣ маъно дорад?
5. Писарак, барра ва саг аз чӣ шодӣ карданд?
6. Ба ин қисми ҳикоя чӣ ном гузоштед?

1. Мазмуни ҳар се қисмро нақл кунед.
2. Сархати охирини ҳикояро рӯбардор кунед.
3. Ҳиссаи калимаҳои **озодӣ** ва **давидан**-ро ба сатри дигар гузаронед.

ИМЛО

## ДАРСҲОИ 59-60

Сӯҳбат дар бораи касбу ҳунарҳо.



## КАСБУ ҲУНАР

Хеле хуб мегӯянд: «Ранҷ бурдӣ – ганҷ бурдӣ», «То заҳмат накашӣ, санги сиёҳ лаъл нагардад». Кору заҳмат, саъю кӯшиш ҳамсафари доимии инсонанд. Беҳтарин восита ва манбаи зиндагӣ ҳунар аст. Ҳунар қадру қимати инсонро меафзояд.

Ҳакиме писаронро панд медод:

– Ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунё бақо надорад. Ҳунар чашмаи зоянда аст ва давлати поянда. Агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад, ки ҳунар худ давлат аст. Ҳунарманд ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва дар садр нишинад ва беҳунар хору нодор шавад. Марди ҳунарманд дар ҳеҷ ҷо, ҳатто агар дур аз Ватан дар ғарибӣ афтад ҳам, азоб намекашад. Ӯ ҳунар дорад ва аз ҳунари дасту бозуи худ ризқашро меёбад.

Мазмун аз Саъдӣ

«Қимати мард на ба симу зар аст,
Қимати мард ба илму ҳунар аст.»

*Бедил*

**бозу** – даст
**бақо** – устувор, поянда
**манбаъ** – сарчашма, восита
**садр** – боло, пешгоҳ

1. Дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Дар бораи касбу ҳунар чиҳо гуфта шудааст?

1. Панду ҳикматҳои матнро ёфта, аз ёд кунед: **«Ранҷ бурдӣ – ганҷ бурдӣ»**, ...

2. Ибораҳои зеринро нависед: **санги сиёҳ, қимати мард, ҷони падар, чашмаи зоянда, марди ҳунарманд, шахси беҳунар.**

3. Ба аломати ашё савол гузоред. Намуна:
сиёҳ (чӣ хел), ...

4. Имлои дурусти калимаҳои зеринро машқ кунед:
ранҷ, ганҷ, ҳамсафар, омӯзед, дунё, поянда, ҳатто, ризқ.

Ба саволҳо ҷавоб нависед:

1. Беҳтарин манбаи зиндагӣ чист?
2. Ҳаким ба писарон чӣ панд дод?
3. Қадри ҳунарманд дар чист?
4. Марди беҳунар дар зиндагӣ чӣ ҳол дорад?
5. Дар оилаи шумо киҳо чӣ гуна ҳунар доранд?

*Дар табиат парранда,*
*даррандa ва ҳайвоноти зи-*
*ёди дигар зиндагӣ мекунанд.*
*Онҳо аз тарзи зиндагӣ, ҳи-*
*лаҳои ҳамдигар то андозае*
*воқифанд. Одам бо ақлу хи-*
*ради худ аз ҳамаи ҳай-*
*вонҳо тавонотар аст.*

Сӯҳбат дар бораи ҳайвонҳои ваҳшӣ.

## АЗ ҲАМА ЗӮР
(афсона)

Буд, набуд, як Харгӯшак буд. Харгӯшак доною зирак буд ва ҳамеша хушу хуррам рӯз мегузаронд. На аз Гург метарсид, на аз Паланг, на аз Шеру на аз Рӯбоҳ. Аммо даррандаҳо ҳамеша пайт мечустанд, ки Харгӯшакро ба чанг даронанд.

Вале ин кори осон набуд. Харгӯшак аз касеву чизе наметарсид. Вай ҳамеша чӣ кор кардану чӣ гуфтанашро хуб медонист.

Шаб буд. Барфи лайлакӣ меборид. Шамоли тунд мевазид. Шеру Хирс, Гургу Паланг, Рӯбоҳу Шағол гурусна монда, худро ба чор тарафи беша мезаданд, то ягон чиз ёфта, шиками гуруснаи худро ором кунанд. Ана дар ҳамин шаб онҳо як-як ба хонаи Харгӯшак омаданд. Аввал Рӯбоҳ омад. Вай дари хонаи Харгӯшакро кӯфта гуфт:



– Ҳой, Харгӯшак, дарро кушо, ки камтар гарм шавам, вагарна хонаатро харобу худатро як луқмаи хом мекунам!

Харгӯшак дар ҷавоб гуфт:

– Меҳмон дорам, амак!

– Кист меҳмони ту? – ба ғазаб омада пурсид Рӯбоҳ.

Харгӯшак ҷавоб дод:

– Меҳмони ман Гург аст!

Номи Гургро шунида Рӯбоҳ гурехта рафт.

Вале дере нагузашта, худи Гург омад.

– Ҳой тирмизак, – гуфт вай, – канӣ дарро кушо, камтар гарм шавам!

– Маъзарат, – гуфт харгӯшак, – ман имшаб меҳмон дорам. Хонаи ман барои се тан танг аст, амак.

– Кист меҳмони ту? – ғазаболуд дӯғ зад Гург.

– Шершоҳ! – ҷавоб дод Харгӯшак.

Номи Шерро шунида Гург тарсид, нафасаш гашт. Вай ҳатто аз Харгӯшак узр пурсиду оҳистакак рафт.

1. Харгӯшак чӣ тавр зиндагӣ мекард?
2. Ба хонаи харгӯшак кадом даррандаҳо омаданд?
3. Онҳо чӣ мехостанд?
4. Харгӯшак чӣ ҷавоб дод?

1. Ҷумлаи "**Барфи лайлакӣ меборид**"-ро шарҳ диҳед.
2. Сархати охиринро рӯбардор кунед. Зери номи ҳайвонҳо хат кашед, савол гузоред.
3. Калимаҳои **Шершоҳ** ва **Харгӯшак**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, аз сатр ба сатр гузаронед.
4. Гургу шер даррандаанд, уқобу кабӯтар парранда мебошанд. Паррандаю даррандаҳоро бо як калима чӣ мегӯем?
5. Расми яке аз ҳайвонҳоро интихоб карда, кашед.

Мазмуни қисми аввалро нақл кунед.

## ҲИЛАИ НАҶОТБАХШИ ХАРГӮШАК

... Вале як поси шаб дари хонаи Харгӯшак боз кӯфта шуд. Ин дафъа худи Шер омада буд. Вай дари хонаро лагад зада, бо таҳдид гуфт:

– Ҳой гӯшдароз, дарро кушо, ки камтар гарм шавам, вагарна...

Харгӯшак натарсид, вай риштаи сухани Шерро бурида гуфт:

– Ман як меҳмони олиқадр дорам, ҳазрат! Хонаи ман барои се тан басо танг аст!

Шер ранҷида, дар ғазаб шуд ва Харгӯшакро дашном дода, гуфт:

– Меҳмони ту кӣ будааст? Бигӯ, ки дафъ шавад, барои ман ҷо холӣ кунад!

– Меҳмони ман ҷаноби Одам аст, – ҷавоб дод харгӯшак. Вай ба бешаи мо барои шикор омадааст. Як камони думила ҳам дорад...

Номи Одамро шунида ҳанги Шер канд. Вай дигар чизе нагуфта, думашро ходакунон гурехта рафт.

Лекин хурсандии Харгӯшак дер давом накард. Вай баногоҳ ба ёд овард, ки, агар ин лаҳза худи Одам омада, дари хонаи ӯро бикӯбад, чӣ кор мекунад, чӣ мегӯяд?

Дар ҳақиқат, аз Одам зӯртар кист?



1. Баъди Гург ба хонаи Харгӯшак чӣ омад?
2. Харгӯшак ба Шер чӣ ҷавоб дод?
3. Чаро Шер аз шунидани номи Одам ба воҳима афтод?
4. Барои чӣ хурсандии харгӯшак дер давом накард?

1. Харгӯшак то саҳар фикр кард, вале намедонист, ки аз Одам зӯртар кӣ бошад. Шояд шумо, бачаҳо, донед? Биёед, ба харгӯшак ёрӣ расонем.

2. Нақшофарӣ (хонача, харгӯшак, рӯбоҳ, гург, шер)

3. Ба калимаҳои **харгӯшак**, **шер** ва **одам** савол гузоред ва ба онҳо яктой ҷумла тартиб диҳед. Миқдори калимаҳоро дар ҷумлаҳо ба нақша мувофиқ намоед.

1. ______ ______ ______ ______ ______
2. ______ ______ ______ ______
3. ______ ______ ______ ______ ______ ______?

# 6. КАЛИМА. ОДАМОН, ҲАЙВОНОТ, АШЁ

## ДАРСҲОИ 65-66

1. Одам чӣ тавр олим мешавад, фикратонро гӯед.
2. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

### ЗИЁРАТИ ОЛИМ

Марде дар деҳае бо олиме дӯстӣ кард. Ҳар вақт ба зиёрати ӯ мерафт. Рӯзе он мард ба ҳавлии олим мерафт. Фариштае ба сурати одамӣ ба сари роҳи ӯ пайдо шуд. Фаришта пурсид:

– Кучо меравӣ?

Он мард чавоб дод:

–Ба зиёрати олим меравам.

Фаришта пурсид:

– Ба вай ҳеҷ хешие дорӣ?

Гуфт:

– Не.

Боз пурсид:

– Ба вай ягон кори зарур дорӣ?

Гуфт:

– Не.

Фаришта боз савол кард:

– Пас барои чӣ меравӣ?

Мард гуфт:

– Ман олимро дӯст медорам, ба зиёрати вай меравам.

Фаришта гуфт:

– Бидон, ки ман фариштаам. Башорат бод туро, ки Худованд бинобар муҳаббати ту ба он олим туро бибахшид. Ҳар касе олимро зиёрат кунад, гӯё анбиёро зиёрат кардааст.



**анбиё** – пайғамбарон
**зиёрат** – салом кардан, эҳтиром
**башорат** – хабари хуш, хушнудӣ

1. Мард ҳар вақт ба деҳа ба зиёрати кӣ мерафт?
2. Фаришта ба ӯ чӣ савол дод?
3. Мард чӣ ҷавоб дод?
4. Фаришта чӣ гуфт?
5. Зиёрати олим ба кас чӣ мартаба меорад?

1. Калимаҳоеро, ки ҳарфҳои **ӯ**, **ӣ**, **ё**, **й** доранд, нависед. Ҳиссаи калимаи **олим**еро ба сатри дигар гузаронед.
2. Ду ҷумлаи аввалро рӯбардор намоед.

## ДАРСҲОИ 67-68

Сӯҳбат. Зарбулмасали **"Меҳнат кунӣ – роҳат бинӣ"**-ро ба хотир оваред. Онро ба мазмуни матн муқоиса кунед.

## ДАВЛАТИ ИНСОН

Як ҷавон ҳамеша аз камбағалии худ шикоят мекард...

– Чаро ту ин қадар менолӣ? Охир ту давлати калон дорӣ-ку, – гуфт ба вай Ҳайдарбобо.

– Кадом давлат? – ҳайрон шуда, аз вай пурсид ҷавон.

– Чашмони ту. Як чашматро ба ман деҳ, чанд пуле, ки хоҳӣ, медиҳам.

– Не, чи қадаре давлат диҳед, ман чашмамро намедиҳам, – ҷавоб дод ҷавон.

– Хуб. Набошад, ба ман як дастатро деҳ. Ба ивазаш аз сар то поят тилло мерезам.

– Ҳеҷ гоҳ! Агар як кӯҳ тилло бахшанд ҳам, ман дастамро намедиҳам.

– Акнун мебинӣ, ки ту чӣ хел одами бадавлат будаӣ? Инро аз хотир набарор: давлати инсон қувва ва саломатии ӯст. Ҳар дуи онро ба ягон пул харида наметавонӣ. Агар онро дуруст истифода барӣ, яъне меҳнат кунӣ, бадавлат мешавӣ, – насиҳат кард Ҳайдарбобо.



1. Ҷавон аз чӣ шикоят мекард?
2. Пирамард аз ҷавон чиҳо талаб кард?
3. Мӯйсафед ба ивази узвҳои бадан ба ҷавон чӣ доданӣ шуд?
4. Ҷавон ба пирамард чӣ ҷавоб дод?
5. Барои инсон давлати бузург чист?

1. Муколамаи ҷавону мӯйсафедро дар нақшҳо иҷро кунед.
2. Шарҳ диҳед, ки чаро чашму даст ва дигар узвҳои инсон давлати бузург будааст.
3. Сархати охири матнро нависед. Ба зери калимаҳои ифодакунандаи ҳаракату амал хат кашед. Намуна:

мебинӣ (Чӣ кор мекунӣ?)....

4. Матнро хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои **Кӣ?, Чӣ?, Чӣ кор кард?, Чӣ кор мекунад?** ҷавоб мешаванд, ёфта, нависед. На-муна:

Кӣ? – ҷавон, ...

Чӣ? – чашм, ...

Чӣ кор кард? – пурсид, ...

5. Ҷумларо шарҳ диҳед.

Одам аз таҳти дил кор кунад, кӯҳро зада талқон мекунад.



6. **Кӯҳро зада талқон мекунад** чӣ маъно дорад?
7. Зарбулмасалро хонед ва шарҳ диҳед.

## Дӯсти ҷонӣ беҳтар аз хеши нонӣ.

Ба ин саволҳо ҷавоб нависед:
1. Меҳнат ба одам чӣ меорад?
2. Бекорӣ-чӣ?
3. Барои инсон давлати бузург чӣ будааст?

Сӯҳбат дар бораи кору бори одамон.

## МЕҲНАТ ШАРАФ АСТ

Обрӯю шарафи инсон аз кори ӯст. Дар ин бобат мардуми кӯҳистон ҳикояте доранд. Ҷавонмарде дар сояи дарахт нишаста будааст. Аз назди ӯ пирамарде мегузарад. Ҷавонмард аз ҷой бархоста, ба пирамард салом медиҳад. Вале пирамард ба саломи ҷавонмард ҷавоб нагуфта, гузашта меравад. Ҷавонмард ҳайрон мемонад. Баъди чанд соат пирамард дар роҳи бозгашт омада, ба ҷавонмард салом медиҳад. Ҷавонмард мепурсад, ки чаро аввал ба саломаш ҷавоб нагуфт ва ҳоло худаш омада, ба ӯ салом медиҳад. Пирамард чунин мегӯяд:

– Вақте ки ман аз роҳ мегузаштам, ту дар сояи дарахт бекор нишаста будӣ. Ҳоло бошад, заҳмат мекашӣ ва то бехи дарахт ҷӯй канда истодаӣ. Ҳар кас меҳнат кунад, ба иззату икром сазовор мешавад.



1. Чаро пирамард ба саломи ҷавон ҷавоб нагуфт?
2. Ҷавон аз чӣ ҳайрон шуд?
3. Ба чӣ сабаб дар бозгашт пирамард ба ҷавон салом дод?
4. Пирамард ба ҷавон чӣ гуфт?
5. Чӣ гуна шахсро одамон иззату икром мекунанд?

1. Ба калимаҳои зерин савол гузоред:

   нишаст, гуфт, рафт, омад, дод, пурсид, канд.

2. Ин байтро нависед ва аз ёд кунед.

   Илм чу донӣ, зи амал сар мапеч,
   Дониши бекор наарзад ба ҳеҷ.

   Абдураҳмони Ҷомӣ

3. Муродифи калимаи **одамро** пайдо кунед.
4. Бо ин калимаҳо ҷумлаҳо тартиб дода, нависед:

   рафт, нишаст, гузашт.

5. Гӯед, ки шумо дар хона ба кадом корҳо машғул мешавед?
6. Ба калимаҳои **иззат**, **шараф**, **мардум** калимаҳои ҳаммаъно ёбед.

   Намуна: шараф – обрӯ, номус – ...

7. Ба ин калимаҳо саволҳои мувофиқро гузоред:

   хӯрд, хонд, мехӯрад, мехонад, расид, мерасад.

Ба саволҳо бо 1-2 калима ҷавоб нависед, ҷавобҳоро аз матн ёбед.

1. Кӣ дар сояи дарахт нишаста буд? – Ҷавон.
2. Аз назди ӯ кӣ гузашт? – Пирамард.
3. Ҷавон чӣ кор кард? – ...
4. Пирамард барои чӣ ба салом ҷавоб надод? – ...
5. Одаме, ки меҳнат мекунад, ба чӣ сазовор мешавад? – ...
6. Худатонро санҷед. Амалу ҳаракати ашё дода шудааст. Онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед:

расм кашед, расм мекашад, суруд мехонд, гуфт, шикаст, хонд, мехонад, салом дод, хабар овард, шунид.

Намуна:

Чӣ кор кард? – гуфт, ...

Чӣ кор мекунад? – мехонад, ...

*Меҳнат обрӯйи одамро баланд мебардорад. Ба воситаи меҳнат одам ризқу рӯзӣ меёбад, осуда-ҳолона зиндагӣ мекунад. Меҳнат шараф аст. Хондан ҳам меҳнат аст. Нағз хонед.*

## ДАРСҲОИ 1-2

Сӯҳбат дар бораи меҳмону меҳмондорӣ.

### ОДОБИ ҚАБУЛИ МЕҲМОН

Одоби қабули меҳмон ва ба меҳмонӣ рафтан расму одати деринаи халқи мо мебошад, ки дар тӯли асрҳо риоя карда мешавад. Вале дар пешниҳодҳои Ҳусайн Воиз шартҳое ҳастанд, ки на ҳамаи мизбонону меҳмонон тамоми нозукиҳои онҳоро дуруст риоя мекунанд.

Он шартҳо чунинанд: Мизбон ба меҳмон бояд таоми ҳалолу покиза диҳад. Меҳмонро хуш пешвоз гирифта, дар ҷойи озода шинонад. Бо меҳмон кушодарӯю хандон бошад. Ҳарчанд меҳмон зиёд ояд, рӯй турш накунад. Меҳмони нохондаро бештар ҳурмат кунад. Хасисӣ накунад. Ҳар неъмате, ки дар хона мавҷуд бошад, ба назди меҳмон гузорад.

Мазмун аз Ҳусайн Воизи Кошифӣ

**дерина** – пешина, қадима
**мизбон** – соҳиби хона
**нохонда** – даъват нашуда

1. Кадом расму одат асрҳо боз дар байни мардуми мо риоя мешаванд?
2. Оё ҳамаи нозукиҳои қабули меҳмон риоя мешаванд?
3. Меҳмонро чӣ тавр қабул кардан лозим аст?
4. Агар меҳмони нохонда ояд, чӣ хел рафтор кардан лозим аст?
5. Рӯзе, ки ба хонаатон меҳмон ояд, шумо чӣ кор мекунед?

Калимаҳоро хонед, савол гузоред:

рафт, хӯрд, хонд, овард, расид, навишт, баромад.
Намуна: Чӣ кор кард? – хонд, ...

Ба саволҳо ҷавоб диҳед ва нависед:
1. Меҳмон кист ва ӯ бо кадом мақсадҳо меояд?
2. Мизбон кист ва ӯ чӣ тарз рафтор мекунад? Намуна:

1. Меҳмон чӣ кор мекунад? – меояд, мешинад, сӯҳбат мекунад, ...

1. Амалҳоро муқоиса кунед:

гуфт – нагуфт, хӯрд – нахӯрд
дид – надид, хонд – нахонд

2. Хонед, ба амали ашё диққат диҳед:
• Кабӯтар чӣ кор мекунад? – Мепарад, парвоз мекунад, ...
• Мор чӣ кор мекунад? – Мехазад, ...
• Харгӯш чӣ кор мекунад? – Мегурезад, меҷаҳад...

Ба ин саволҳо ҷавоб нависед.
1. Мизбон чӣ кор кард?
2. Падар чӣ кор мекунад?

Намуна: Мизбон чӣ кор кард? – пешвоз гирифт, шинонд, рӯй турш накард, .....

1. Ҷумлаи аввали сархати дуюми матнро хонед. Калимаҳоеро, ки ба саволҳои **Кӣ?**, **Чӣ?** ва **Чӣ кор мекунад?** ҷавоб мешаванд, ёбед.

2. Калимаҳои зеринро нависед, савол гузоред: **мехӯрад**, **месарояд**, **шунид**, **мехобад**, **менависад**.

3. Аз мушоҳидаатон дар мавзӯи **"Одоби қабули меҳмон"** ҳикояча нависед. Ҳикояи худро ин тавр сар кунед:

Рӯзи ҷумъа ба хонаи мо меҳмон омад. Падарам...

## ДАРСҲОИ 3-4

Муносибати худро бо падару модар ба хотир оред.

### ЭҲТИРОМИ ПАДАРУ МОДАР

Фарзанд вазифадор аст, ки ба падару модари худ бо меҳрубонӣ сухан гӯяд. Ба онҳо сухани дағалу дурушт нагӯяд. Назди онҳо суханро дароз накунад.

Бачаҳо, ба падару модари худ беэҳтиромӣ накунед. Дар миёни сухани онҳо сухан нагӯед. Гуфтаҳои падару модарро рад накунед. Нисбат ба онҳо раҳмдил бошед. Ба шодии онҳо шод шавед. Орзу ва майлу хоҳиши онҳоро фаҳмида, барои иҷрои он кӯшиш кунед. Агар бемор шаванд, дорую даво ва табиб ёфта, роҳи шифои онҳоро пайдо намоед.

Баъзан лозим меояд, ки падару модарон ба шумо сахттар гап мезананд. Дар ин маврид низ дар ғазаб нашавед. Андеша кунед, ки онҳо аз шумо чӣ талаб доранд.



**лутф** – нармӣ, меҳрубонӣ
**густохӣ** – бешармӣ, беадабӣ
**сабр** – тоқат
**мақсуд** – ниятҳо, мақсадҳо

1. Агар тарбияи падар ва модар намебуд, шумо чӣ тавр зиндагӣ мекардед?
2. Чаро бачаҳо падару модари худро эҳтиром мекунанд?

Ба саволҳо бо як-ду калима ҷавоб нависед:
1. Чӣ гуна бачаро баодоб мегӯянд?
2. Муносибати шумо бо бачаҳои беодоб чӣ гуна аст?
3. Тозаю озодагии инсон чӣ аҳамият дорад?
4. Ба рафтори баъзе бачаҳо шумо чӣ баҳо медиҳед?

1. Бо калимаҳои зерин ҷумла тартиб диҳед: **некӣ, сабр, меҳрубон**. Ба ҳаракати одамон савол гузоред.
2. Фикру андешаи шумо дар бораи эҳтироми падару модар чӣ гуна аст? (ҳикояча нависед).

## ДАРСҲОИ 5-6

Маънои калимаи **истиқлол**ро шарҳ диҳед

### НОНИ ИСТИҚЛОЛ БОМАЗА АСТ

Рӯзе як марди сарватманд шахси доноро ба назди худ даъват карду гуфт:

– Ту марди оқил ҳастӣ, аммо зиндагии камбағалона дорӣ. Ман ба ту некӣ кардан мехоҳам. Ту ба даргоҳи ман биё ва дар хизмати ман бош. Ин ҷо обу нони фаровон хоҳӣ ёфт.

Мард гуфт:

– Бале, дар хонаи ту неъмати фаровон хоҳам ёфт, лекин озодии худро гум мекунам. Ҳеҷ неъмат аз озодӣ беҳтар нест! Нони озодӣ бомаза, ҳалол ва беминнат аст. Нони ғуломӣ ҳамеша сахту талх аст. Аз гулӯи ман ба сахтӣ мегузарад.

**фаровон** – бисёр, зиёд
**сарватманд** – бой, давлатманд

1. Чаро марди сарватманд шахси доноро ба наздаш даъват кард?
2. Сарватманд ба марди оқил чиҳо гуфт?
3. Марди оқил ба сарватманд чӣ ҷавоб дод?
4. Барои озодӣ ва ободии Ватан чӣ бояд кард? Ҷумлаи "**Нони ғуломӣ ҳамеша сахту талх аст**"-ро шарҳ диҳед.

1. Пандҳоро хонед, дар хотир гиред.

1. Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
   Агар хоре бувад, гулдаста гардад.
2. Аз одами бекор – ҳама безор.

1. **Ҳеҷ неъмат беҳтар аз истиқлол нест** чӣ маъно дорад?
2. Меҳнати ҳалол чист ва ҳаром чист?

1. Матнро бори дигар хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои **Чӣ кор кард?**, **Чӣ кор мекунад?**, **Чӣ шуд?** ҷавоб мешаванд, нависед.

Намуна: Чӣ кор кард? – гуфт, ... .

2. Ин амалҳоро истифода бурда ҷавобан ба саволҳои **Чӣ кор кард?**, **Чӣ кор мекунад?** ҷумла тартиб диҳед:

парвоз мекунад, мехонем, мехазад, мераванд.

3. Дар матн калимаҳое ҳастанд, ки ба саволҳои **Кӣ?**, **Чӣ?** ҷавоб мешаванд, онҳоро ёбед.

Намуна: Кӣ? – мард, ... Чӣ? – даргоҳ, ...

1. Сарватманд чӣ кор кард?
2. Ӯ киро ба наздаш даъват кард?
3. Оқил чӣ ҷавоб дод?
4. Барои ободии Ватан чӣ бояд кард?

1. Шарҳ диҳед:

Меҳнат кунӣ, роҳат бинӣ

2. Аз ҳарфҳои калимаҳои **истиқлол**, **беминнат** калимаҳои нав созед. Намуна:

Истиқлол: лоиқ, қил, исто, ...

Дар хоначаҳои холӣ ҳарфҳои садонокро гузоред

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| С | | Б | | Д |
| К | | Р | | М |
| Қ | | Л | | М |
| З | | Ф | | Р |

## ДАРСҲОИ 7-8

Сӯҳбат дар бораи мевачинӣ.

### КОРИ ХАТО

Дилшод аз мактаб омаду либосҳояшро иваз кард. Ба таги дарахти себ омада, хост, ки себ чинад. Аммо қадаш нарасид. Ӯ бо як азоб шохеро хам кард. Ҳанӯз себ начинда буд ки, шохи дарахт шикаст. Дилшод парвое накарда себҳояшро чинду ба хона рафт.

Шаб шуд, ҳама хоб рафтанд. Дилшод ҳам хоб кард. Ӯ дар хоб дид, ки аз кӯҳи баланде меафтад. Дар наздаш касе нест ба ғайр аз он дарахти себ. Дилшод дар лаби ҷар овезон аст ва аз дарахти себ хоҳиш мекунад, ки ба ӯ ёрӣ диҳад. Дарахт овоз баровардa, мегӯяд: «Агар ту дирӯз шохи маро намешикастӣ, ҳоло ба ту ёрӣ медодам». Ҳамин лаҳза дастонаш аз хастагӣ кушода шуду ба поён афтид. Вале дар лаҳзаи охирин дарахт ба Дилшод шохаи ношикастаашро дароз кард...

Дилшод тарсида аз хоб бедор шуду зуд аз тиреза ба берун нигоҳ кард. Дид, ки дарахти себ дар ҷояш. Оҳиста ба ҷогаҳаш даромада, хоб кард. Саҳар, барвақт аз хоб хеста, ба назди дарахт рафт. Бахшиш пурсид. Вай фаҳмида буд, ки кори хато карда будааст. Минбаъд ӯ ҳамеша ба дарахтон ғамхорона нигоҳубин мекард.



1. Барои чӣ ҳикоя **Кори хато** номида шудааст?
2. Чаро Дилшод шохи себро шикаст?
3. Дар хоб Дилшод чӣ илтимос кард?
4. Дарахти себ чӣ гуфт ва чӣ кор кард?
5. Шумо ҳам ба мисли Дилшод рафтор мекунед?

1. Муносибати худро ба дарахту гиёҳҳо шарҳ диҳед.
2. Дар бораи маъракаи ниҳолшинонӣ ҳикояча нависед.



3. Дар бораи дарахти **себ**, **нок**, **олу**, **зардолу**, **шафтолу** ва меваи онҳо ҳикоя кунед.
4. Фарқи дарахти себ ва арчаро гӯед ва ба ду сутун нависед:

| **Себ** | **Арча** |
|---|---|
| мевадор, | сояафган, |
| боғӣ... | ороишӣ... |

5. Ба калимаҳои **дод**, **афтод**, **тарсид**, **хато кард**, **даромад**, **хест**, **рафт** саволҳои мувофиқ гузоред. Намуна:
   афтод (Чӣ кор кард?), ....

6. Дар бораи нигоҳубини дарахт ва гиёҳҳои боғчаи ҳавлӣ ё мактабатон ҷумлаҳо нависед..

Дар хоначаҳои холӣ кадом ҳарфҳои ҳамсадоро гузорем, ки номи меваҳо ҳосил шавад.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | е | | | | | |
| а | | о | | | | |
| | е | | о | | | |
| | а | | | и | | |
| | а | | | о | | у |

## ДАРСҲОИ 9 - 10

Сӯҳбат дар бораи деҳқон

### ДЕҲҚОН

Ҳар рӯз, саҳаргоҳон
Саҳро биравад деҳқон.
Меҳнат бикунад чандон
Бо ғайрати бепоён.

То ин ки замин неъмат
Бидиҳад ба ту беминнат.



Покиза заминатро
Аз хору алаф бинмо,
Ин гуфта бикун иҷро,
Маҳсул шавад аъло.

То ин ки замин неъмат
Бидҳад ба ту беминнат.

Боқӣ Раҳимзода

**бидҳад** – диҳад
**маҳсул** – ҳосил
**саҳаргоҳон** - субҳидам
**неъмат**- ризқу рӯзӣ, сарват

1. Дар шеър сухан дар бораи кӣ меравад?
2. Барои чӣ шоир меҳнати деҳқонро васф мекунад?
3. Кадом неъматро инсон аз замин мегирад?
4. Кӣ касби деҳқониро интихоб мекунад?

1. Бо калимаҳои **деҳқон, саҳро** ҷумлаҳо нависед.

2. Ба имлои калимаҳо эътибор диҳед:

деҳқон,саҳаргоҳон, меҳнат, бидҳад, маҳсул, неъмат. Ҳаммаънои калимаҳои **ғайрат, неъматро** ёбед.

Намуна: неъмат – бойигарӣ

3. Аз ҳарфҳои калимаи **саҳаргоҳон** калимаҳои нав созед.

Намуна: саҳаргоҳон: сар, роҳ, саг...

4. Шеъри "Деҳқон"-ро хонед. Гӯед, ки чаро аввали ҳар як сатр бо ҳарфи калон навишта шудааст.

Ба ин саволҳо ҷавоб диҳед ва муқоиса кунед:

1. Кӯҳ баланд мешавад, теппа-чӣ?
2. Осмон баланд аст, замин-чӣ?
3. Дарё сероб аст, ҷӯй-чӣ?
4. "Бачаи аълохон" мегӯянд, боз чӣ мегӯянд?

*Модари ман меҳрубон ва ширинзабон аст. Мо забонҳоро аввал аз модар ва падари худ меомӯзем. Забони мо тоҷикӣ аст. Ба забони тоҷикӣ бисёр асарҳои безавол навишта шудаанд. Мо забони модарии худро дӯст медорем.*

## ДАРСҲОИ 11-12

Ба саволҳо ҷавоб диҳед ва нависед:

1. Пеш аз кӯча баромадан чӣ кор кардан лозим?
2. Аввал ба чӣ бояд назар кунем?
3. Тозаю озодагии инсон чӣ аҳамият дорад?

1. Дар бораи амалу ҳаракати одамон ва ашёи шинос ҷумла тартиб диҳед:

Ҳофиз чӣ кор мекунад? – Ҳофиз месарояд, ...

Бо қалам чӣ кор мекунанд? –

Рассом чӣ кор мекунад? –

2. Ба ҳаракат ва амалиёти одамон ва ашё саволҳои мувофиқ гузоред:

Шодӣ ба падараш (...?) ёрӣ мерасонад.

Садбарг хонаро (...?) рӯфт.

Парвина ба дугонааш (...?) хат навишт.

3. Матни **Боғчаро** хонед, калимаҳои **боғ** ва **боғчаро** муқоиса кунед.

### БОҒЧА

Дар боғча дарахтони мевадор месабзанд. Гулҳои ранго-ранг ҳам кошта шудаанд. Дар байни гулзор суффа ҳаст. Паррандагони гуногун ба дарахтон мешинанд, ба хониш медароянд. Хониши онҳо ба гӯш форам мерасад. Дар ҷӯйча оби мусаффо ҷорист.

Ҳарфҳоро тарзе ҷо ба ҷо гузоред, ки номи **гул** пайдо шавад.

| Ф | И | Н | Л | У | А | Р |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | 2 | 1 | 3 | 4 | 6 | 7 |

Ба ин саволҳо аз матни **Боғча** ҷавоби мувофиқ ёбед:

1. Дар боғча чӣ хел дарахтон месабзанд?
2. Дар боғча чӣ кошта шудааст?
3. Дар байни гулзор чӣ ҳаст?
4. Паррандагон чӣ кор мекунанд?

1. Ин зарбулмасалҳоро нависед ва аз ёд кунед:

**1. Пурдонӣ аз пурхонӣ, камдонӣ аз камхонӣ.**
**2. Ваъда додӣ, вафо кун, қавл додӣ, иҷро кун.**

2. Калимаҳои зеринро ҷуфт хонед:

| | |
|---|---|
| хӯрд – нахӯрд, | доно – нодон, |
| дод – надод, | васеъ – танг. |

## ДАРСҲОИ 13-14

Ҳайвонҳои даррандаро номбар кунед.

### САЙЁДОН

Сайёдон дар бешазор ба гурге вохӯрданд. Гурги гурусна ба ғор даромад. Сайёдон дар лаби ғор соатҳо интизор шуданд, аммо гург дигар пайдо нашуд.

Сайёде ба хотири шикор кардани гург ба ғор даромад, аммо дигар барнагашт. Рафиқонаш хеле интизор шуданд, аммо аз ӯ хабаре набуд.

Ду рафиқ низ аз ақиби рафиқашон ба ғор даромаданд ва диданд, ки каллааш нест. Онҳо савол ба миён гузоштанд: Оё сайёд пеш аз даромадан ба ғор калла дошт? Яке мегуфт: "Ба хаёлам дошт", дигаре мегуфт: "Надошт".

Онҳо ба деҳа омаданд. Воқеаро ҳикоя карданд. Барои ёфтани ҷавоби саҳеҳ, ки сайёд калла дошт ё не, ба назди занаш рафтанд. Зани сайёд гуфт:

– Ман аз куҷо донам, ки шавҳарам калла дошт ё не ... Фақат ба ёдам ҳаст, ки ҳар сол барои худ кулоҳи нав мехарид.

Як пири доно ин ҳикояро шунида, гуфт: "Модом ки сайёд ба ғор, ба назди гург даромадааст, пас вай аз модар бекалла таваллуд шудааст.

Мазмун аз Расул Ғамзатов



**бешазор** – ҷангалзор
**сайёдон** – шикорчиён
**саҳеҳ** – аниқ, равшан

1. Воқеа дар куҷо рӯй дод?
2. Сайёдон дар беша чиро диданд?
3. Яке аз сайёдон ба куҷо даромад?
4. Гург чӣ хел ҳайвон аст?
5. Чаро пири доно сайёдро «**Аз модар бекалла таваллуд шудааст**» гуфт?

Саволҳо ва ҷавобҳоро нависед:

1. Сайёдон бо чӣ вохӯрданд? – Бо гург.
2. Занаш дар ҳаққи сайёд чӣ гуфт? – Ҳар сол кулоҳ мехарид.

1. Аз матн калимаҳоеро, ки амалу ҳаракатро ифода мекунанд, нависед, савол гузоред.

2. Номи умумии ашёи зеринро муайян кунед:

корд, табар, дос, каланд.

3. Калимаҳоро алоҳида нависед ва тарзи навишти онҳоро дар хотир доред:

сайёд, сайёдон, гуруснa, соат, аммо, диданд, воқеа, ҳикоя, бекалла, таваллуд.

4. Савол гузоред, гӯед, ки амал ва ҳаракати ашё ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

роҳбарӣ кард, фирор кард, даъват намуд, ҳампа кард.

5. Ҳаракату амали ашё ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

Сайёд чӣ кор кард? – Даромад.

6. Пандҳоро аз ёд кунед:

**1. Сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад.**

**2. Бо сухани нағз мор аз хонааш мебарояд.**

7. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ ёфта, ҷумлаҳоро пурра кунед:

... шараф аст..... айб нест. .... ҳама безор....офати ҷон аст. ...гул аст. ... ганҷ бурдӣ.

Калимаҳо барои истифода:

меҳнат, аз бекор, дасти одам, пурсидан, танбалӣ, ранҷ бурдӣ.

Дар бораи падари худ ва касби ӯ ҳикоя кунед.

## ДАР НАСИҲАТИ ФАРЗАНД



Ҳон, эй писари азизу дилбанд,
Бишнав зи падар насиҳате чанд.
... Дарёб саҳар канори ҷӯйро,
Покиза бишӯй дасту рӯйро.
Кун поку тамиз гӯшу гардан,
К-ин кор зарурат аст кардан.
То он ки ба паҳлуят нишинанд,
Чирку гили гӯши ту набинанд.
Бо модари хеш меҳрубон бош,
Омодаи хизматаш ба ҷон бош.
Бо чашми адаб нигар падарро,
Аз гуфтаи ӯ мапеч сарро.
Чун боадабу тамиз бошӣ,
Назди ҳама кас азиз бошӣ

Эраҷ Мирзо

**хеш** – худ
**ҳон** – огоҳ бош
**тамиз** – тоза, покиза
**омода** – тайёр

1. Дар ин шеър сухан дар бораи киҳо меравад?
2. Падар ба писар чӣ насиҳат кардааст?
3. Барои тозаю озода гаштан чӣ бояд кард?
4. Ба падару модар чӣ хел муносибат кардан лозим аст?
5. Боадаб будан чӣ аҳамият дорад?

Шаш мисраи охирро аз ёд кунед.

Ҷавоби ин саволро нависед:

Барои боадаб шудан чӣ кор кардан лозим аст? Ҷавоби яке аз талабагон чунин аст (намуна):

Падару модарамро эҳтиром мекунам. Ба гуфтаҳои муаллим гӯш медиҳам. Ба тозагии дасту рӯй, гӯшу гардан, дандон риоя мекунам ва либосамро тоза нигоҳ медорам.

1. Ба зери калимаҳое, ки ба саволҳои **Чӣ кор кард?**, **Чӣ кор мекунад?** ҷавоб мешаванд, хат кашед.

2. Шумо барои боадаб шудан чӣ корҳоро анҷом медиҳед? Номбар кунед.

3. Дар ҷойи нуқтаҳо калимаи зарурӣ гузоред:

Гулнора духтари тозаю ... аст.

А. Чиркин. Б. Озода. В. Танбал.

Ба ин саволҳо ҷавоб нависед:

1. Барои тозаю озода будан чӣ кор кардан лозим аст?

2. Дар кӯчаю мактаб чӣ тарз бояд рафтор кард?

## ДАРСҲОИ 17-18

### 1. АЙНАКИ МӮЪҶИЗАНОК

Сомонтоҷ синфи якумро хатм карда, ба синфи дуюм гузашт. Вай хондану навиштан, ҳисобу расм кашиданро ёд гирифта буд. Дар таътили тобистона ба деҳа, ба ҳавлии бобояш рафт. Бобои Сомонтоҷ шахси қадбаланд, чорпаҳлу буд ва риши мошубиринҷ дошт.

Рӯзе дар рӯйи кат нишаста, китоби ҳикояву саргузаштҳои аҷоибро мехонд. Ин дам Сомонтоҷи серҳаракат, кунҷков ва шӯх аз бозӣ, аз даву тоз бо дӯстони деҳотияш ба ҳавлӣ бозгашт.

Бобо ӯро ба пеши худ даъват кард ва навозишкунон гуфт:

– Ҷони бобо, хондану навиштанро ёд гирифтӣ? Беғалат мехонӣ?

– Ҳа, бобоҷон, хонда метавонам.

Ин тавр бошад, ана, ин ҳикояи аҷоиброба ман хон.

– Хуб, бобоҷон.

Ӯ китобро ба даст гирифта, ба хондани ҳикояи "Ҷанги уқоб ва мор" сар кард.

Бобо аз чашм айнакро нагирифта ба хондани набера гӯш медод. Сомонтоҷ мехонд:

– Чанги уқоб бо мор.

Бобо як гӯшаи боғро назора карду гуфт:

– Чанг не, ҷанг, ҷони бобо.

Сомонтоҷ ҳайрон шуд. Ислоҳ карда хонд ва давом дод:

– Уқоб бо тасп ба мор ҳамла кард.

Бобо боз ислоҳ кард:

– Тасп не, шаст...

Ҳар калимаро, ки ғалат мехонд, бобо ислоҳ мекард.

– Хар не, ҳар, ҳуҷм не, ҳуҷум ва ғайра.

Сомонтоҷ торафт ҳайрон мешуд, ки чӣ тавр бобо ба китоб нигоҳ накарда ғалатҳои ӯро мебинад. Ӯ аз пурсидани сирри бобо шарм медошт ва худдорӣ мекард. Илоҷе карда бо чандин ғалатҳои дигар ҳикояро то охир хонд. Аз бобо иҷозат хоста, пеши бибӣ омада, нишаст. Бибӣ дар чашм айнак мош тоза мекард. Ҳолати Сомонтоҷро пай бурда, гуфт:

– Сомонтоҷ, чизе пурсидан мехоҳӣ?

Вай бештар дар ҳайрат монд.

– Бибиҷон, чӣ хел мешавад, ки бобоям ба китоб нигоҳ накарда ғалатҳои маро меёбанд? Шумо бошед, ман чизе на гуфта, медонед, ки ман чизе пурсиданиям?

**наззора** – нигоҳ **ҳайрат** – ҳайронӣ

**худдорӣ** – худро ба даст гирифтан

1. Сомонтоҷ синфи чандумро тамом кард?
2. Вай дар таътили тобистона ба куҷо рафт?
3. Бобои Сомонтоҷ чӣ хел шахс буд?
4. Бобо аз Сомонтоҷ чиро пурсид?
5. Чаро Сомонтоҷ ҳайрон шуд?
6. Вай ба пеши кӣ рафт?
7. Бибияш чӣ кор кард?

1. Чаро калимаи **Сомонтоҷ** бо ҳарфи калон навишта шудааст?
2. Барои чӣ ҳарфи якуми калимаҳои аввал калон ва калимаҳои дуюм бо ҳарфи хурд навишта шудаанд?

| | |
|---|---|
| Давлат – давлат | Мӯъмин – мӯъмин |
| Одил – одил | Товус – товус |
| Парвона – парвона | Анор – анор |

3. Ду ҷумла тартиб диҳед, ки бо ин нақшаҳо мувофиқ бошанд.

1. ⌊_____ _____ _____

2. ⌊_____ _____ _____ _____

4. Нависед, ки шумо кадом паррандаҳоро дидаед. Дар бораи онҳо чиҳо медонед?

## ДАРСҲОИ 19-20

1. Қисми аввали матнро ба хотир биёред.
2. Чаро Сомонтоҷ ин қадар кунҷковӣ мекард?

### (давоми ҳикоя)

Бибӣ табассум кард ва гуфт:

– Дидӣ, ки бобоят дар чашм айнак, боз як айнаки дигар дар сар дорад. Ана бо ҳамон айнак ҳама чизро нигоҳ накарда мебинад. Рав аз худашон сирри айнакро пурс. Он кас хафа намешаванд, мефаҳмонанд. Натарс...

Сомонтоҷ тозон ба назди бобо баргашта, бо ҳайрат ба рӯйи бобо нигариста, пурсид:

– Охир, вақте ки ман мехондам, рӯйи шумо тарафи дигар буд. Чӣ тарз шумо ба китоб нигоҳ накарда ғалатҳои маро дидед?

Бобо ҳазломез гуфт:

– Ту намебинӣ, ман айнак дорам. Бо айнак ҳама ҷо ва ҳама чизро мебинам.

– Набошад айнакатонро ба ман диҳед, ки ҳама ҷоро бинам, китобро ҳам беғалат хонам, – гуфт Сомонтоҷ.

Бобо нимҳазлу нимҷиддӣ гуфт:

– Ин айнак дар чашмони ту чизеро беғалат нишон намедиҳад. Ба синну соли ман расӣ, он вақт айнак ҳама чизро равшану беғалат нишон медиҳад.

Сомонтоҷ боз пурсид:

– Бибиям чӣ хел фаҳмиданд, ки ман чизе пурсиданиям?

Бобо хандид ва гуфт:

– Айнаки бибият дар сараш аст. Ту ҳам бисёр китоб хонӣ, дар сарат айнак пайдо мешавад, баъд ҳама чизро мешиносӣ ва мефаҳмӣ.

Сомонтоҷ боз пурсид:

– Мебахшед, айнаки сар ҷист? Ба ман айнаки сар харида диҳед.

Бобо гуфт:

– Айнаки сар дар зиндагӣ, дар китоб аст... Онро харида намешавад. Агар бисёр китоб хонӣ, соҳиби айнаки сар мешавӣ. Ҳоло рав, бозӣ кун.

Файзулло Шарифзода

**нимҷиддӣ** – ҳазломез

1. Бибӣ табассум карда чӣ гуфт?
2. Сомонтоҷ ба назди кӣ рафт?
3. Бобо ҳазломез чӣ ҷавоб дод?
4. Сомонтоҷ аз бобояш чиро гирифтанӣ буд?
5. Чаро бобои Сомонтоҷ хандид?
6. **Айнаки бибият дар сараш аст** чӣ маъно дорад?

1. Калимаҳои **табассум, нимҷиддӣ, сирро** нависед.

2. Ин калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

3. Бо калимаи **табассум** ҷумла нависед.

4. Дар бораи бобою бибиятон ҳикояча нависед. Онро ин тарз сар кунед.

Бобою бибии ман дар шаҳри Кӯлоб зиндагӣ мекунанд. Бобоям ҳафтоду чорсола, бибиям...

5. Пандро аз ёд кунед.

**Ҳар ки дорад донишу ақлу тамиз,**
**Аҳли ақлу илмро дорад азиз.**

**Фаридаддини Аттор**

Падару модар ва бобою бибӣ ба фарзандон ғамхорӣ мекунанд. Агар фарзандон солиму бодоб бошанд, хубу аъло хонанд, онҳо хурсанд мешаванд. Падару модар, бобою бибӣ ва калонсолонро ҳурмат кунед.

Дар бораи оилаатон сӯҳбат кунед.

## МУНАҚҚИДИ БОБО

Бобои Нозанин наберагу абераҳои бисёр дорад. Аз ин рӯ онҳоро **лашкар** меномад. Бобо ҳамаи аҳли байт – наберагу абераҳои худро мисли шаҳду шакар дӯст медорад. Онҳо низ бобои меҳрубону ғамхори худро хеле дӯст медоранд ва эҳтиром мекунанд. Бобояш Нозанинро бештар дӯст медорад, чунки ӯ дӯстрӯяку дидадаро, меҳрубону ширинсухан аст. Бобо дар симои Нозанин хислатҳои худро мебинад ва ӯро давомдиҳандаи касби худ мешуморад.

Нозанин дар синфи дуюм мехонад ва аз ҳамаи фанҳо баҳои аъло мегирад. Баъди дарс ба хона омада, либосҳояшро иваз мекунад, дасту рӯяшро мешӯяд ва тозон ба пеши бобояш меояд ва тантанавор **ҳисобот** медиҳад: аз забони модарӣ – панҷ, аз риёзӣ – панҷ, аз хат – панҷ... Бале, Нозанин аълохон аст.



Нозанин муаллимаи худро хеле дӯст медорад ва ҳурмат мекунад. Дар вақти танаффус дасти муаллимаашро гирифта гирди ӯ чарх мезанад, шодӣ мекунад, муаллимаашро мебӯсад. Вай мегӯяд:

– Муаллимаи мо зебо, меҳрубон ва доноянд, ҳама чизро медонанд, ба мо низ ёд медиҳанд.

**мунаққид – танқидкунанда**
**симо – чеҳра, рӯй**
**дидадаро – гармрӯй**

1. Барои чӣ бобои Нозанин набераҳояшро **лашкар** меномад?
2. Чаро бобо Нозанинро бештар дӯст медорад?
3. Нозанин дар мактаб чӣ гуна шогирд аст?
4. Вай ба бобояш дар бораи чӣ ҳисобот медиҳад?
5. Ӯ бо муаллимааш чӣ гуна муносибат дорад?

1. Аз матн калимаҳои **ғамхор**, **дӯстрӯяк**, **меҳрубон**, **ширинсухан**-ро нависед.
2. Бо калимаи **ширинсухан** ибора тартиб дода, савол гузоред.
3. Ҳарфҳои калимаи **донишмандро** истифода бурда калимаҳои нав созед: **ман**, **доно**, **ошно**.
4. Матнро хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои **Чӣ кор кард?**, **Чӣ шуд?** ҷавоб мешаванд, муайян кунед.
5. Аз сархати охирини матн ҷумлаи **"Муаллимаи ман меҳрубон"**-ро ёфта, то охир нависед.

## ДАРСҲОИ 23-24

Дар бораи бобо чиҳо гуфта будем, ба хотир оред.

### (давоми ҳикоя)

Ба шарофати мактабу муаллима Нозанин тағйир ёфтааст. Ӯ ҳама суханҳои падар, модар, холаю тағоҳояшро бо гуфтаҳои муаллимааш муқоиса мекунад ва бартарии гуфтаю талабҳои муаллимаро тарафдорӣ ва сармашқи зиндагии худ менамояд. Аз ин тағйирёбии Нозанин хонавода ҳам ҳайронанд, ҳам шод.

Нозанин эрод мегирад:

– Очаҷон, барои чӣ шумо ин қадар «ту-ту» мегӯед?

Охир аз рӯйи одоб мо бояд ба ҳамдигар "шумо – шумо" гӯем-ку. Дар синф мо ҳама ба якдигар **шумо** гуфта муроҷиат мекунем. Муаллима доим таъкид мекунанд, ки гапи якдигарро набурем. То калонсолон гап напурсанд, гап назанем. Аввалин шуда салом диҳем, дар вақти хӯроккхӯрӣ ба ҳар тараф нигоҳ накунем, вақти хӯрок хӯрдан шаф-шаф накунем…

Риояи бисёр қоидаҳои дигарро Нозанин аз аҳли оила талаб мекард. Аз ин талабҳои Нозанин бобо завқ мебурд ва қаноатмандона сар меҷунбонд.

1. Нозанин суханҳои киҳоро бо гуфтаҳои муаллимааш муқоиса мекард?
2. Чаро аҳли хонаводаи Нозанин ҳайрон мешуданд?
3. Нозанин ба кӣ эрод мегирифт?
4. Муаллима чиро таъкид мекард?
5. Бобо аз чӣ завқ мебурд?

1. Аз матн калимаҳои **ба мо азизро** ёбед ва савол гузоред.
2. Бо калимаҳои ёфтаатон ду ҷумла тартиб диҳед.
3. Калимаҳоеро, ки ба саволҳои **Кӣ?**, **Киҳо?** ҷавоб мешаванд, ёфта, нависед. Намуна:

   муаллима, …

4. Калимаи **хонаводаро** ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

Аз ҳарфҳои пароканда калима созед.



## ДАРСҲОИ 25-26

Хислатҳои худро бо Нозанин муқоиса кунед.

### (давоми ҳикоя)

Бобои Нозанин шахси дар илми таълиму тарбия машҳури ҷумҳурӣ аст. Бобо аз ин муҳаббати бепоён, эътиқод ва боварии бебаҳси Нозанин ба муаллимааш шод мешуд, қаноатмандона табассум мекард ва ягон сухани набераи донояккашро рад намекард. Ӯ ҳамчун шахси хирадманд, дурандеш ва олимиояндабину тавонои соҳаи тарбияи инсон дар муҳаббати бепоёни миёни муаллима ва Нозанин дурахши пурчилоиояндаи набераи қобили худро медид. Нозанин вақти тоза кардани ҷойи кори бобо гоҳ-гоҳ навиштаҳои болои миз парешон гузоштаи боборо мехонд.

Боре баъди хӯроки шом Нозанин ба бобои бузургаш эътироз кард:

– Бобоҷон, чаро шумо калимаҳоро ғалат мегӯед?

Бобо аз ин саволи ногаҳонӣ ҳайрон шуда пурсид:

– Чӣ хел ғалат?

– Ана, дар китоби мо, ки худатон навиштаед, **об** навишта шудааст, муаллима ҳам **об** мегӯянд, вале шумо **ов** мегӯед. Шумо **пишак, чъмчъқ** мегӯед, дар китоб бошад **гурба, гунҷишк** навишта шудааст. Барои ин гуна ғалатҳо муаллима моро сарзаниш мекунанд: "**Бо забони адабӣ гап занед**", мегӯянд.

Аҳли хонавода ин баҳси бобою набераро хомӯшона ва бо шавқ гӯш мекунанд.

Бобо аз ин мунаққидии Нозанини донояк хеле хушҳол шуда гуфт:

– Офарин, ҷони бобо, ҳамаи гуфтаҳои муаллима ва эродҳои ту дурустанд. Аз ҳамин рӯз эътиборан аҳли хонавода бояд мисли Нозанин адабӣ сухан кунанд ва баодоб бошанд.

Файзулло Шарифзода

**мунаққид** – танқидкунанда
**эътиқод** – боварӣ
**пурҷило** – бисёр равшан, дурахшон
**дурахш** – тобиш, фурӯғ

1. Бобои Нозанин чӣ гуна шахс буд?
2. Нозанин дар вақти тоза кардани мизи бобояш чӣ кор мекард?
3. Чаро аз эътирози Нозанин бобояш ҳайрон шуд?
4. Бобо ба Нозанин чӣ гуфт?

1. Калимаҳоро нависед ва савол гузоред:

дурандеш, хирадманд, ояндабин, тавоно, пурҷило, нотакрор, қобил.

2. Бо калимаҳои **хирадманд** ва **дурандеш** ибора тартиб дода, ҷумла нависед.

3. Аз матн калимаҳои аломати сактадорро ёфта, ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед. Намуна: таъ-лим.

Тартиб додани муколама (набера ва бобо).

## ДАРСҲОИ 27-28

Сӯҳбат: Дар бораи Бузургмеҳр чӣ хонда будем?

## ЧӢ БЕҲТАР АСТ?

Аз Бузургмеҳр пурсиданд:
– Барои одам чӣ аз ҳама зарууртар аст?

Гуфт:
– Хиради модарзод.
Гуфтанд:
– Агар набошад?
Гуфт:
– Дониш омӯзаду баодоб шавад.
Гуфтанд:
Агар набошад?
Гуфт:
– Сарвате, ки ҳама айбҳоро бипӯшад.
Гуфтанд:
Агар набошад?
Гуфт:
– Марг беҳ аз он зиндагонӣ, ки то роҳат ёбад аз худ ва халқ аз вай.

**Авфии Бухорой**

**хирад** – ақл, ҳуш, зеҳн
**Бузургмеҳр** – вазири донишманди Анӯшервони Сосонӣ
**сарват** – бойигарӣ, пул, мол

1. Аз хондани ин матн шумо ба чӣ хулоса омадед?
2. Ақлу доништро аз куҷо гирифтан мумкин аст?
3. Илму дониш дар зиндагӣ чӣ аҳамият дорад?

Дар бораи китоб се ҷумла навишта, онро бо чистони зерин ба охир расонед:

Ҳамдаме дорам, ки бе овоз сӯҳбат мекунад,
Бе даҳону бе забон нақлу ривоят мекунад.
Ҳушу ақлу завқ афзун мекунад гуфтори ӯ,
Аз кадомин фан ки меҳоҳӣ, ҳикоят мекунад.

4. Ҳиссаи калимаи **китоб**ро ба сатри дигар гузаронед.

## ДАРСҲОИ 29-30

### СӮҲБАТ

– Номи ту чист?
– Номи ман Умед аст.
– Дар синфи чандум мехонӣ?
– Дар синфи дуюм мехонам.
– Бо ту боз киҳо мехонанд?
– Бо ман Ҷамшед, Гулнора, Сафина мехонанд.

1. Сӯҳбатро давом диҳед.
   Намуна: Шумо чӣ тарз мехонед?
2. Аз китоб чӣ тарз истифода мебаред?
3. Номҳои одамони дар боло зикршударо бо тартиби алифбо навишта, савол гузоред.

ИМЛО: Худамро месанҷам.

Умед дар синфи мо мехонад. Вай умеду орзуҳои зиёд дорад.

*Инсон бояд аз он андеша*
*кунад, ки дар зиндагӣ му-*
*вофиқи рафтори худ му-*
*кофот мегирад. Некӣ шо-*
*истаи таҳсину офарин,*
*бадӣ сазовори ҷазо ме-*
*бошад. Пас аз ин ду*
*кадоми беҳтар аст?*

Дар бораи **хайр, саховат, хасисӣ, чашмгуруснагӣ, ҷавонмардӣ** хонда ва шунидаатонро ба хотир биёред.

## САЙЁДИ ҲАРИС

Сайёди ҳарисе дом ниҳода буд. Оҳуе дар он дом афтод. Сайёд хост, ки наздики дом равад. Оҳу домро канда ба саҳро гурехт. Сайёд оҳуро парронд. Оҳу аз пой афтод. Сайёд онро бардошта, ба хонаи худ равон шуд. Аз роҳ хуке баромад. Сайёд ба ҷониби вай тире афканд. Хуки маҷрӯҳ ба сайёд ҳуҷум карду ҳар ду ҳалок шуданд.

Гурги гурусная аз он ҷо мегузашт. Се ҷасади мурдаро диду хеле шод шуда, ба худ гуфт:

– Ин гӯштҳои тозаро барои рӯзҳои сахти зиндагӣ захира созаму имрӯз ба хӯрдани зеҳи камон, ки сайёд аз рӯда сохтааст, қаноат кунам.

Гург инро гуфта, ба зеҳи камон дандон зад. Зеҳ канда шуд ва чӯби камон бо шаст ба шиками гург даромад.



**маҷрӯҳ** – захмӣ
**дом** – қапқон, асбоби шикор
**зеҳи камон** – ресмон ё торе, ки аз рӯдаи хушконида сохта мешавад

1. Сайёд оҳуро чӣ тавр ба даст афтонд?
2. Ба чӣ сабаб сайёд ба хук тир андохт?
3. Чаро гург шод шуд? Вай худ ба худ чӣ гуфт? (Аз матн хонед).
4. Ҳарисӣ ба чӣ оварда расонд?
5. Ба ҷойи сайёд шумо чӣ гуна рафтор мекардед?
6. Одами ҳарисро боз чӣ мегӯянд?

1. Калимаи ҳарфҳои **й**, **ё**, **ӯ**, **ӣ**-дор ва сарҳати охирини матнро нависед.
2. Ба калимаҳои зерин саволҳои мувофиқ гузоред: **ниҳод**, **афтод**, **гурехт**, **бардошт**, **равон шуд**, **баромад**, **ҳалок шуданд**.

Намуна: ниҳод – Чӣ кор кард?

3. Калимаҳои зеринро ҷуфт-ҷуфт хонед, маънидод кунед:

| | |
|---|---|
| гузашт – нагузашт | сохт – насохт |
| гуфт – нагуфт | зад – назад |
| созам – насозам | бимурд – намурд |

## ДАРСҲОИ 33-34

Фарқи одами меҳнаткашро аз одами бекор гӯед.

### ҲИКОЯТ

Ҳотами Тойро гуфтанд:

– Аз худ бузургҳимматтар дар ҷаҳон (касеро) дидаӣ ё шунидаӣ?

Гуфт:

– Бале, рӯзе ба амирони араб чиҳил шутур қурбон карда будам. Пас барои коре ба саҳро баромадам. Хоркашеро дидам, ки пуштае хор ҷамъ кардааст. Гуфтамаш:

«Ба меҳмонии Ҳотам чаро намеравӣ, ки халқе бар самоти (дастурхони) ӯ гирд омадаанд?»

Гуфт:

Ҳар ки нон аз амали хеш хӯрад,
Миннати Ҳотами Тойӣ набарад.

Ман ӯро ба ҳиммати ҷавонмардӣ аз худ баландтар дидам.

Саъдии Шерозӣ



амал – кор, меҳнат
Ҳотам – номи шахси боҳиммат

1. Аз Ҳотами Той чӣ пурсиданд?
2. Ӯ чӣ ҷавоб дод?
3. Ҳотам ба хоркаш чӣ гуфт?

4. Хоркаш чӣ ҷавоб дод? (Байтро хонед).
5. Шумо чӣ гуна касро боҳиммат мешуморед?
6. Одамон шахси боҳимматро боз чӣ мегӯянд?

1. Байтро нависед, мазмунашро шарҳ диҳед.
2. Ба калимаҳо савол гузоред:

дидам, овард, рафтам, қурбон кард, баромадам.

Намуна: дидам – Чӣ кор кардам?

3. Ҳиссаи калимаи **ҳимматро** ба сатри дигар гузаронед.

## ДАРСҲОИ 35-36.

Сӯҳбат дар бораи расму суратҳо.

### ДУ СУРАТКАШ
(ривоят)

Ду сураткаш буданд. Ҳар ду ҳам суратҳои хеле зебо мекашиданд. Рӯзе сураткаши якум сурати як хӯшаи ангурро чунон устодона кашид, ки ҳар кас медид, аз хӯшаи ҳақиқӣ фарқ намекард. Вақте ки сураткаш он суратро ба шохи токе овехта монд, баъзе паррандаҳо ангури ҳақиқӣ гумон карда ба вай нӯл мезаданд. Соҳиби сурат ин манзараро ба сураткаши дигар нишон дода, аз маҳорати баланди худ фахр мекард.

Сураткаши дуюм барои нишон додани санъаташ сураткаши якумро ба хонааш бурд ва пардаеро нишон дода, гуфт:

– Санъати ман дар паси ҳамин парда аст, кушода бин, меписандӣ ё не?

Сураткаши якум даст бардошта, мехост пардаро бардорад, лекин дид, ки он дар девори хона моҳирона кашида шудааст.



1. Дар матн сухан дар бораи кӣ меравад?
2. Сураткаши якум санъаташро ба ҳамкораш чӣ гуна таъриф кард?
3. Барои чӣ паррандаҳо ба сурат нӯл мезаданд?
4. Сураткаши якум чиро дид?
5. Сураткаши дуюм ҳамкорашро чӣ хел қоил кард?

Марди боҳунар хор намешавад,
Ба дӯсту душман зор намешавад.

1. Ҳикояро нақл кунед.
2. Хонед, саволҳо гузоред:

баҳс мекарданд, овехта монд, нӯл мезаданд, нишон дод, исбот мекард, бурд, кашида шудааст, пардаро бардошт.

Намуна: баҳс мекарданд – Чӣ кор мекарданд?

3. Аз рӯйи нақшаи зерин нақл нависед:
   • Сураткаши якум санъаташро чӣ тавр нишон дод?
   • Сураткаши дуюм-чӣ?

## ДАРСҲОИ 37-38

### ДУМРАВАК

Насим бачаи дӯстрӯяк, бофаҳм ва хушфеъл аст, дар мактаб нағз мехонад. Падару модар, бобою бибӣ аз феъли хуби Насим, аз рафтору гуфтори ӯ розӣ ҳастанд. Вале Насим як

одати бад дорад. Ҳар вақте падару модар ба меҳмонӣ, ба аёдати касе, ҳатто ба мағоза ё бозор рафтанӣ шаванд, ҳатман майли бо онҳо рафтан мекунад. Агар ӯро бо худ бурданӣ нашаванд, вай доду фарёд мезанад ва худро ба замин партофта гиря мекунад. Дар натиҷа наздиконаш маҷбур мешаванд, ки Насимро бо худ баранд.

Насим, хусусан бо бибияш ба ҳар ҷой рафтанро дӯст медорад. Вай аз дасти бибияш мегирад, бибияш дар меҳмонӣ дар кунҷое нишинад, Насим дар паҳлуи ӯ худро ҷафс карда, сӯҳбати калонҳоро гӯш мекунад, ба дастурхон даст дароз мекунад. Ин рафтори Насим ба одамон маъқул набошад ҳам, ба хотири бибияш, ки зани боэҳтиром аст, касе чизе намегӯяд. Ин феъли ӯ ба бибӣ ҳам маъқул нест, вале чӣ илоҷ?

Рӯзе Насим бо гиряву фиғони одатияш аз паси бибияш ба хонаи як хешашон, ки маъракае доштааст, ба меҳмонӣ рафт. Маърака тӯл кашид, меҳмонони зиёде омаданду рафтанд. Чун маърака ба охир расид, хеле дер шуда буд. Дар паҳлуи бибӣ Насимро хоб бурд. Аз сабаби он ки бевақт шуда буд, мизбон бибиро розӣ кунонд, ки дар хонаи онҳо шабро рӯз кунанд.



**мизбон** – соҳибхона

1. Насим чӣ хел бача буд?
2. Вай чӣ одати бад дошт?
3. Агар ӯро ба ягон ҷой намебурданд, вай чӣ кор мекард?
4. Вай бештар ҳамроҳи кӣ рафтан мехост?
5. Оё рафтори Насим ба касе маъқул буд?
6. Бибӣ ва Насим ба куҷо рафтанд?
7. Мизбон ба хотири чӣ бибии Насимро ба шабгузаронӣ дар хонаашон розӣ карданд?

1. Калимаҳоеро, ки амал ва ҳаракати ашёро мефаҳмонанд, нависед ва савол гузоред. Намуна: мехонад.
2. Калимаҳои **фиғон** ва **маъракаро** истифода бурда ҷумла тартиб диҳед.
3. Калимаҳои зеринро ба воситаи саволҳо ба сутунчаҳо ҷудо кунед:

бача, Насим, мактаб, мехӯрад, намегӯяд, дӯстрӯяк, боэҳтиросм.

Дар катакчаҳои холӣ ҳарфҳои заруриро гузоред:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| қ | | й | м | | қ |
| қ | | т | | қ | |
| қ | | ш | | қ | |
| қ | | ш | л | | қ |

## ДАРСҲОИ 39-40

Қисми аввали матнро ба хотир биёред.

### (давоми ҳикоя)

Субҳи барвақт бибӣ Насимро аз хоб бедор кард ва онҳо ба хона баргаштанд. Насим дарсҳояшро тайёр накарда буд. Азбаски бибӣ хост, ки Насимро бо ҳамин роҳ танбеҳ диҳад, ӯро ба мактаб гусел кард. Насим ба мактаб омад. Дарсҳо сар шуданд. Дарси аввал **математика** буд. Насим бо сари хам менишаст. Метарсид, ки муаллима аз ӯ иҷрои вазифаи

хонагиро мепурсад. Аз хиҷолат ба тарафи муаллима ҳатто нигоҳ намекард. Дар ин вақт муаллима ба мизи ӯ наздик шуда, пурсид:

– Канӣ, Насим, масъаларо ҳал кардӣ? Нишон деҳ.

Насим хомӯш буд. Муаллима дафтари Насимро ин тарафу он тараф гардонда, гуфт:

– Вазифа иҷро нашудааст, ба чӣ кор машғул будӣ?

Насим хомӯш ва сархам буд.

Дарси дуюм – забони модарӣ. Насим аз пештара бештар мушавваш буд. Метарсид, ки муаллима боз иҷрои вазифаи хонагиро мепурсад. Ҳамин тавр ҳам шуд.

Муаллима дар ду дарси дигар ҳам иҷрои вазифаи хонагиро аз Насим пурсид. Насим гӯё лол буд. Имрӯз думравак таърифро нашунида, баҳои паст гирифт...

Дарсҳо ба охир расиданд. Қисме аз ҳамсинфон Насимро тасалло медоданд, қисми дигар, ки аз думравакии ӯ огоҳ буданд, механдиданд.

Насим хомӯш буд, ба касе чизе намегуфт.

Вай аз одати бади худ пушаймон буд. Манзараи аз тарафи падару модар ва бибӣ тафтиш кардани рӯзномаро тасаввур мекард, ба худ меларзид.

Насим ба худ аҳд кард, ки дигар ҳеҷ гоҳ думравакӣ нахоҳад кард...

Файзулло Шарифзода

**лол** – гунг
**танбеҳ** – ҷазо
**мушавваш** – ошуфта
**аҳд** – ваъда

1. Субҳи барвақт бибии Насим чӣ кор кард?
2. Бо кадом роҳ бибӣ набераашро танбеҳ дод?
3. Муаллима чӣ кор кард?
4. Ҳамсинфонаш чӣ кор карданд?
5. Насим аз чӣ норозӣ буд?
6. Вай ба худ чӣ аҳд кард?
7. Оё рафтори Насим дуруст буд? Чаро?

1. Сарҳати дуюми матнро рӯбардор кунед.
2. Дар зери калимаҳое, ки ба саволи **Кӣ?** ё **Киҳо?** ҷавоб мешаванд, хат кашед.

Ребусҳоро хонед.

 + соз = ?

 + тоб = ?

 + ак = ?

Бе +  +  = ?

*Пагоҳ рӯзи истироҳат аст. Ман бо бародарам ба тамошои боғи ҳайвонот меравем. Баъди тамошо ба хонаи бибиамон меравем. Ӯ дар назди бозори Баракат истиқомат мекунад. Бегоҳ боз ба хона бармегардем.*

## ДАРСҲОИ 41-42

Ҳикматҳоро дар бароит саломатӣ хонед ва муҳокима кунед.

### АЗ ШИФОХОНАИ СИНО

1. Гуфтам:

– Чӣ кунам, то бар табиб ҳоҷат набошад?

Гуфт:

– Кам хӯр, кам хоб рав, кам гӯй.

2. Хоби зиёд танро суст, ҳарорати баданро паст мекунад.

3. Пурхӯрӣ модари беморӣ аст.

4. Сухан бисёр дону андаке гӯй.

**андак** – кам
**ҳарорат** – гармӣ

1. Матнро такроран хонед.
2. Аз матни **Аз шифохонаи Сино** калимаҳоеро, ки ҳаракату амалро ифода мекунанд, нависед. Намуна:

меёбад, месозад, ...

ИМЛО: Худамро месанҷам.

Ман ҳикоя ... . Ҳикоя бисёр аҷиб ... . Ман хондани ҳикояро дӯст ... . Хоҳарам шеър ... . Вай шеърхониро дӯст ... . Мо китобро дӯст ... . Китоб илм ... .

Калимаҳо барои истифода:

хондам, буд, медорам, мехонад, медорад, медорем, меомӯзад.

## ДАРСҲОИ 43-44

Панҷ-шаш нафар бозии **Поездро** анҷом диҳед, ҳуштак кашед. Тасаввур кунед, ки ба синфи шумо поезд омад...

### МУҲАББАТИ ҶАСУР

Яке аз рӯзҳои офтобии аввали баҳор буд. Дар байни роҳи оҳани наздикии истгоҳи Хонақоҳ ду писарбача бозӣ мекарданд. Онҳо чунон саргарми бозӣ буданд, ки ҳатто ба ҳуштаккашону фашшасзанон торафт наздик омадани поезд аҳамият намедоданд. Хонандаи синфи панҷум Муҳаббат ҳамин вақт аз паҳлуи роҳи оҳан гузашта, ба мактаб мерафт.

Вай аз пайваста ҳуштаки дароз кашидани поезд хавферо ҳис кард. Ба ақиб нигоҳ карда, як лаҳза дар ҷояш шах шуда монд. Поезд бо суръат меомад.

Вале хурдтаракон бошанд, ба поезд эътибор намедоданд.

Муҳаббат ба сӯйи бачаҳо шитофт. Вай якеро аз роҳи оҳан берун баровард. Вақте ки сӯйи бачаи дуюм давид, поезд аллакай наздик шуда буд. Муҳаббат писаракро аз роҳ



берун баровардa, худро аз паси ӯ ба канор гирифт. Поезд тирвор гузашта рафт.

Муҳаббат ҷони худро дар хатар гузошта ду писари хурдсолро аз марги фоҷиавӣ наҷот дод.

Маълум шуд, ки он ду писарак Ёқуби сесола ва Муҳиддини сеюнимсола будаанд. Падару модарони Ёқубу Муҳиддин ба Муҳаббати ҷасур аз самими дил миннатдорӣ изҳор карданд.

**хавф** – хатар
**Хонақоҳ** – номи маҳаллае дар Ҳисор
**тирвор** – тез, босуръат

1. Чаро писарбачаҳо ба омадани поезд аҳамият намедоданд?
2. Кӣ онҳоро дид?
3. Чаро Муҳаббат ҷони худро дар хатар монд? Агар ин корро намекард-чӣ?
4. Муҳаббатро **ҷасур** гуфтан чӣ маъно дорад?
5. Оё шумо низ чунин рафтор мекунед?

1. Ҳикояро нақл кунед.
2. Калимаҳои зеринро бо тартиби алифбо нависед:

сурьат, фоҷиа, аввал, байн, бозӣ, ҳатто, поезд, аллакай.

3. Ҷумлаи охирини матнро нависед. Дар зери ашё, ҳаракати ашё, аломати ашё хат кашед ва савол гузоред. Намуна:

Ёқуб (Кӣ?), изҳор карданд (Чӣ кор карданд?), далер (Чӣ хел?).

4. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқро интихоб кунед:

Муҳаббат духтари ... аст.

А. Мактаб. Б. Ҷасур. В. Омад.

## ДАРСҲОИ 45-46

### ПИСАРИ ТАНБАЛ

Писари деҳқоне дар Бухорои шариф таҳсили мадраса мекард. Рӯзе ӯ ба деҳа, назди падараш баргашта омад. Падараш гуфт:

– Писарам, ҳоло мавсими ғунучини ҳосил аст. Хаскашро гиру ба ман ёрӣ бидеҳ. Писар ки майли заҳмат кашидан надошт, гуфт:



– Ман дар мадраса машғули омӯхтани илму маърифат будам. Ба ростӣ, бисёр чизҳоро фаромӯш кардаам. Бигӯ, ки хаскашак чӣ чиз аст.

Писарак ин суханонро гуфту дастаи хаскаш ба пешонияш бархӯрд. Ӯ хаскашро бо пояш ноғоҳ зер карда буд.

Муллобача ҳамоно чӣ будани хаскашро ба ёд овард ва онро аз замин бардошта аз паси падараш равон шуд.

Пас байте ба хотираш омад:

Назди волидайн дурӯғ айбу шар аст,
Аз дурӯғгӯй чӯби рост беҳтар аст.

**волидайн** – падару модар
**шар** – нохуб, бад

1. Писари деҳқон дар куҷо таҳсил мекард?
2. Ӯ ба куҷо баргашт?
3. Падараш аз ӯ чӣ хоҳиш кард?
4. Писар чӣ гуфт?
5. Барои чӣ дастаи хаскаш ба пешонии писар зад?
6. Шумо гуфтору рафтори писари деҳқонро меписандед?

1. Гап гӯйӣ, ҷувол-ҷувол, кор гӯйӣ, бемору нимчаҳол.
2. Ҳама ҷоям сусту муст, фақат шикамам дуруст.

1. Аз тиреза ба берун нигоҳ карда, ҳаракати паррандаҳоро мушоҳида кунед.
2. Ҳаракати паррандаҳоро бо як-ду ҷумла нависед.

## ДАРСҲОИ 47-48

Ҳикояро хонед, дар бораи касбу ҳунари падару модар, хешу табори наздик ё ҳамсояҳо ҳикоя кунед.

### ҲИКОЯТ

Шахсе дар саҳро зиндагӣ мекард. Ӯ як писар дошт.

Рӯзе ба писараш гуфт:

– Туро хоҳанд пурсид, ки ҳунарат чист, нагӯянд, ки падарат кист.



Писареро падар насиҳат кард,
К-эй ҷавонмард, ёд гир ин панд:
Ҳар ки касбу ҳунар наомӯзад,
Нашавад дӯстрӯю донишманд.

1. Шахс ба писараш чӣ гуфт?
2. Одам аз чӣ дӯстрӯй мешавад?
3. Шахси ҳунарманд чаро хор намешавад?

**Ҳунар аз дониш – дониш аз хониш.**

1. Пандро нависед, мазмунашро гӯед.
2. Сӯҳбатҳои падари худро ба хотир оред.
3. Пандҳоро хонед ва маънидод кунед:

1. Аз моли ҳаром хӯроки бадтар нест.
2. Сухани ҳақ ҳамеша талх аст.

4. Ба калимаҳои ифодакунандаи амалу ҳаракат савол гузоред.
5. Бо калимаи **дӯст** ва ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед:
хӯроки бад, сухани ҳақ.
Намуна: Дӯсти ҳақиқӣ сухани талх, вале ҳақ мегӯяд.
6. Ҳиссаи калимаи **хониш**ро ба сатри дигар гузаронед.

## ДАРСҲОИ 49-50

1. Ҳикоятро хонед ва мазмуни онро баён кунед.
2. Дар нақлатон калимаҳои **заиф**, **пуштора**, **динор**, **заҳмат**, **зар**, **биосоям**ро истифода кунед.

### ҲИКОЯТ

Султон Маҳмуд пири заиферо дид, ки ба пуштора хор мекашид. Ба ӯ раҳмаш омад. Гуфт:

– Эй пир, мехоҳӣ, ки ду-се динор ё харе, ё гӯсфанд, ё боғе ба ту бидиҳам, то ки аз ин заҳмат халосӣ ёбӣ?

Пир гуфт:

– Зар бидеҳ, то ки дар миён бандам ва ба хар биншинам ва гӯсфанд дар пеш гирам ва ба боғ биравам ва аз давлати ту дар боқии умр он ҷо биёсоям.

Султонро хуш омад ва фармуд, чунон карданд.

**динор** – пули тилло
**султон** – амир, подшоҳ
**биёсоям** – осуда бошам
**заҳмат** – азоб

1. Султон Маҳмуд киро дид?
2. Пир чӣ кор мекард?
3. Султон ба пир чӣ пешниҳод кард?
4. Пир чӣ хоҳиш кард?
5. Чаро Султон ҳама хоҳиши ӯро иҷро кард?

1. Суханҳои пирамардро аз матн ҷудо карда, нависед ва шарҳ диҳед.

2. Ба калимаҳои **бандам**, **биншинам**, **гирам**, **биравам**, **биёсоям** саволҳои мувофиқро гузоред.

3. Мазмуни ҳикояро нақл кунед. Шумо ба пирон чӣ гуна ёрӣ мерасонед?

4. Калимаҳоеро, ки ҳарфҳои **й**, **ӣ**, **ӯ**, **ё**, **я** доранд, бо тартиби алифбо нависед.

5. Ҳиссаи калимаи **пушторa**ро ба сатри дигар гузаронед.

6. Нақшофарӣ (Султон Маҳмуд ва пир).

Дар зиндагӣ бинои инсон омӯхтани илму ҳунар хеле зарур аст. Донишманд ва ҳунарманд дар ҳаёт хор намешавад. Мардуми мо донишмандон ва ҳунармандонро ҳамеша қадрдонӣ мекунанд.

## ДАРСҲОИ 51-52

### МӮРЧА ВА ПАШША



Дар зери айвони барҳаво рӯйи дастурхони пур аз нозу неъмат пашшае аз лаълӣ ба лаълӣ нишаста, шираю шарбат мечашид. Нохост чашми пашша ба мӯрчае афтод, ки нонрезаи рӯйи дастурхонро кашолакунон мебурд. Пашша дар лаби пиёлаи мураббо нишаста, бо ғурур гуфт:

– Эҳ, мӯрчаи бечора! Азобат зиёд! Ҳамин ҳам зиндагӣ шуд? Маро бин, ғами дунё надорам. Гули хӯрок мехӯраму шираву шарбат мечашам.

Мӯрча аз гапҳои пашша ранҷида бошад ҳам, сир бой надод.

– Чӣ илоҷ, одати мо ҳамин, – бо мулоимат ҷавоб дод мӯрча, – бо меҳнати ҳалолу араќи ҷабин ризқу рӯзиамонро пайдо мекунем.

Пашша акнун париданӣ буд, ки ногоҳ пояш лағжида, ба шира часпида монд.

Ин вақт духтараке ҳозир шуда, пашшаро аз даруни мураббо гирифта, ба як тараф партофт.

**азм** – ният
**саъй** – кӯшиш, ҷидду ҷаҳд
**комил** – беайбу нуқсон, пурра
**ғурур** – ҳавобаландӣ

1. Дар ин ҳикоя сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Пашша чӣ кор мекард?
3. Пашша ба мӯрча чӣ гуфт?
4. Мӯрча чӣ ҷавоб дод?
5. Оқибати кор ба чӣ анҷомид?
6. Шумо ба рафтори пашшаю мӯрча чӣ баҳо медиҳед?

1. Мазмуни ҳикояро аз рӯйи саволҳо баён кунед.
2. Калимаҳоеро, ки ҳарфҳои **й**, **ӯ**, **ъ**, **ӣ**, **ю**, **ё**, **я**, **ж** доранд, бо тартиби алифбо нависед.
3. Калимаҳои **пашша**, **мураббо**ро алоҳида навишта, ҳиссаи онҳоро ба сатри дигар гузаронед.
4. Аз ҳарфҳои ин калимаҳо калимаҳои нав созед.
   нонреза – нон, зар, ...
   писарбача – сар, ба, ...
   духтарак – тар, кат ...
5. Доир ба обу ҳаво ду - се ҷумла тартиб диҳед.

Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед:

1. Дар хона чӣ кор мекунед?
2. Дар синф-чӣ?
3. Дар майдони варзиш-чӣ?

Аз ҳиҷоҳо номи ҳашаротҳоро созед ва дар ҳарфёбак ҷой диҳед: **лак, паш, зан, ша, ма, бӯр, тор, лах, ша, та, па, нак.**



## ДАРСҲОИ 53-54

1. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Боз кадом қаҳрамонони халқамонро медонед?

### ҚАҲРАМОНОНИ ХАЛҚ ҲАМЕША ЗИНДААНД

Дар таърихи пуршарафи мардуми мо шахсиятҳое буданд, ки дар лаҳзаҳои мушкилтарин ба халқ раҳнамоӣ кардаанд. Онҳо корнамоиҳои бемислу монанд нишон додаанд.

Бинобар ин мардуми мо имрӯз хотираи онҳоро пос медоранд ва номашонро ба некӣ ёд мекунанд. Яке аз чунин шахсиятҳо Спитамен ба шумор меравад.

Лашкаркаши бераҳм Искандари Мақдунӣ ба хоки тоҷикон ҳуҷум кард. Халқи мо ба по хест. Фарзанди барӯманди тоҷик Спитамен далерона бар муқобили лашкари Искандар ҷангид. Дар ин муҳориба Спитамени паҳлавон ва далер чунон меҷангид, ки душман ба тарсу ҳарос афтид.

Спитамен як қисми артиши мақдуниро нобуд кард. То муҳо-риба бо Спитамен лашкари Искандар ягон бор аз касе шикаст нахӯрда буд. Бори аввал Искандарро Спитамени тоҷик шикаст дод.



1. Халқи мо имрӯз хотираи киро пос медорад?
2. Спитамен кӣ буд?
3. Кӣ ба кишвари тоҷикон ҳуҷум кард?
4. Спитамен чӣ тарз ҷангид, ки лашкари душман ба чӣ ҳолат афтод?
5. Спитамен киро шикаст дод?
6. Кӣ бори аввал аз лашкаркаши тоҷикон – Спитамен шикаст хӯрд?

1. Ибораҳои зеринро нависед ва савол гузоред.

лаҳзаҳои мушкил, шахсиятҳои бузург, корнамоиҳои бемисл, лашкаркаши бераҳм, фарзанди барӯманд, Спитамени далер

Намуна: фарзанди барӯманд (Кӣ? – фарзанд, Чӣ хел фарзанд? – барӯманд).

2. Калимаҳои ҳарфҳои **ъ**, **й**, **ӯ**, **ё**-дорро нависед.
3. Ҳиссаи калимаи аввалро ба сатри дигар гузаронед.

Мо дар бораи кабӯтар чӣ медонем?

## КАБӮТАР

Сайёде барои рӯзгузаронӣ дом ниҳода буд. Ногоҳ кабӯтаре бо зоғон бар он дом нишастанд. Ҳангоме ки сайёд аз ҷой хест, зоғон фирор карданд, аммо кабӯтар ба дом афтод.

Чун сайёд ба сари дом омад, кабӯтар аз гирифтории худ дар изтироб буд ва барои наҷоти худ узрҳо хоста, мегуфт:

– Ман паррандаи содаам, ҳамеша хайрхоҳи инсонам, хизмати падар ва модарро ба ҷо меорам. Рамзи сулҳу озодӣ ҳастам.

Сайёд гуфт:

– Он чи гуфтӣ, рост аст, вале ин гирифторӣ аз ҳамсӯҳбатии бадон ба ту расидааст. Агар ту насиҳати падар ва модарро гӯш карда, бо бадон ҳамнишин намешудӣ, ин бало ба сарат намеомад.



Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ,
Бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ.

**дом** – тӯр, чел
**изтироб** – ҳаяҷон, тарс
**фирор** – гурехтан

1. Ба ҳикоя номи мувофиқ гузоред.
2. Аз рӯйи нақша нақл кунед:
   - Дар доми сайёд кадом паррандаҳо нишастанд?
   - Ба доми сайёд чӣ афтид?
   - Кабӯтар барои наҷоти худ чӣ узрҳо пеш овард?
   - Сайёд чӣ гуфт?
   - Агар шумо сайёд мебудед, чӣ кор мекардед?

Калимаҳои ҳарфи **й**, **ё**, **ӯ**, **й**-дорро нависед.

Аз ҳиҷоҳо номи чор паррандаро созед ва дар катакҳо ҷой диҳед.

тӯ, зоғ, май, ка, тар, на, бӯ, тӣ.



## ДАРСҲОИ 57-58

Сӯҳбат дар бораи дандон ва эҳтиёти он.

### МУҲОФИЗАТИ ДАНДОН

Дандон барои одам бисёр зарур аст. Одам бо дандон ҳар гуна хӯрокро хойида, майда карда мехӯрад.

Чормағз, донаки зардолу, бодом ва дигар чизҳои сахтро бо дандон шиканӣ, лат мехӯрад, мекафад. Ҳамин ки ба ҷойҳои кафида оби хунук, чой ва хӯроки гарм даромад, дандонат дард мекунад.

Чизҳои сахтро бо дандонат нашикан. Вақте ки оби хунук хӯрдӣ, дандонат хунук мешавад. Дар ҳамин вақт зуд чой ва ё хӯроки гармро нахӯр, чунки дандон гарму хунук шуда, сири дандон мекафад.

Барои он ки дандон чиркин ва даҳон бадбӯй нашавад, ҳар рӯз дандонро бо хамираи дандоншӯйӣ бишӯй.

Ҳамин тавр, агар дандонҳоятро тоза нигоҳ дорӣ, онҳо садаф барин сафед ва бедард мешаванд. Дандон ҳусни инсон аст.

1. Дандон барои одам чӣ аҳамият дорад?
2. Сабаби дарди дандон чист?
3. Агар дандонҳоро нашӯед, чӣ мешавад?
4. Чаро дандонро ҳусни инсон мегӯянд?

1. Ба матн номи (сарлавҳаи) мувофиқ гузоред.
2. Гурӯҳи калимаҳои муқобилмаъноро ба дафтаратон нависед:

| | | |
|---|---|---|
| бисёр – кам | тоза – чиркин | сахт – нарм |
| сафед – сиёҳ | хушбӯй – бадбӯй | гарм – хунук. |

3. Калимаҳои ҳарфи ё, ӯ, й, й-дорро нависед.

4. Бо калимаҳои **чормағз, зардолу, дандон** ҷумлаҳо нависед.

ИМЛО

## ДАРСҲОИ 59-60

Дар бораи **саховат, хасисӣ, чашмгуруснагӣ** ҳикояҳои хондаатонро ба хотир биёред.

### МАРДИ ҲАРИС ВА ШЕР

Марди ғурусначашме дар биёбоне мерафт. Вай дид, ки шере дар канори чашма хобидааст. Рӯбоҳу оҳу назди ӯ истодаанд. Мард тарсону ларзон дар ҷойи худ истод.

Назари рӯбоҳу оҳу ба мард афтод. Онҳо ба якдигар гуфтанд, ки: «Агар шер ӯро бинад, бечораро хоҳад кушт. Маслиҳат он аст, ки ҳилае созем, то ки шер ӯро накушад, балки чизе инъом диҳад».

Оҳу ва рӯбоҳ ба шер гуфтанд:

– Дар саховатмандӣ чунон машҳур шудӣ, ки имрӯз одамӣ назди ту омадааст ва умеди инъом дорад.

Шер ба мард назар кард, бо меҳрубонӣ molу сарвати одамонеро, ки то ин дам кушта буд, ба он мард бахшида, рухсат дод.

Мард он сарватро бардошта, ба хонаи худ бурд.

Баъди чанд муддат он мард бо тамаи мол боз назди шер рафт. Он рӯз гургу саг пеши шер ҳозир буданд. Чун мардро диданд, ба шер арз карданд, ки:

– Ин одам ниҳоят беадаб аст, бе рухсат назди шумо омадааст.

Шер дар ғазаб шуда наърае зад, ки аз он замину замон ларзид. Мард тарсону ларзон роҳи гурезро пеш гирифт.

Аз китоби «Гулзори ҳикмат»



**саховатманд** – сахӣ, ҳимматбаланд, дасткушод
**ҳарис** – гурусначашм, хасис



1. Кӣ ба сафар баромад?
2. Мард дар биёбон чиро дид?
3. Рӯбоҳу оҳу чӣ тадбир карданд?
4. Чаро шер ба мард меҳрубонӣ карда, ба ӯ молу сарват бахшид?
5. Бо чӣ мақсад мард бори дуюм назди шер омад?
6. Ҳирс ва тамаъ одамро ба чӣ мерасонад?



1. Маслиҳати рӯбоҳ ва оҳуро бори дигар хонед. Калимаҳои **муддат**, **саховатманд**, **тамаъ**, **инъом**ро нависед ва шарҳ диҳед.

Намуна: инъом – тӯҳфа (ҳиҷои аввал бо ҳарфи **ҳ** тамом мешавад).



2. Сархати дуюмро навишта, зери ҳамсадоҳои **д**, **т**, **ҳ** хат кашед.
3. Хаёлан расми ҳайвонотро кашед.
4. Номи ҳайвоноти ваҳширо ба хотир оред.

Халқи тоҷик дар тӯли
таърих машаққати зи-
ёде кашидааст. Душма-
нон ба Ватани мо ҳуҷум
мекарданд, шаҳру деҳа-
ҳоро ғорат мекарданд,
одамонро мекуштанд. Ва-
ле халқи мо ба ҳамаи
ин мушкилот тоқат кард,
матонат нишон дод ва
соҳибистиқлол шуд.

## 7. АЛОМАТИ АШЁ

### ДАРСҲОИ 81-82

1. Ибораҳои зеринро навишта, савол гузоред:

сахрои васеъ, боғҳои дилкушо, талу теппаҳои зебо, алафҳои сабз, гулҳои сурх, киштҳои гуногун, шапаракҳои сурх, зард, сиёҳ, сафед, деворҳои пасту баланд, гулҳои рангоранг, овозҳои шӯх.

Намуна: боғҳои (Чӣ гуна?) дилкушо.

2. Бо ибораҳои **саҳрои васеъ**, **алафҳои сабз**, **деворҳои пасту баланд**, **гулҳои рангоранг** ҷумла нависед.

## БОҒҲОИ ДИЛКУШО

Ҳаво форам. Саҳрои васеъ, боғҳои дилкушо ва таллу теппаҳо зебо ороста гардидаанд. Рӯйи онҳо бо сабзаву гулҳои сурх, киштҳои гуногун пӯшида шудааст. Шапаракҳои сурх, зард, сиёҳ ва сафед парида мегарданд. Паррандаҳо ба деворҳои пасту баланд, бомҳо ва ба рӯйи гулҳои рангоранг менишинанд, бо овозҳои шӯх месароянд.

Садриддин Айнӣ

1. Ба ҷойи нуқтаҳо аломати ашёро нависед: лолаи (Чӣ гуна?) ..., сангҳои (Чӣ хел?) ..., дарахтони (Чӣ гуна?) ... .

| **Савол:** | **Ҷавоб:** |
|---|---|
| нони (Чӣ хел?) | - гарм, бомаза |
| модари (Чӣ хел?) | - ғамхор, меҳрубон |
| дарахти (Чӣ хел?) | - баланд, сояафкан |
| одами (Чӣ хел?) | - нек, хуб, бад |

2. Ибораҳои **ҳавои форам, саҳрои васеъ, гулҳои рангоранг, овозҳои шӯх**ро рӯбардор намуда, бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед ва савол гузоред.

1. Баҳорон табиат либоси сабз ба бар мекунад, тирамоҳ-чӣ?
2. Шаб торик мешавад, рӯз-чӣ?
3. Дарахт баланд аст, бутта-чӣ?
4. Осмон баланд аст, замин-чӣ?
5. Гург ҳайвони дарранда аст, гӯсфанд-чӣ?
5. Гургу гӯсфанд ба кадом гурӯҳи ҳайвонот дохил мешаванд? Шер-чӣ? Шутур-чӣ? Буз-чӣ?

## ДАРСҲОИ 63-64

Матнро хонед. Калимаҳоеро, ки ба саволҳои **Чӣ хел?, Чӣ гуна?** ҷавоб мешаванд, ба дафтаратон нависед. Намуна:

Чӣ хел? – хунук, ... .

## ПОМИРИ МАН



Помири ман басо зебоманзар аст.

– Зебоии он дар чист? – шояд пурсед шумо. Помир обу ҳавои хуш, кӯҳҳои баланд, обҳои гарми шифобахш, боғу бӯстони пурмева, манзараҳои дилнишин, лолазор ва гулҳои хушрангу бӯ дорад.



Дар яке аз рӯзҳои истироҳат боре ба **Гармчашма** рафтам. Баъди тамошо ба қуллаи кӯҳ баромадам. Аз баландии ин ҷо манзараи зебое намудор аст. Хостам, ки болу пар дошта бошаму парвоз карда ҳашамати кӯҳсоронро аз баландиҳо чун уқобони кӯҳистон тамошо кунам.



Ман табиати кӯҳистонамро хеле дӯст медорам, аз зебоии он меболам, мефахрам. Мисли ҳазорон одамони меҳнатдӯсти Бадахшон мекӯшам, ки зебоии диёрам рӯз аз рӯз афзунтар гардад.

1. Матнро бори дигар хонед.
2. Ибораҳоро навишта савол гузоред:

ҳавои хуш, обҳои гарми шифобахш, боғи пурмева, манзараҳои дилрабо ва дилнишин, гулзори хушранг.

Намуна: Ҳавои чӣ хел?

Одамон ва ашё аломат ва сифат доранд.

Аломат ва сифатҳо ба саволҳои Чӣ хел, Чӣ гуна?, Кадом? ҷавоб мешаванд.

1. Талабаеро, ки одоби нағз дорад, чӣ гуна талаба мегӯем?
2. Агар одоби бад дошта бошад-чӣ?
3. Одамеро, ки аз сояи худаш метарсад, чӣ хел одам меномем?

Номи ашё ва одамон бо сифаташон бо бандаки "и" алоқаманд мешаванд.

Намуна: меваҳои шакарин.

1. Аломати ашёро муайян кунед:

шир, шамшер, забон, одам, дил, роҳ.

Намуна: одами доно.

2. Ба ин ибораҳо савол гузоред:

боғҳои дилкушо, гулҳои сурх, шапаракҳои сурх, зард, сиёҳ, сафед, деворҳои пасту баланд.

3. Матни зеринро хонед, аломати ашёҳоро гӯед:

Рӯзи офтоб буд. Осмон софу беғубор. Паррандагон нағмасароӣ мекарданд. Онҳо аз рӯзи неки офтоб, аз осмони соф, аз ризқу рӯзии фаровонашон шукр мекарданд.

4. Бо ибораҳои **рӯзи нек, осмони соф** ҷумла тартиб диҳед, ба калимаҳои ҷумлаи тартибдодаатон саволҳо гузоред.

## ДАРСҲОИ 65-66

Сӯҳбат дар бораи ростӣ ва саховатмандӣ.

## ҲЕЗУМКАШ
(афсона)

Як ҳезумкаш табарашро гум мекунад, хуб мекобаду намеёбад. Ноумед шуда ҷониби хонааш меравад. Як шахс рӯ ба рӯ омада, мепурсад:

– Эй марди нек, барои чӣ ғамгинед?

– Табарамро гум кардам, – ҷавоб медиҳад ҳузумкаш.

Он шахс ба замин хам шуда, як табари тиллоро мегираду мегӯяд:

– Ана, ин – табари шумо. Гиред.

– Не, ин табари ман нест, – мегӯяд ҳезумкаш.

Он шахс дубора хам шуда, аз замин табари нуқрагинро мебардорад ва мепурсад:

– Оё ин ҳам табари шумо нест?

– Не, ин табари ман нест, – мегӯяд ҳезумкаш.

Дафъаи сеюм он шахс аз замин як табари одӣ гирифта, ба ҳезумкаш дароз мекунад. Ҳезумкаш хурсанд шуда, «Ҳамин табари ман аст» мегӯяд.



Аз ин ҷавоб он шахс хурсанд шуда, ба ҳезумкаш табарҳои тиллою нуқраро ҳам инъом кард.

1. Ҳезумкаш чиро гум кард?

2. Ба ҳезумкаш кӣ вохӯрд?

3. Он шахс ба ҳезумкаш чӣ гуна табарҳо дод?

4. Ҳезумкаш кадом табарро гирифт?

5. Он шахс ба ҳезумкаш чӣ тӯҳфа кард?

6. Ба фикри шумо, барои чӣ ҳезумкаш табарҳои тилло ва нуқрагинро нагирифт?

7. Аз мазмуни афсона чӣ хулоса баровардед?

1. Мазмуни афсонаро баён кунед.

**Ростиро завол нест.**

2. Ибораҳои зеринро нависед ва савол гузоред:

табари тилло, табари нуқрагин, табари одӣ.

3. Ба ин калимаҳо савол гузоред:

Мекобад, меравад, мепурсад, медиҳад, мегирад, инъом кард.

Намуна: Чӣ кор мекунад? – мекобад, ....



4. Аломату хусусияти ин ҳайвонҳоро муайян кунед:

уштур, хирс, рӯбоҳ, гург, саг.

| номи ашё | аломати ашё | ҳаракати ашё |
|---|---|---|
| *рӯбоҳ* | *зард, айёр, дузд* | *медавад, мегардад, мехӯрад* |

5. Кадом одамон ва ашёҳо ба ин аломату хусусиятҳо мувофиқанд?

- хуб, нек, раҳмдил, меҳрубон;
- васеъ, калон;
- серҳосил, камҳосил;
- нарм, сахт;
- зебо, гулдор, сурх, сафед;
- гарм, мулоим.

Намуна: меҳрубон – модар.

6. Ҳаммаънои калимаҳои **хушрӯй** ва **мазаро** ёбед.

7. Бо калимаҳои **далер** ва **ҳушёр** ҷумла тартиб диҳед.

8. Ба ҷавоби савол эътибор диҳед.

Савол: – Кадом шахсро бештар эҳтиром мекунанд?

Ҷавоб: – Соҳиби илму адаб.

9. Пандҳоро хонед, нависед, ба зери калимаҳои ифодакунандаи аломату хусусият хат кашед:

1. Он чиро, ки дигарон бо меҳнат ба даст овардаанд, зинҳор магир.
2. Ҳар ки нафси худро калон кунад, бенасиб мегардад.

10. Бори дигар афсонаи **Ҳезумкаш**ро хонед, калимаҳоро шарҳ диҳед. Кадоме аз ин калимаҳо дар афсона мавҷуданд?

| | |
|---|---|
| рост – дурӯғ | хушк – тар |
| ғамгин – шод | сиёҳ – сафед |
| тез – кунд | дод – гирифт |

## ДАРСҲОИ 67-68

### ТАРЗИ ЛИБОСПӮШӢ

Одамони баодоб ва маданӣ ба тарзи либоспӯшӣ, хусусан ба тозагии он диққати махсус медиҳанд. Тозагиро гарави саломатӣ ва саломатиро асоси хушбахтии инсон номидаанд. Ҳар рӯз пӯшидани либоси наву гаронбаҳо зарур нест, вале ба тозагии он эътибор додан шарти асосист. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо либоси дарида, чиркин, бадбӯй, ранголуд ҳозир шудан лозим нест, то ки табъи дигаронро хира, либосашонро ифлос накунед.

**гарав** – шарт
**гаронбаҳо** – қимат, пурарзиш
**табъ** – ҳолат, завқ



1. Ба ин калимаҳо савол гузоред:
   нав, қиматбаҳо, дарида, чиркин, бадбӯй, ранголуд.
   Намуна: либоси (Чӣ хел?) – тоза, чиркин, ...
2. Калимаҳои ҳарфи **й**, **ӯ**, **я**, **й**, **ъ**-дорро нависед. Калимаи **диққат**ро алоҳида навишта, ҳиссаи онро аз сатр ба сатр гузаронед.
3. Калимаҳоро хонед, муқоиса кунед:

| | |
|---|---|
| чиркин – тоза | нав – кӯҳна |
| торик – равшан | дароз – кӯтоҳ |

4. Ин калимаҳоро шарҳ диҳед ва ҳаммаънои онҳоро номбар кунед:

шахс, рафиқ, одат, моҳир, нафосат.

Намуна: Нафосат – нозук, латиф, ...

5. Ҷавоби ин саволҳоро хонед, қоидаҳоро риоя кунед:

- Чӣ гуна либосро либоси рӯзмарраву кӯча мегӯянд? Либоси (формаи) мактабӣ-чӣ?

Пироҳан, костюм, шим, тоқӣ, плаш, палторо, ки ҳангоми ба кор, кӯча, сайру гашт ва ба театру музей рафтан мепӯшанд, либосҳои рӯзмарраву расмӣ меноманд.

Вобаста бо иқлим либосҳо мавсимӣ мешаванд. Инчунин либосҳо миллӣ, замонавӣ ё аврупоӣ мешаванд.

- Либоси тӯй-чӣ?

Либоси тӯёнаву идона ифодакунандаи вазъияти хушу хурсандии шахс аст. Дар айёми мо ду навъи либоси арӯсу домод маъмул аст: яке миллӣ, дигаре аврупоӣ.

## ДАРСҲОИ 69-70

Сӯҳбат дар бораи Ватанамон – Тоҷикистон.

### ВАТАНПАРАСТИИ ҶАВОНМАРДОНА

Ба Ватани мо муғулон бо сардории Чингизхон ҳуҷум карданд. Фарзанди бовафои Ватан Темурмалик ба по хест. Ҳиссиёти ватанпарастӣ дар дили бузурги ӯ чунон фаввора мезад, ки анбӯҳи лашкари ғаддор ба чашмаш наметофт. Ӯ Ватанро медиду халқи заҳматкаши онро. Темурмалик ҷони худро дар хатар гузошта бо ҳамлаҳои паёпай лашкари

чингизиёнро нест мекард. Ба қавли устод Айнӣ, «даст мебурид», «по мешикаст».



Дар торикии шаб муғулҳо Темурмаликро дастгир карда, пурсиданд:

– Ту Темурмалик нестӣ?

Темурмалик инкор карданро ба шаъну шарафи худ муносиб надид.

– Оре, ман ҳамон Темурмалики хуҷандиям, ки яккаву танҳо ҳазорҳо шумо – чингизиёни хунхорро, чунонки саги газандаро кушанд, куштам! – гуфт.

Темурмалик бо ин суханон то нафаси охирин душманонро нест кард, вале дар ин набарди нобаробар қаҳрамонона шаҳид шуд.

Дар миёнбанди Темурмалик халтачае ёфтанд, ки дар вай як каф хок ва як порча коғази хатнок буд. Хатро хонда диданд, дар он чунин навишта буд: «Эй он, ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ёдгории Ватани азизи ман аст». Дар охири хат ин байт буд:

Атри кафан зи хоки ватан кардам орзу,
Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок.

Садриддин Айнӣ

**инкор** – рад
**набард** – ҷанг, задухӯрд
**ғаддор** – бераҳм, ғоратгар



1. Ба Ватани мо киҳо ҳуҷум карданд?
2. Фарзанди бовафои Ватан кӣ буд?
3. Темурмалик чӣ тавр ҷангид?
4. Темурмалик вақти ба дасти душман афтидан ба онҳо чӣ гуфт?
5. Ёдгории Ватан чӣ будааст?

1. Мазмуни матнро нақл кунед.

2. Номҳои одамонро аз матн ёбед ва шарҳ диҳед.

3. Калимаю ибораҳои зеринро навишта, зери аломати ашё хат кашед:

душмани ғаддор, фарзанди бовафо, дили бузург, халқи заҳматкаш, шаби торик, чингизиёни хунхор, нафаси охирин, коғази хатнок, одами некхоҳ.

4. Бо ибораҳои **ҳаёти хуррам**, **дили бузург**, **марди далер** ҷумлаҳо тартиб диҳед. Намуна:

Марди далер дили бузург дорад.

5. Матнро бори дигар хонда, калимаҳои ҳарфи **ё**, **й**, **ӯ**, **й**, **ъ**-дорро нависед. Калимаҳои **фаввора**, **ғаддор**ро ба ҳиҷо ҷудо кунед.

6. Ҳаммаънои ин калимаҳоро ёбед: **анбӯҳ**, **қалб**, **ҳила**, **хуррам**, **диёр**.

7. Калимаҳои **Садриддин**, **дастгир**ро алоҳида навишта, ба имлои (тарзи навишти) онҳо диққат диҳед.

Халқи мо бо қаҳрамо-
нону далерони худ ифти-
хор мекунад. Онҳо дар тӯ-
ли таърихи пурифтихо-
ри Ватанамон даҳҳо бор
дар ҳимояи халқу Ва-
тан ҷони худро қурбон
кардаанд, вале худ тас-
лим нашудаанд.

## ДАРСҲОИ 71-72

Суҳбат дар бораи фаслҳои сол.

### БАҲОРИЯ

Баҳор омад, садои булбул омад,
Насими фораму бӯйи гул омад.
Либоси сабзро саҳро ба бар кард,
Кулоҳи сап-сафед олу ба сар кард.
Пас аз боридани борони найсон
Чӣ зебоянд дашту кӯҳсорон!
Баҳор омад, чаман гуллпӯш омад,
Дили мо, бачагон, дар ҷӯш омад.
Давидему ба сӯйи боғ рафтем,
Ҳама монанди гул болида гуфтем:
«Дарахти нав ба боғи нав шинонем,
Дарахти себу зардолу расонем.
Ба боғи мо дарахти нок рӯяд,
Анори лоларангу ток рӯяд.
Ҳамон соле, ки онҳо бор оранд,
Ба мо хурсандии бисёр оранд.»



Мирзо Турсунзода

**садо** – овоз
**найсон** – борони баҳор, маҳин
**болида** – хурсандона, шодона
**ҷӯш** – ҳаракат, ҷӯшу хурӯш

1. Чаро одамон дар фасли баҳор дарахт мешинонанд?
2. Дар боғи шумо кадом хели дарахт ҳаст?
3. Оё шумо ниҳол шинонидаед?
4. Дар матн кадом калимаҳо ба саволи **Чӣ?**, **Чӣ хел?**, **Чӣ кор кард?** ҷавоб мешаванд? Намуна:

Чӣ? – баҳор, Чӣ хел? – сап-сафед, Чӣ кор кард? – омад.

Порчаро нависед, таркиби ибораҳои **насими форам, бӯйи гул, либоси сабз, кулоҳси сап-сафед**ро шарҳ диҳед ва савол гузоред.

Баҳор омад, садои булбул омад,
Насими фораму бӯйи гул омад.
Либоси сабзро саҳро ба бар кард,
Кулоҳи сап-сафед олу ба сар кард.

1. Чӣ омад?
2. Насими чӣ хел омад?
3. Чаман чӣ кор кард?
4. Борони чӣ хел борид?
5. Чаман чӣ хел омад?
6. **Дил ба ҷӯш омад** чӣ маъно дорад?
7. Ба кӣ хурсандии бисёр оранд?

Намуна: Чӣ омад? – баҳор.

1. Ба калимаҳои сутуни якум аз сутуни дуюм аломатҳои мувофиқро интихоб карда, нависед.

| | |
|---|---|
| шамол | тобон |
| баҳор | форам |
| офтоб | хуррам |

2. Ин ибораҳоро нависед, саволи мувофиқ гузоред:

либоси сабз, кулоҳи сафед, борони найсон, дарахти баланд, боғи нав, анори лоларанг.

3. Ба имлои ин калимаҳо эътибор диҳед:

бӯй, найсон, кӯҳсорон, чӣ, гулпӯш, ҷӯш, сӯй, рӯяд.

4. Аз ҳарфҳои калимаи **лоларанг** калимаҳои нав созед. Намуна:

**лоларанг** – анор, ...

5. Ба ин калимаҳо саволҳои мувофиқ гузоред:

баҳор, омад, булбул, насим, форам, гул, сабз, либос, саҳро, кулоҳ, олу, борон, дашт, кӯҳсорон, давидем, рафтем.

Намуна: Чӣ кор кард? – омад, Чӣ? – баҳор, Чӣ хел? – форам, ... .

6. Шоир бо кадом калимаҳо баҳорро васф кардааст?

7. Дар хона дар мавзӯи **Боғ** ҳикоя нависед. Дар он ин калима ва ибораҳоро истифода баред:

зебо, дилкаш, дилкушо, меваҳои ширин, гулҳои зебо, хушнамуд, бӯйи гул.

## ДАРСҲОИ 73-74

Суманакпазии модар ё бибиатонро ба хотир биёред.

### БӮЙИ ХУШИ СУМАНАК

Аз мактаб ба хона омадам. Дар рӯйи ҳавлиамон касе набуд, аммо аз ошхона дуд мебаромад. Либосҳоямро иваз карда, ба даҳлез баромадам. Бӯйи хуше ба машомам расид. Ба ошхона давидам. Бибиам дар деги болои оташдон чизеро бо кафгир тагурӯ мекард.

Вай чунон ба шавқ ҷунбуҷӯл дошт, ки ҳатто омадани маро пай набурд.

– Чӣ мепазед, бибӣ?

– Суманак, духтарам. Охир суманак таоми идонаи наврӯзӣ аст, – гуфт бибиам. Ман бо ӯ сӯҳбаткунон ба корҳояш ёрӣ расондам.

То аз кор омадани падару модарам суманак ҳам пухт. Аз он ҳам худамон хӯрдем, ҳам ба ҳамсояҳо додем.

Бӯйи хуши суманак ба шарофати бибии ҳунармандам ҳар баҳор аввал дар ҳавлии мо паҳн мегардад. Гӯё бо тароватии гуворои суманак ба хонадони мо баҳор меҳмон мешавад.



**таом** – ғизо, хӯрок
**кафгир** – асбоби рӯзгор
**шарофат** – бошараф, обрӯмандӣ
**ҷунбуҷӯл** – ҳаракат, машғули кор
**тароват** – тозагӣ, шодобӣ
**гуворо** – форам, хуш

1. Аз куҷо омадам?
2. Аз ошхона чӣ мебаромад?
3. Либосҳои мактабиамро чӣ кор кардам?
4. Бибиам чӣ кор мекард?
5. Чиро пурсидам?
6. Чӣ ҷавоб дод?
7. Чӣ пухт?
8. Чӣ паҳн мегардид?
9. Чӣ меҳмон мешавад?

1. Бигӯед, ки шумо чӣ тавр иди Наврӯзро пешвоз мегиред. Мазмуни калимаҳои **машом, даҳлез, таровати гуворо**ро шарҳ диҳед.

2. Аломату хусусияти ашёро аз матн ёфта нависед ва савол гузоред. Намуна:

бӯйи хуш – Чӣ хел бӯй?

3. Муколамаи набераю бибиро аз матн ҷудо карда, нависед.

4. Аломати одам ва ашёро муайян кунед:

| | | |
|---|---|---|
| бибӣ... | ҳавлӣ.... | Суманак... |
| бӯй.... | баҳор.... | Наврӯз... |

Намуна: бибӣ – меҳрубон, ширинзабон, ҳунарманд, ғамхор, дилсӯз, ...

Рӯзи наврӯз аст айёми баҳор,
Гул шукуфту гашт олам лолазор.

5. Дар бораи Наврӯз шеър хонед.

6. Расми ягон гули баҳориро дар дафтаратон кашед.

7. Бо калимаҳои **гуворо**, **форам** ду ҷумла нависед ва нақшаи онҳоро кашед.

8. Калимаҳои ҳарфи **ӯ**, **й**, **я**, **ё**-дорро нависед. Ҳиссаи калимаҳои **таом** ва **суманак**ро ба сатри дигар гузаронед.

9. Ин таронаро аз ёд кунед:

Расад аз кӯҳсорон бӯйи Наврӯз,
Ҳама олам ба гуфтугӯйи Наврӯз.
Ҳаво дар пуштаҳо борон гирифтаст,
Равон аст аз заминҳо ҷӯйи Наврӯз.

Аҳмадзода Юсуфҷон

10. Акси маънои калимаҳоро гӯед ва монанди ин намуна нависед.

Намуна: шаб – рӯз

| | |
|---|---|
| хунукӣ – | зимистон – |
| бисёр – | нав – |
| зебо – | тоза – |
| шодӣ – | фарбеҳ – |

11. Барои калимаҳои сутунҳои якуму дуюм аз сутунҳои сеюму чорум калимаҳои мувофиқро ёфта, хонед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| мамлакати ... | иморати ... | хушбӯй | сиёҳ |
| гули ... | мавизи ... | бузург | хиштин |
| табари ... | харбузаи ... | васеъ | баланд |
| кӯчаи ... | кӯҳи ... | тез | ширин |

## ДАРСҲОИ 75-76

1. Дар бораи булбул чӣ медонед?
2. Булбул ва гунҷишкро аз рӯйи расм муқоиса кунед.

### БУЛБУЛ

Булбул дар навдаи гулбутта нишаста суруд мехонд. Вай ҷаҳонгашта буд ва бисёр чизҳоро медонист.

Дар зери бутта хорпуште мехобид, ки бепарвою сер буд. Суруди булбул ба гӯши вай мефорид. Ӯро гӯё алла мегуфт. Булбул дар суруди худ офтобу осмони баланд ва абрҳои нуқрагунро васф мекард, ӯ дар васфи баҳру уқёнусҳои беканор, дарёчаҳои шаффоф ва кӯлҳои хомӯшу ором суруд мехонд. Вай боз нилуфару садбарг, мехчагулу тугмагулҳои хушбӯйро васф мекард.

Офтоб ғуруб карду торикӣ фаро расид. Паррандагону хазандагон ва хорпуштро низ хоб бурд. Субҳи босафо фаро расид, мурғаки саҳархез дар навдаи гулбутта боз суруди дилангези худро шурӯъ кард.

Хорпушт бедор шуд ва ба лаби дарёча рафту дасту рӯ шуста, омад.

Булбул бошад, мехонду мехонд.

Хорпушт барои ношто рафт. Сер шуда, боз ба лонаи худ баргашт. Офтоб тулӯъ кард.



Булбул ҳоло ҳам саргарми хониш буд. Вай боз ҳам офтобро васф мекард, суруд аз дирӯза беҳтар буд.

Хониши булбул оқибат ба дили хорпушт зад. Вай хашмгинона фарёд кард:

– Эй мурғаки бӯр, даматро гир. Ту аз биничаи ман ҳам хурд ҳастӣ! Лекин ин сурудхонӣ то ба кай? Ин қадар гулӯ медарронӣ?!

Булбул аз сурудан бозистоду гуфт:

– Гӯш кун, эй хорпуштаки ҳавобаланд. Ту худро таъриф мекунӣ, фахр мекунӣ, ки ин қадар сӯзан дорӣ. Вале баробари як либосдӯзи бечора меҳнат ва некӣ карда наметавонӣ. Вай бо як сӯзан ҳам худашрову ҳам оилаашро мехӯронаду мепӯшонад. Ҳазорон сӯзани ту ба кӣ даркор аст?

**шаффоф** – соф
**ғуруб** – нишастани офтоб
**ҳавобаланд** – мағрур

1. Булбул дар куҷо буд ва чӣ кор мекард?
2. Дар зери гулбутта чӣ хобида буд?
3. Булбул дар сурудаш чиҳоро васф мекард?
4. Офтоб чӣ кор кард?
5. Ҷаро хорпушт хашмгин шуд?
6. Вай ба булбул чӣ гуфт?
7. Булбул чӣ ҷавоб дод?

1. Калимаҳои зеринро шарҳ диҳед:

васф мекард, нуқрагун, беканор, ношто.

Намуна: ношто – хӯроки саҳар.

2. Ҳаммаънои калимаҳои **офтоб**, **фахр**ро ёбед.

3. Сархати якуми матнро нависед, зери калимаҳои ҳарфи **й** ва **ё**-дор хат кашед.

4. Ин калимаҳоро ба гурӯҳҳои ҳаммаъно ҷудо кунед:

офтоб, хуршед, шамс, булбул, андалеб, субҳ, саҳар, шаффоф, пок, саҳархез, барвақтхез.

Намуна: саҳархез – барвақтхез.

5. Ба ин калимаҳо чӣ хел савол мегузоред?

Ҷаҳонгашта, сер, баланд, беканор, хушбӯй, хурд, ҳавобаланд.

Намуна: баланд – Чӣ хел?

6. Ба ибораҳои зерин сифатҳои ҳаммаъноро илова кунед.

Намуна: уқёнусҳои беканор – бепоён, беохир, ....

дарёчаҳои шаффоф –

хорпуштаки ҳавобаланд –

Матнро хонед. Калимаҳоеро, ки ба саволҳои **Чӣ хел?**, **Чӣ гуна?** ҷавоб мешаванд, гӯед:

Рӯйи гули сафед шаҳпараки сафед, рӯйи гули зард шаҳпараки зард нишаст. Шаҳпараки сиёҳ рӯйи гули сурх нишаст. Фароштурук омад. Ӯ шаҳпараки сиёҳро дид. Дар як лаҳза онро дошт. Савол: Шаҳпараки сиёҳ бояд болои кадом гул менишаст, ки фароштурук ӯро набинад?

1. Ба ин калимаҳо савол гузоред ва ба ёд оваред, ки амал ва ҳаракати ашё ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?

нишаст, омад, дид, дошт.

Намуна: Чӣ кор кард? – дошт, ...

2. Ба ин ибораҳо савол гузоред.

шаҳпараки сафед, шаҳпараки сиёҳ, гули сурх, гули сафед.

Намуна: Чӣ? – гул, Чӣ хел? – сафед.

## ДАРСҲОИ 77-78

Қоидаҳои хӯрок хӯрданро бо тарзи хӯрокхӯрии худатон муқоиса кунед.

### ОДОБИ САРИ МИЗИ ТАОМХӮРӢ

Нонро пора карда, як буридаи онро хӯред. Нони бутунро нагазед. Бо нӯги корд чизе нахӯред. Кордро ҳеҷ гоҳ сӯйи даҳон набаред. Луқмаро калон нагиред.

Зуд-зуд, ҳарисона хӯрок нахӯред.

Агар шариктабақ дошта бошед, барои хӯрдани охирин қошуқи таом ё пораи охирини гӯшт даст набаред. Донаи харбуза ё тарбузро ба коса туф накунед. Донаи онро ноаён ба қошуқ андозед.

Бо пиёла, корд, қошуқ, чангак, дастпоккун ва дигар чизҳои рўйи дастурхон бозӣ накунед.

Рўятонро бо дастпоккуни сари мизи хўрок пок накунед. Бо он танҳо дасту лабро тоза кардан мумкин аст.

Агар ба ҳамшафат чизе гуфтан хоҳед, пуштатонро ба каси дигар нагардонед. Ба сўҳбати шахсони ҳампаҳлу ҳамроҳ нашавед.

Бо даҳони пур аз хўрок гап назанед. Худро дар курсӣ озод нигоҳ доред.

**таом** – хўрок
**ҷоиз** – имконпазир, раво
**эътибор** – аҳамият

Ба саволҳо бо як калима ҷавоб диҳед:

1. Нонро чӣ тарз мехўранд?
2. Бо корд таом хўрдан равост?
3. Тез-тез хўрок хўрдан мумкин аст?
4. Бо чизҳои рўйи дастархон бозӣ кардан мумкин аст?
5. Бо дастпоккун рўй тоза мекунанд ё дасту лабон?
6. Бо даҳони пур аз хўрок гап задан ҷоиз аст?
7. Аз пеши дигарон пораи таомро гирифтан аз рўйи одоб аст?

пиёла, луқма, оринҷ, ҷафс, устухон, қошуқ, дастпоккун, эътибор, шўрбо, сўҳбат, муқаддас, такя.

1. Матнро бори дигар хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои **Чӣ кор мекунад?**, **Чӣ кор кард?** ҷавоб мешаванд, нависед. Намуна:

Чӣ кор кард? – гирифт, ....

Чӣ кор мекунад? – мехўрад, ...

2. Бо калимаҳои **дастурхон**, **дастпоккун** ҷумла созед.

3. Пандро хонед, аз ёд кунед:

– Чӣ чиз аст, ки одамро айб бошад?

Гуфт:

– Пурхӯрӣ.

4. Аз ҳарфҳои калимаи **навбаҳор** калимаҳои нав созед. Намуна:

навбаҳор – абр, баҳо, ...

5. Худатонро санҷед: ибораҳои зеринро бо ҳамдигар муқоиса кунед ва гӯед, ки дар кадоми онҳо аломати ашё ифода ёфтааст:

буттаҳои сабз, хазинаи шеър, буттаҳои гул, суханҳои оқилона.

6. Калимаҳои **неку бад, сиёҳу сафедро** бо якдигар муқоиса кунед. Ба хотир биёред, ки боз кадом калимаҳоро муқоиса карда будем?

7. Калимаҳои **даст, корд, баланд, паст, фурсат, гӯсфандро** нависед, бурроию равшан талаффуз кунед ва гӯед, ки дар охири онҳо кадом ҳамсадоҳо омадаанд?

8. Ба ин савол дар хона ҷавоб нависед. Ҳангоми хӯрокхӯрӣ кадом амалҳо аз рӯйи одоб нест? Намуна:

Бо даҳони пур гап задан, ...

## ДАРСҲОИ 79-80

Латифаро хонед, мазмуни онро баён кунед.

### ЛАТИФА

Он рӯз Хоҷа Насриддин ба шаҳри Навобод омад ва рост ба бозор рафт. «Бозори шаҳр – оинаи шаҳр.» – ҳамеша мегуфт Хоҷа. Ва ҳақ ба ҷониби ӯст. Мардуми беҳунар бозор надорад, охир ӯ чӣ ҳам пешкаш мекунад, вақте ки...

Нохост ду навкар аз пас расиданду аз дасти Хоҷа гирифтанд ва сахт тоб доданд.

– Ту, аблаҳ, кистӣ, ки ба мири шаҳри мо салом надодӣ?! – хитоб кард яке.

Дигаре дод зад:

– Агар аз худ рафта бошӣ, ба худ меоремат!

Хоҷаро ба назди мири шаҳр оварданд. Вай рӯйи зини Саманд бовиқору тантана менишаст. Дар ҳақиқат, Хоҷа Насриддин ӯро ягон ду дақиқа пештар дар чорраҳа дида буд.

– Ту кистӣ? – пурсид мири шаҳр.

– Ман – Хоҷа Насриддин, меҳмони шаҳри шумо, тақсир, – ҷавоб дод Хоҷа.

– Чаро салом надодӣ? – боз пурсид мири шаҳр.

– Салом додам, аммо шумо ҷавоб надодед, – гуфт Хоҷа Насриддин.

– Чӣ? Ту маро беадаб гумон мекунӣ? – ғазаб кард мири шаҳр.

– Инаш ба шумо равшантар аст, тақсир...



Нақшофарӣ:
- Баранда – Абдулло.
- Ду навкар – Саид, Давлат.
- Хоҷа Насриддин – Неъмат.
- Мири шаҳр – Сайёд.

Бо калимаҳои **бозор, мардум, шаҳр, дақиқа** ҷумлаҳо фикр карда нависед.

*Дар фасли баҳор дашту даман сабзапӯш мешавад. Гулу дарахтон мешукуфанд. Табиат бедор мешавад. Дар аввали баҳор „Наврӯз" ҷашн гирифта мешавад. Ман мавсими баҳорҳо дӯст медорам.*

## ДАРСИ 81-82

1. Одоби сӯҳбатро ба хотир биёред.
2. Дар бораи Исмоили Сомонӣ чӣ медонем?

### ШАРОФАТИ ИЛМ

Бародари калон – Илёс ба қаср, назди Исмоили Сомонӣ меояд. Исмоил подшоҳ буд. Ӯ бо шахсе сӯҳбат мекард. Илёс дар гӯшае нишаста мушоҳида мекунад. Сӯҳбат ба охир мерасад. Он шахс равон мешавад. Исмоил аз ҷой хеста,

меҳмонро гусел мекунад. Илёс ҳайрон мешавад ва мегӯяд, ки аз рӯйи қоидаи дарбор барои гусели касе шоҳ набояд аз ҷой хезад ва қадаме пеш гузорад. Исмоили Сомонӣ табассум мекунад ва мегӯяд: «Шарофати илм бисёр аст».

Ҷамоли одамӣ дар ҳилм бошад,
Камоли одамӣ дар илм бошад.
Саноии Ғазнавӣ

**ҳилм** – ҳалимӣ, нармӣ
**Илёс** – бародари Исмоили Сомонӣ
**Исмоили Сомонӣ** – амир, подшоҳ, асосгузори давлати тоҷикон

1. Илёс ба қаср назди кӣ омад?
2. Исмоил бо чӣ кор машғул буд?
3. Чаро Исмоил аз ҷой хеста, меҳмонро гуселонид?
4. Меҳмон кӣ будааст?
5. Исмоил табассумкунон ба бародараш чӣ гуфт?

1. Дар сутуни якум номи ашёҳо, дар сутуни дуюм аломати ашёро нависед. Онҳоро алоқаманд кунед.

Намуна: китоби шавқовар...

| | |
|---|---|
| рафиқ | олиқадр |
| китоб | хуб |
| меҳмон | шавқовар |

2. Калимаҳои **Илёс**, **гусел**, **сӯҳбат**, **табассум**, **шарофат**, **илм**ро нависед ва ба имлои онҳо диққат диҳед.
3. Бо калимаҳои **шараф** ва **шарофат** ду ҷумла созед.
4. Байти дар боло зикршударо аз ёд кунед, ба дафтаратон нависед.
5. Бо калимаҳои **китоб**, **хуб**, **духтар**, **зебо**, **бародар**, **калон**, **шоҳ**,**одил**, **меҳмон**, **донишманд** аввал ибора ва баъд ҷумлаҳо тартиб дода, нависед. Намуна:

| **ибораҳо** | **ҷумлаҳо** |
|---|---|
| Бародари калонӣ | Бародари калонӣ кори падарро давом дод. |

Ҳавлии худатонро ба хотир оред ва ба ин ҳавлӣ муқоиса кунед.

## ҶАСУРИ НАКӮКОР ВА ГУРБАИ БАДКИРДОР

(ҳикоят)

Дар як ҳавлии васеъ ва сердолу дарахт паррандагони гуногун: мусича, кафтар, ҷӯр, майна ва гунҷишкакони бисёр бо шӯру ғавғо, бо суруду хонишҳои форами худ тифоқона зиндагӣ мекарданд. Онҳо ҷуфт-ҷуфт, села-села буданд ва ҳар ҷуфт пона дошт, байни онҳо гоҳ-гоҳ ҷанҷол шавад ҳам, вале ба душманӣ намерасид. Калонҳо ва обрӯмандони села зуд дар миён даромада, ҷангараҳоро халос карда, танбеҳ ва оштӣ медоданд. Ҳар кадом якдигарро мешинохт ва эҳтиром мекард. Паррандагони гуногун дар ин ҳавлии орому бобаракат мисли узви як хонадон буданд. Ба ин ҳавлӣ Зард ном гурбае низ гоҳ-гоҳ аз ҳавлии ҳамсоя меомад. Ҳамаи паррандагон гурбаро бад медиданд ва тифоқан ба ӯ ҳуҷум мекарданд. Гурба пайти мувофиқ ёфта, ба чӯҷаҳои навболу камқуввати паррандагон ҳамла мекард, баъзан ягонтои онҳоро



луқмаи худ месохт. Ҳатто баъзан ба лонаҳои паррандагон бо чашми тамаъ менигарист. Ин гурба ҳам фиребгар буд, ҳам бераҳм.

**луқма** – хӯро
**навбол** – боли нав, қанот
**пайт** – фурсати муносиб
**тамаъ** – чашмгуруснагӣ

1. Дар ҳавлӣ кадом паррандагон зиндагӣ мекарданд?
2. Онҳо чӣ тарз зиндагӣ мекарданд?
3. Ба ин ҳавлӣ гоҳ-гоҳ чӣ меомад?
4. Вай чӣ ном (лақаб) дошт?
5. Гурба барои чӣ ба ин ҳавлӣ меомад?

1. Мазмуни ин қисми ҳикояро нақл кунед.
2. Калимаҳоеро, ки ҳарфҳои **ъ**, **я**, **ӯ**, **й**, **ӣ**, **ё**, **э**, **ю** доранд, нависед. Ба имлои калимаҳои **камқувват**, **ҳатто** диққат диҳед.
3. Бо ибораҳои **ҳавлии васеъ**, **ҳавлии бобаракат**, **чӯҷаҳои камқувват** ҷумла тартиб диҳед ва ба аломати аъё савол гузоред.

## ДАРСҲОИ 85-86

Мазмуни қисми якумро нақл кунед.

### (давоми ҳикоя)

Як рӯзи баҳор, ки гурба сер буд, дар офтобрӯя павандона дароз кашида роҳат мекард. На хоб буданаш маълум буду на бедориаш. Гӯё ҳила мекард.

Паррандагон ки аз ҳилаю найранги гурба борҳо огоҳ шуда буданд, эҳтиёткорона аз пайи ҷустуҷӯйи доне, мағзу ризқи худ мешуданд, чашми эҳтиёту ҳазар аз гурба намеканданд.

Дар миён гунҷишкаке буд, ки хеле зӯрманд ва накӯкор. Вай накӯкорӣ, боқувватӣ ва далериашро дар чандин задухӯрдҳо, халоскунӣ ва танбеҳу оштидиҳӣ исбот намуда, обрӯ пайдо карда буд. Бинобар ин паррандагон боэҳтиром ӯро Ҷасур меномиданд. Ана ҳамин Ҷасур бо ҷуфташ дар навдаи дарахт нишаста рафтори гурбаро наззора мекард, то ки аз нияти бади ӯ дӯстонашро сари вақт огоҳ намояд. Дар ин вақт малахаке паридаю ҷаҳида омада, пеши гурба нишаст ва гӯё Ҷасурро мазоқ мекарда бошад, парҳояшро ҷунбондаю афшонда тоза мекард ва офтоб медод. Чашмони Ҷасур аз дидани сайди хуштаъму лазиз дурахшиданд, ки ба ҷуфташ гуфт:

– Ҳоло малахаки ширину нармак мехоҳӣ?

Занаш, ки дар куҷо будани малахро ҳанӯз надида буд, гуфт:

– Бале, мехоҳам, кайҳо боз малах нахӯрдаам.

Вале ҳамин лаҳза дар куҷо будани малахро дид ва аз гапаш бозгашт

– Не, не, Ҷасурҷон, ин хеле хавфнок аст, нобуд мешавӣ, ман малах хӯрдан намехоҳам...



1. Рӯзи баҳор гурбаи фиребгар чӣ кор мекард?
2. Барои чӣ паррандагон худро эҳтиёт мекарданд?
3. Барои чӣ гунҷишкак номи Ҷасурро гирифта буд?
4. Вазифаи Ҷасур чӣ буд?
5. Дар ин вақт чӣ парида омад?
6. Ҷасур ба ҷуфти меҳрубонаш чӣ гуфт?
7. Ҷуфти Ҷасур чӣ ҷавоб дод?
8. Барои чӣ вай аз гуфтааш баргашт?

1. Мазмуни ин қисмро нақл кунед.
2. Ду ҷумлаи аввали сархати дуюмро рӯбардор намуда, зери калимаҳои ҳарфи **ё**, **ӯ**, **й**-дор хат кашед.
3. Ибораҳоро хонед ва савол гузоред:

гунҷишки накӯкор, чашми эҳтиёткор, нияти бад, луқмаи лазиз, малахаки ширин.

Намуна: Чӣ? – малах; Чӣ хел? – ширин.

## ДАРСҲОИ 87-88

Мазмуни ду қисми аввалро ба хотир оред ва баён кунед.

(давоми ҳикоя)

Вале дер шуда буд. Ҷасур мисли калхот худро ба малах расонд ва онро фавран нӯл зада гирифт ва фиррӣ карда ба паҳлуи ҷуфташ баргашт ва малахро наздаш гузошт.

Ҳамаи ин шикори пурхатар дар як мижа задан воқеъ гардид, ки аз он ҳам гурбаи дар ғафлатмонда ва ҳам дӯстони Ҷасур мот шуданд.

Гурбаи ғофил мияв-миявгӯён думи худро гоҳ боло мебардошт, гоҳ бо шаст ба замин зада, бо хашми шерона таҳдид менамуд. Ҷасури ғолиб ба ҳоли душмани ма

қоҳ-қоҳ механдид ва ӯро бо парафшонӣ ва сарҷунбонӣ мазоқ мекард.

Паррандагон аз ин далерии густохонаи дӯсти худ завқ карданд, садоҳои аҳсану офарин мебароварданд: Ҷасури доно! Ҷасури тавоно! Ҷасури нотарсу чолок! Ҷасури тезкор! Ба ин тариқ чанд рӯз қаҳрамонии Ҷасур, ғалабаи ӯ ва шармандагии гурбаи Зард вирди забонҳо буд... Ҷасури мо аз ин корнамоию таърифҳои дӯстон аз фахр ҳаво мегирифту ман-манӣ мекард.

Аз шармандагии худ гурбаи Зард як ҳафта ба ин ҳавлӣ наомад. Аммо вай тайёрӣ медид. Мехост қасосашро аз Ҷасур ё ягон паррандаи дигар бигирад.

1. Ҷасур малахро чӣ гуна гирифт?
2. Барои чӣ гурбаю дӯстони Ҷасур ҳайрон шуданд?
3. Паррандагон Ҷасурро чӣ тавр таъриф мекарданд? (Аз матн хонед.)
4. Ҷасур аз чӣ сабаб фахр мекард?

1. Мазмуни қисми сеюмро нақл кунед.
2. Ба ин қисм номи мувофиқ интихоб намоед.
3. Аз ибораҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед:

гунҷишки далер, нияти бад, малахаки нармак.
Намуна: Нияти бад ба бадӣ мебарад.

4. Дар сутуни якум ашё, дар сутуни дуюм аломатҳои онҳо дода шудааст, онҳоро алоқаманд кунед:

| | |
|---|---|
| гурба | мағлуб |
| гунҷишк | лаванд |
| рӯз | нотарс |
| душман | баҳор |

5. Ба имлои ин калимаҳо эътибор диҳед:

танбеҳ, осоишта, мазоқ, луқма, хуштаъм, хавф, бадкирдор.

6. Ибораҳои нӯши ҷон, нури дида, умри ҷовидро шарҳ диҳед.

Намуна: умри ҷовид – умри абадӣ.

## ДАРСҲОИ 89-90

Мазмуни қисмҳои хондаамонро ба хотир меорем

(давоми ҳикоя)

...Рӯзе гурба пораи нони ёфтаашро махсус нонреза карда, дар ҷойи аввала пошида, худро ба хоб андохт. Вай нимхобу нимбедор буд. Мепойид, ки ягон паррандаи сода барои нонреза поён фуроянд. Паррандаҳо ин ҳилаи гурбаро диданд. Ин ҳиларо Ҷасур ҳам диду фаҳмид, вале вай аз таърифҳои дӯстон ҳаво гирифта буд, ба тезпарвозии худ аз ҳад зиёд баҳо медод. Пайти мувофиқ ёфта, ба ҷуфташ оҳиста гӯшакӣ кард: "Ҳамин дам ба ту нонреза меорам". Ҷуфташ фурсати эътироз кардан ва монеъ шудан наёфт. Ҷасур беовоз парвоз карда, пеши нонрезаҳо тавре нишаст, ки гурба надида монд. Ҷасур метавонист номаълумакак нонрезаи аз ҳама калонро гирифта парвоз кунад, зеро гурба дар ғафлат буд. Вале Ҷасур худписандона аз пеши як нонреза ба дигараш ҷаҳид, гӯё аз ҳеҷ чиз наметарсид.

Гурба якбора хез зада бо дасташ Ҷасурро доштанӣ шуд. Ҷасур бо тамоми қувват ва ҳавли ҷон парвоз кард.... Фиғони гурбаю ҷуфти Ҷасур ва дигар паррандагон гӯё ҳавлиро ба осмон бардошт.... Ҷасур бо ҳазор машаққат ба шарофати чолокӣ худро аз чанголи гурба халос кард, вале думи зебои

ӯ дар чанги гурба монд. Шиддати дарду тарс вуҷуди Ҷасурро ба ларза оварда буд. Аксари паррандаҳо ба ғами Ҷасуру зани ӯ шарик буданд. Вале як қисми онҳо мазоқ мекарданд.



1. Рӯзе гурбаи ҳилагар пораи нонро чӣ кор кард?
2. Вай ин корро бо кадом мақсад кард?
3. Барои чӣ Ҷасур ба ин ҳилаи гурба аҳамият намедод?
4. Вай ба ҷуфташ чӣ гуфт?
5. Баъд чӣ воқеа рӯй дод?
6. Чаро баъзе паррандагон Ҷасурро мазоқ мекарданд?

1. Мазмуни ин қисмро нақл кунед
2. Ба ин қисм номи мувофиқ гузоред.
3. Ҳиссаи калимаҳои **нонреза**, **гурба**, **таърифро** ба сатри дигар гузаронед.
4. Бо ибораҳои **гурбаи ғаддор**, **дасти рост**, **думи зебо** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

ИМЛО.

Паррандагон дӯстони мо мебошанд. Онҳо ҳашароти зараррасонро нест мекунанд. Ин дӯстӣ дутарафа мебошад. Одамон ба паррандагон дар зимистон ғамхорӣ менамоянд, ҷой медиҳанд. Барои паррандагон лона месозанд.

## ДАРСҲОИ 91-92

Мазмуни қисмҳои хондаро ба хотир оред ва баён кунед.

(давоми ҳикоя)

– Ҷасури бедум, Ҷасури шарманда, Ҷасури мағрур...

Аз дарди ҷонкоҳ, аз мағлубият, аз ин мазоққо Ҷасур хеле лоғар шуд, бо касе гап намезад, аз дӯстон мегурехт, ғамгин буд. Ин ҳолати Ҷасур ду-се ҳафта давом кард. Гурба ҳам аз тарси ғавғо ва ҳуҷумҳои ногаҳонии паррандагон ба ин ҳавлӣ дигар намеомад.

Рӯзе ҳамсояи Ҷасур чӯҷаҳои навболи худро парвоз меомӯхт. Ҳама бо шавқ парвозҳои ноӯҳдабароёнаи навболҳоро тамошо ва бо чириқ-чириқи худ онҳоро ба парвоз рӯҳбаланд мекарданд.

Якбора яке аз навболон, ки хеле хаста шуда буд, ба рӯйи ҳавлӣ нишаст, дигар парвоз кардан натавонист. Ҳама ӯро ба парвоз даъват мекарданд, тела медоданд, вале ӯ аз ҷой ду-се қадам мемонду бозмеафтид, гиря мекард:

– Очаҷон-очаҷон, монда шудам...

Дар ин асно дар болои бом гурба намоён шуд. Паррандаҳо ба вай дарафтоданд, вале ӯ ҳамоно чашм ба сӯйи навбол ба шохи дарахтон часпида-часпида поин мефуромад.



1. Ҷасур аз чӣ лоғар шуда буд?
2. Гурба чаро ба ин ҳавлӣ намеомад?
3. Рӯзе ҳамсояи Ҷасур ба чӣ машғул буд?
4. Бо яке аз навболон чӣ воқеа рӯй дод?
5. Гурба аз куҷо намоён шуд?
6. Вай чӣ тарз меомад?

1. Мазмуни ин қисмро баён кунед.
2. Ба ин қисм ном гузоред.
3. Калимаҳои ҳарфи **ӯ**, **ъ**, **я**, **й**, **ӣ**, **ё**-дорро бо тартиби алифбо нависед.
4. Ба калимаҳои **бедум**, **безеб**, **лоғар**, **навбол** савол гузоред.
5. Калимаҳои **ноӯҳдабаро**, **навбол** ва **паррандаҳоро** ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

Се ҷумлаи сарҳати дуюмро беғалат ва тоза рӯбардор намоед.

Мазмуни қисми хондаатонро ба хотир биёред ва баён кунед.

(давоми ҳикоя)

Гурба хеле наздик шуда буд. Паррандаҳо ду тақсим шуданд. Гурӯҳи зиёдтар ба гурба ҳуҷум мекарданд, гурӯҳи хурд бо ҳамроҳии падару модари навбол гирди ӯ парвоз мекарданд. «Хез, парвоз кун» – мегуфтанд, онро аз замин бардоштанӣ мешуданд. Вале ҳайҳот, зӯри ягонтои онҳо намерасид, ки навболро боло бардорад. Ана дар ҳамин лаҳзаи мудҳишу хатарнок Ҷасур фарёд зад: «Як тараф истед! Роҳ диҳед!» Ҳама аз навбол дуртар шуданд, ҳайрон буданд, ки Ҷасур чӣ кор мекарда бошад.

Ҷасур боз корнамоӣ кард: худро ба навбол бо суръат расонда, аз пушти гарданаш бо панҷаҳои боқувваташ маҳкам дошт ва бо шаст боло бардошт ва парида, ба шохи дарахти баланд нишаст. Навбол бо панҷаҳояш навдаеро сахт дошта гирифт. Ҳамин лаҳза падару модари навбол расиданд, ӯро оғӯш карданд, бӯсиданд...

Тамоми паррандаҳо аз ин ғалабаю корнамоӣ ва накӯкории Ҷасур фарёди шодмонӣ, фарёди зафар карданд. Ин дам ҷуфти Ҷасур фарёди баландтари шодӣ баровард: «Ҷасурҷон, бин, ту дум баровардӣ, боз думдор шудӣ!» Паррандаҳо бо шодии боз ҳам зиёдтар Ҷасурро табрик мекарданд... Дар ҳавлӣ тантана, базми ғалабаи некӣ бар бадӣ идома дошт. Ба шарофати некӣ навбол зинда монд, Ҷасур думдор шуд...

Файзулло Шарифзода



«Нек дарёбу бад макун зинҳор,
Ки баду нек боз хоҳӣ дид.»

**пайт** – лаҳза, вақт
**сердол** – сербутта, сералаф
**навбол** – навпарвоз, парронча
**ҳаво гирифтан** – мағрур шудан, худписандӣ кардан

1. Сифатҳои Ҷасур ва гурбаро дар ду сутун нависед.
2. Матнро ба нақшҳо тақсим карда хонед.
3. Ифодаҳои **як мижа задан**, **моту маҳбут шудан**, **чашмони хунгирифта**, **гӯшакӣ кардро** шарҳ диҳед.
4. Лаҳзаҳоро интихоб карда расм кашед.
5. Бо ибораҳои **лаҳзаи хавфнок**, **панҷаҳои боқувват**, **ҳавои баҳор** ҷумлаҳо фикр карда, нависед.

## ДАРСҲОИ 95-96

### ДАР НАСИҲАТИ ФАРЗАНД

Биё, эй ҷигаргӯша, фарзанди ман,
Бинеҳ гӯш бар гавҳари панди ман.
Садафвор биншин даме лабхамӯш,
Чу гавҳар фишонам, ба ман дор гӯш!
Шунав панду дониш, ба он ёр кун,
Чу донистӣ, он гоҳ ба он кор кун!
Чу бояд бузургит пиронасар,
Ба чашми бузургӣ ба пирон нигар.
Ҳамекун ба пирони бекас касӣ,
К-аз ин шева, донам, ба пирӣ расӣ...

Абдураҳмони Ҷомӣ

**панд** – насиҳат
**касӣ кардан** – эҳтиром кардан
**садафвор** – садафмонанд

1. Дар ин шеър сухан дар бораи кӣ меравад?
2. Шоир ба фарзанд чӣ насиҳат мекунад?
3. Барои чӣ шоир панду насиҳатро мисли гавҳар медонад?

1. Ҷуфти калимаҳои ҳаммаъноро ёфта, нависед:

ғайрат, офтоб, мулоим, кӯшиш, рӯй, хуршед, ғам, нарм, ғусса, ҳаракат, андӯҳ, қад, чеҳра, ҳалим.

Намуна: нарм – мулоим.

2. Пандро шарҳ диҳед.

Пурсиданд:

– Беҳтарин шахс кист?

Ҷавоб:

– Он кас  ки умраш тӯлонӣ, вале кору амалаш некӯ бошад.

Пурсиданд:

– Пас, бадтарин кас кист?

Ҷавоб:

– Он кас, ки умраш тӯлонӣ, вале кору амалаш бад бошад.

## ДАРСҲОИ 97-98



Сӯҳбат дар бораи китобчаҳои хониши берун аз синф.

### ҲАР КАС АЗ НИЯТИ ХУД МЕЁБАД



Ду деҳқони ҳамсоя яке Ғайрат дигаре Ғафлат ном доштанд. Онҳо дар полизҳои ҳампаҳлу заҳмат мекашиданд: харбуза, тарбуз, сабзӣ, карам, картошка, шалғаму турб ва монанди инҳоро кишт мекарданд, ҳосили фаровон ба даст меоварданд ва рӯзгори бофароғат доштанд.

Ғайрат хоксор, хушмуомила, саховатманду дилкушод буд. Дар полиз худаш кор мекард. Ғафлат дар полизаш бештар дигаронро киро карда кор мефармуд, баднафс ва хасис буд. Аз кору рӯзгори худ бисёр лоф мезад, ҳавобаланду бадгап буд. Ҳамдеҳагон якеро Саҳӣ, дигареро Хасис лақаб монда буданд.

Мардум Ғайратро барои сифатҳои некаш ҳурмат мекарданд. Онҳо ҳайрон буданд, ки вай бо Ғафлати Хасис ва бадкирдору бадмуомила чӣ хел муросо мекунад.

Ғайрати Сахӣ дурандеш буд. Вай дар як гӯшаи ҳавлиаш дарахтони мевадор шинонд, боғ кард. Ғафлати Хасис ба таассуби Сахӣ дарахт шинонд, боғ кард. Ниҳолони боғҳо ба ҳосил даромаданд. Рӯзгори Сахӣ ва Хасис боз ҳам беҳтар шуд.

Хасис доим фикр мекард, ки чӣ тарз назар ба Сахӣ аз заминаш фоидаи бештар гирад. Рӯзе аз радио дар бораи занбӯри асалпарваре хабаре шунид. Фаҳмид, ки занбӯрпарварӣ даромади калон доштааст. Чанд шабу рӯз хаёлан ба аспи нафсу ҳирс савор буд: агар даҳ қуттӣ занбӯр харам, ин қадар пул мешавад, агар бист қуттӣ занбӯр гирам...

**хасис – чашмгурусна**
**фаровон – зиёд, бисёр**

1. Ду деҳқони ҳамсоя чӣ ном доштанд?
2. Ба онҳо ҳамсояҳо чӣ лақаб гузошта буданд?
3. Ин лақабҳо чӣ маъно доранд?
4. Ҳамсояҳо чӣ кишт мекарданд?
5. Мардум Ғайратро барои кадом сифатҳояш ҳурмат мекарданд?
6. Хасис аз радио чӣ шунид?
7. Ӯ шабу рӯз чӣ орзу мекард?
8. Ба **аспи нафсу ҳирс савор буд** чӣ маъно дорад?

1. Калимаҳои ҳарфи **ӯ**, **й**, **я**, **й**, **ъ**, **ё**-дорро нависед.
2. Ҳиссаи калимаҳои **дарахтҳо**, **мардум**, **радио**ро ба сатри дигар гузаронед.
3. Бо ибораҳои **ҳосили фаровон**, **одами саховатманд**, **дарахтони мевадор** ҷумлаҳо нависед.
4. Ду ҷумлаи аввали матнро рӯбардор намуда, зери ҳарфҳои **д**, **т**, **ҳ**, **қ**, **е** хат кашед.

## ДАРСҲОИ 99-100

Мазмуни қисми аввалро ба хотир оред.

(давоми ҳикоя)

Хасис худро соҳиби хонаҳои дабдабаноки дуошёна, ҳавлии васеъ, ҳавзу фавворaҳои мусаффо, ду-се зани соҳибҷамол ва миёни ин биҳишти хаёлиаш худро дар кайфу сафо ва Сахиро хору залил медид. Бар Хасис торафт ҳирс ва бахилӣ ғолиб меомад. Аввал миёни ҳавлии худаш ва ҳамсоя девор кард, то ки Сахӣ аз сирраш воқиф шуда, ба вай пайравӣ накунад. Баъд бо пӯлҳои пасандоз кардааш якбора чил қуттӣ занбӯри асал харида, миёни боғаш гузошт.

Мавсими гулу мева расид. Хасис аз рӯзномае хонд, ки агар вақти шукуфтани дарахтон ба гулҳо кадом як доруи кимиёвӣ бипошӣ, ҳосил дучанд фаровон мешавад. Ин доруро аз савдогаре харида овард, дар сатил бо об омехта кард, ба гули дарахтон пошид.

Аз ин бозёфти худ ва донояиш мефахриду меболид. Боз ба хаёлҳои ширин, ба баҳри пулу мол ва кайфу сафо ғӯтавар мешуд...

Ба бӯйи хуши гулҳо занбӯри асал аз хоби зимистона бедор шуд: атроф ҳама гулу гулзор, ғизо фаровон..., онҳо фавҷ-фавҷ рӯйи гулҳо менишастанд, аз гуле ба гуле мегузаштанд, шаҳд нӯши ҷон мекарданд, бехабар аз он ки шаҳди гулҳо заҳролуданд.

Вақти бозгашт дари қуттиҳо ба рӯяшон баста мешуд. Нозирони поккор барои шаҳди заҳролуд занбӯрҳоро бераҳмона сар мезаданд. Фавран эълон шуд, ки дигар ба гулҳои заҳрнок наздик нашаванд. Ин шӯру валвала миёни занбӯрҳо рӯзи дароз давом кард.

Атрофи қуттиҳо пур-пури ҷасади занбӯрҳо шуд. Занбӯрҳои зинда ва покиза чор-панҷ маротиба кам монда буданд.

Аз ин талафоти ҷонкоҳ Хасис бохабар шуд, оҳу воҳаш ҳама ҷоро пур кард: "Хонаам сӯхт!... Хонавайрон шудам!... Вой-вой, дод!"



Рӯзи дигар занбӯрҳои боқимонда ҳама парвоз карда, ба боғи Сахӣ гузаштанд.

Боғи Сахӣ аз пешина пурбортар, рӯзгораш осуда мешуд.

Саховат сирати мардони мард аст,
Хасисӣ пешаи рӯбоҳи зард аст.
Сахиро руҳу тан барнову солим,
Ҳасадро руҳу тан пурзаъфу дард аст.

Файзулло Шарифзода

**нозир** – назораткунанда **фавҷ-фавҷ** – гурӯҳ-гурӯҳ

**талафот** – зарар, зиён

1. Хасис ояндаи худро чӣ гуна тасаввур мекард?
2. Ӯ чӣ харид?
3. Хасис аз рӯзнома чӣ хонд?
4. Занбӯрҳо баъди аз хоби зимистона бедор шудан чӣ кор мекарданд?

5. Занбӯрҳо аз чӣ сабаб мемурданд?
6. Занбӯрҳои боқимонда ба куҷо парвоз карда рафтанд?
7. Дар шеър сухан дар бораи чӣ меравад?
8. Дар бораи Сахӣ ва Хасис чиҳо гуфта шудааст?

1. Мазмуни қисми ҳикояро нақл карда, ба он номи мувофиқ гузоред.
2. Калимаҳоро бо ҳарфҳои такрор навишта, тарзи ба сатри дигар гузарондани ҳиссаҳои онҳоро фаҳмонед.
3. Ибораҳои **ҳавлии васеъ, фаввораҳои мусаффо, хаёлҳои ширин, занбӯрҳои боқимондаро** навишта, ба аломати ашё савол гузоред.
4. Худатонро санҷед. Ин калимаҳоро бо тартиб гузошта асли ҷумларо барқарор намоед:

торафт, хасис, ба, ғалаба, ҳирс, мекард, ва, бахилӣ.

*Наврӯз иди миллии*
*тоҷикон аст. Наврӯз*
*дар аввали соли нав —*
*21-уми март ҷашн ги-*
*рифта мешавад. Нав-*
*рӯз иди баҳор, иди соли*
*нав, иди бобои деҳқон*
*мебошад. Наврӯзро то-*
*ҷикон ва дигар халқ-*
*ҳои ҳамсоя ҷашн меги-*
*ранд.*

## ДАРСҲОИ 101-102

Дар бораи сабзиши дарахтони назди ҳавлӣ (хонаатон) чӣ медонед?

### ОЛУ



Дар ҳавлии мо олуяке пеши дар аст,
Имрӯз баҳор омаду вай гулбасар аст.
Аз хандаи гулҳои тару тозаи ӯ
Бар ҳавлии мо шукӯҳу ранги дигар аст.
Наздаш шудаму бар гулакаш гуфтам ман:
«Умри ту басо кӯтаҳу андар гузар аст.
Бо умри ду-се рӯзаяку даргузарат
Баргӯй, чаро хандаи ту бешумар аст.»
Андар назарам дубора хандиду ба ман
Гуфто ки: "Намебинӣ, зи пуштам самар аст".

Ашӯр Сафар

**самар** – ҳосил
**дарахти гулбасар** – дарахти пур аз гул, сергул
**шукӯҳ** – бузург, калон

1. Дарахтон кай гул мекунанд?
2. Чаро гули онҳо мерезад?
3. Дар ҳавлии шумо кадом хели дарахтони мевадиҳанда ҳастанд?
4. Оё гули ҳамаи дарахтон якхелаанд?



1. Гӯед, ки дар кадом банди шеър шоир ба гул савол медиҳад ва дар кадом банди шеъраш ба саволаш ҷавоб мегирад.

2. Шеърро аз ёд кунед.



3. Ҷуфти ҳаммаъноро ёбед:

| | |
|---|---|
| тааҷҷуб | бисёр |
| инъом | доно |
| бешумор | ҳайрат |
| хирадманд | тӯҳфа |

4. Аз матн истифода карда бо калимаҳои **баҳор**, **гул**, **ҳавлӣ** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

5. Дар ҷумлаҳои шумо кадом калимаҳо ба саволҳои **Чӣ хел?**, **Чӣ гуна?** ҷавоб мешаванд?



1. **Ҷойи хушманзара** мегӯем? Боз чӣ мегӯем?

2. **Ҳавои форам** мегӯем? Боз чӣ мегӯем?

3. **Одами доно** мегӯем? Боз чӣ мегӯем?

Намуна: хушманзара – зебо, дилкаш.

Аз ҳарфҳои калимаи **хушманзара** калимаҳои нав созед.

Намуна: хушманзара: ман, ...



Шеърро бори дигар хонед. Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Дар ҳавлӣ чӣ буд?

2. Баҳор ба он чӣ таъсир расонд?

3. Чаро ҳавлӣ зебо шуд?

4. Шоир ба гул чӣ гуфт?

5. Олуяк хандида ба шоир чӣ гуфт? **Зи пуштам самар аст** чӣ маъно дорад?

8. Дар матн кадом калимаҳо ба саволҳои **Чӣ хел?**, **Чӣ гуна?** ҷавоб мешаванд?

9. Калимаҳои **гулбасар**, **дубораро** ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед, садонокҳоро ба ёд оваред. Дар нақша ғунҷонед.

Аломатҳои китобатро гузошта, матни зеринро беғалат рӯйнавис кунед. Нақшаи ҷумлаи сеюмро кашед.

Баҳор омад барфҳо об шуданд дар дашт гулҳо шукуфтанд занбӯри асал дар гирди гулҳо виз-визкунон мегашт рӯбоҳ харгӯшро мепойид хирсак дар таги буттаҳо чизе кофта мехӯрд.

Ба саволҳо ҷавоб нависед:

1. Чӣ омад?

2. Чиҳо об шуданд?

3. Рӯбоҳ чиро мепойид?

4. Хирсак чӣ кор мекард?



# 8. ҶУМЛА

## ДАРСҲОИ 1-2

### ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст.
Ба забони худ содиқ будан шарафи бузург аст.
Забони худро чун сарвати миллӣ бояд муҳофизат намоем.
Забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст.

Эмомалӣ Раҳмон

**дифоъ** – ҳимоя
**сарват** – бойигарӣ
**содиқ** – бовафо, вафодор



1. Шумо чанд ҷумла хондед?
2. Ҷумлаи якум кадом аст?
3. Ҷумлаи дуюм-чӣ?...
4. Дар ҳар ҷумла сухан дар бораи чӣ меравад? Шарҳ диҳед.
5. Аввали ҷумла бо чӣ гуна ҳарф сар шудааст? Дар охири ҷумла кадом аломат гузошта мешавад? Мо дар бораи ҷумла чӣ медонем?

1. Калимаҳоро ба ҳам алоқаманд намуда ҷумла созед:

- Забон, тоҷикӣ, забон, модарӣ, мост.
- Душанбе, пойтахт, давлат, тоҷикон, аст.
- Ман, забон, модариам, дӯст медорам.

2. Калима ва ҷумлаҳои зеринро муқоиса намоед:

| **Калимаҳо** | **Ҷумлаҳо** |
|---|---|
| Душанбе, давлат, пойтахт, тоҷикон, аст | Душанбе пойтахти давлати тоҷикон аст. |
| Бояд, донад, ҳар, худро, қас, забони | Ҳар кас бояд забони худро донад. |

Калимаҳои алоқаманд ҷумларо ташкил медиҳанд. Дар ҷумла фикр ба охир мерасад. Ҷумларо бо ин аломат ишора мекунанд:

|________________.

3. Байтҳоро хонед, мазмуни онҳоро шарҳ диҳед.

Сухангӯ бисёру сухандон кам.
Сухандон ба гетӣ бувад мӯҳтарам.

Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?
Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.

4. Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки дар онҳо сухан дар бораи киҳо меравад?

Дилшод дар синф иншо менависад.
Модар хӯрок овард.
Садбарг месарояд.
Садбарг бо оҳанги най ва тор месарояд.

5. Маънои калимаи **торро** шарҳ диҳед.

Най асбоби мусиқӣ аст.

Най боз чӣ бошад?

6. Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки онҳо аз чанд калима иборатанд:

Олим куртаро ба тор овехт. Соҳиб ба торҳои тор нохун зад.

## ОБ

Об барои мо азиз аст. Обро тоза бояд нигоҳ дорем. Обро ифлос кардан гуноҳ аст. Об сарчашмаи ҳаёт мебошад. Онро бояд сарфакорона истифода барем.

1. Дар ин матн чанд ҷумла ҳаст?
2. Дар он сухан дар бораи чӣ меравад?
3. **Сарфакорона истифода барем**ро чӣ тавр мефаҳмед?

Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ интихоб намоед.

Бачаҳо дар ҳавз ... мекунанд.

А. Об. Б. Оббозӣ. В. Бозӣ.

## ДАРСҲОИ 3-4

1. Калимаҳоро ба ҳам алоқаманд карда ҷумла созед ва нависед:
   - Офтоб, дурахшон, оламро, равшан, кард.
   - Бачагон, ба ,чиндан, гулҳо, баромаданд.
   - Ҳалима, ба муаллима, як, даста, гул, лола, тӯҳфа кард.

2. Калимаҳои ҷумлаи якумро шумоupdated. Имлои калимаҳои **муаллим**, **тӯҳфа**, **дурахшон**ро машқ кунед.

3. Калимаҳои парокандаро истифода карда ҷумла созед:

Суханҳои, муаллим, бомаънӣ, мураббӣ, ва, устод, аст. То, охир, суханро, гӯш, кун.

4. Тарзи дуруст навиштан ва талаффуз кардани калимаҳои **мураббӣ, гӯш, маънӣ**-ро машқ кунед.

5. Ҷумлаҳое фикр кунед, ки аз ду, се, чор калима иборат бошанд.

Намуна: Модар азиз аст.

6. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқро гузошта, нависед:

... духтаяри баодоб аст. Ӯ дар ... аълохон аст. Дугонаҳояш аз вай ... мегиранд. Шахси баодобро ҳама дӯст ... .

7. Ҳаммаънои калимаҳои **шахс**, **осоиш**, покро ёбед.

Намуна: осоиш – оромӣ.

8. Мақолҳоро хонда, ба маънои онҳо диққат диҳед.

Дониш чароғи ақл аст.

Худписандӣ далели нодонист,
Охири вай фақат пушаймонист.

Саъдии Шерозӣ

Шумо боз чӣ хел мақолҳоро медонед?
Ҳангоми сӯҳбат бо рафиқонатон аз мақол истифода баред.

9. Матнро хонед ва гӯед, ки ҷумлаҳо бо чӣ гуна ҳарф сар шудаанд? Дар охири ҷумлаҳо кадом аломат гузошта шудааст?

Падарам то синни чилсолагиаш паҳлавон будааст. Вай қадбаланд, қоматаш рост, ришаш сип-сиёҳ, пӯсти рӯяш сиёҳтоб, нигоҳаш тез буд. Дастони сахти пурқувват дошт. Пойҳои бисёр калонашро бошитоб, вазнин-вазнин монда роҳ мерафт.

Сотим Улуғзода

Ҷумла бо ҳарфи калон сар мешавад. Дар охири ҷумла нуқта ё аломати дигаре мегузорем (.!?)

1. Аз матн калимаҳои ҳамсадои такрордорро ёфта, дар тахтаи синф нависед.

2. Калимаҳои **падар**, **паҳлавон** ва **қадбаландро** ба ҳиссаҳо ҷудо карда, ба сатри дигар гузаронед.

3. Аз матн калимаҳоеро нависед, ки ба саволҳои **Кӣ?**, **Чӣ?**, **Чӣ кор мекард?**, **Чӣ хел?** ҷавоб мешаванд. Намуна:

Кӣ? – падарам; Чӣ? – пӯст;

Чӣ хел? – сиёҳ; Чӣ кор мекард? – мерафт.

## ДАРСҲОИ 5-6

1. Сӯҳбат дар бораи паррандаҳои ваҳшӣ.

2. Дар бораи пару бол, чангол ва минқори паррандаҳо ва вазифаи онҳо фикратонро баён кунед.

### ПОДШОҲ, УҚОБ ВА ПИРАЗАН
(афсона)

Буд, набуд, як подшоҳ буд. Подшоҳ як уқоб дошт. Вай уқобашро бисёр дӯст медошт, ҳар ҷо ки мерафт, онро низ бо худ мебурд.

Як пагоҳӣ уқоб парида, ба рӯйи ҳавлии пиразане нишаст. Пиразан уқобро ба даст гирифта, тамошо карду ба худ гуфт:

– Мурғаки аҷоиб будааст! Лекин минқораш каҷ шудааст, бо ин хел минқор дону об хӯрда наметавонад. Биё, як кори савоб кунам. Ҳамин мурғакро аз ранҷу азоб халос кунам.

Пиразан инро гуфту қайчӣ гирифт ва минқори уқобро қайчӣ кард. Баъд боз уқобро тамошо кард ва панҷаҳои ӯро дида, ба худ гуфт:

– Нохунҳояш ҳам дароз шудаанд. Ин айб аст. Бечора қайчӣ надоштааст. Бо ин хел нохуни дароз аз ҳамҷинсонаш шарм мекардагист.

Сонӣ қайчиро дубора ба даст гирифту нохунҳои уқобро кӯтоҳ кард ва гуфт:

– Акнун ҳам минқорат дуруст шуд, ҳам нохунҳоят.

Уқоб парида боз ба дарбор омад ва сари дасти подшоҳ нишаст. Подшоҳ уқоби худро базӯр шинохт. Шинохту дуд аз димоғаш баромад. Вай фаҳмид, ки мурғаки бадбахт ба дасти кадом одами нодон афтида, ба ин ҳол гирифтор шудааст. Подшоҳ гуфт:

– Ҳар кас бо ҷоҳилон ҳамнишин шавад, ба чунин рӯз гирифтор хоҳад шуд.

**ҷоҳил** – нодон
**минқор** – нӯл



1. Уқоб чӣ гуна парранда аст?

2. Ба чӣ сабаб пиразан минқор ва нохунҳои уқобро қайчӣ кард?

3. Подшоҳ ҳоли уқобро дида чӣ гуфт?

4. Шумо дар хонаатон паррандаи ромшуда доред? Бо он чӣ гуна муносибат мекунед?

5. Шумо бо чӣ хел одамон дӯстӣ ва ҳамнишинӣ доред?

Ҳарфҳоро тарзе ҷо ба ҷо гузоред, ки номи парранда пайдо шавад.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ш | А | Ф | У | Р | Т | У | О | Р | К |
| 5 | 2 | 1 | 7 | 3 | 6 | 9 | 4 | 8 | 10 |

1. Мазмуни ҳикояро баён кунед.

2. Ҷумлаҳои сархати сеюми матнро такроран хонед. Ин калимаҳоро нависед:

уқоб, подшоҳ, пиразан, минқор, савоб, ранҷ, азоб, панҷаҳо, нохун, ҳамҷинсон, ҷоҳил, ҳамнишин.

Ба ин саволҳо ҷавоб нависед:

1. Уқоб аз дарбор парида куҷо рафт?

2. Чаро пиразан **кори савоб мекунам** гуфта кори хато кард?

3. Паррандаҳои шикориро медонед? Номи онҳоро нависед.

1. Пандҳоро нависед, аз ёд кунед:

1. Сӯҳбати некон давлат аст.
2. Бо мардуми доною хушфеъл ҳамсӯҳбат бош.
3. Дӯстӣ бо мардуми доно накӯст.

2. Гуфтаҳои подшоҳро нависед. Ба ҷоҳилон ҳамнишин шудан чӣ оқибат доштааст?

3. Ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки дар онҳо сухан дар бораи чиҳо ё киҳо меравад.

1. Мактаби мо гӯшаи **Табиати зинда** дорад.
2. Мо ба паррандаҳо ғамхорӣ мекунем.

## ДАРСҲОИ 7-8

Сӯҳбат дар бораи гург – ҳайвони ваҳшӣ.

### ПИСАРБАЧАИ ЗИРАК
(афсона)

Буд, набуд, дар як деҳаи дурдасти кӯҳсор писарбачае буд. Ӯ модари ӯгай дошт. Онҳо дар бисоти худ як бузу як бузғола доштанд. Модари ӯгай ҳар пагоҳӣ, бо дамидани субҳ писарбачаро бо бузу бузғола ба саҳро мефиристонд.

Як пагоҳӣ мисли ҳарвақта писарак бузҳоро ба саҳро бурд. Рӯз нисф шуд. Дар ҳамин вақт аз куҷое як гурги бадҳайбате пайдо шуда, уллос кашид:

– Канӣ, гап зан, туро хӯрам ё бузро?

Писарак ларзида аз тарс чӣ гуфтанашро надонист. Ӯ лаҳзае фикр кард. Ба гург ҳамла кунад, зӯраш намерасад. Монад, ки гург бузи ягонаашро хӯрад? Не, не. Дар ҳамин вақт шиками писарак, ки аз пагоҳӣ чизе нахӯрда буд, қуррос зад. Гург аз ин садо як қад парида, гуфт:



– Ҳой, дар шиками ту чист, ки уллос мекашад?

Писарак гуфт:

– Дирӯз дар вақти ношто ду сагбачаро хӯрда будам, ана ҳоло онҳо фаҳмиданд, ки дар назди ман гург истодааст, мехоҳанд, ки берун баромада туро пора-пора кунанд.

Гург бо шунидани ин гапҳо ба воҳима афтод ва писаракро зорӣ кард:

– Ҳой писарак, то ман аз ин ҷо рафтан даҳонатро накушо, набошад сагбачаҳо маро мехӯранд.

Писарак даҳонашро бо дасташ пӯшид. Гург аз фурсат истифода бурда, то ҷон дошт, гурехт ва дар як лаҳза аз назар ғоиб шуд. Писарбача ба сабаби зиракӣ ва ҳозирҷавобиаш аз чанголи гурги гурусна раҳоӣ ёфт.

1. Писарбача дар куҷо зиндагӣ мекард?
2. Ӯ ҳар рӯз бузу бузғоларо ба куҷо мебурд?
3. Як пагоҳӣ чӣ воқеа рӯй дод?
4. Гург чӣ хоҳиш кард?
5. Чӣ тавр писарак аз чанголи гурги гурусна халос шуд?

Мазмуни афсонаро нақл кунед.

Расмро мушоҳида намуда, ба саволҳои зерин ҷавоб гардонед:

1. Гург чӣ кор мекунад?
2. Писарак чӣ кор мекунад?

Гург мегурезад. Писарак механдад.

Тартиб додани муколама аз рӯйи матн (писарак ва гург).

## ДАРСҲОИ 9-10

1. Сӯҳбат дар бораи китобчаҳои хониши берун аз синф.
2. Матнро хонед. Дар бораи забон чизҳоиеро, ки медонед, ба хотир биёред, шеърҳо хонед.

### ЗАБОН ДОНӢ – ҶАҲОН ДОНӢ

Марди саховатманде ба чор кас як дирам пул медиҳад. Ин чор мард аз чор шаҳри дунё буданд. Онҳо мехостанд, ки хӯрдание харанд.

Форс мегӯяд:

– Бо ин дирам ангур мехарем.

Араб мегӯяд:

– Не, инаб мехарем.

Турк мегӯяд:

– Ба ман узум харед.

Румӣ мегӯяд:

– Ман истофил мехоҳам.

Дар байнашон моҷаро сар шуд. Касе аз хоҳиши худ даст кашидан намехост.

Аз назди онҳо хирадманде мегузашт, ки чанд забон медонист. Забондон аз онҳо дирам хост ва барояшон ангур харид. Вақте ки онҳо ангурро диданд, ҳама розӣ ва хурсанд шуданд, зеро мақсади ҳама ангур хӯрдан буд.

Мазмун аз Ҷалолиддини Балхӣ

**узум** – ангур
**инаб** – ангур
**истофил** – ангур
**саховатманд** – шахси сахӣ, одами эҳсонкор

1. Чор нафар дар хусуси чӣ баҳс карданд?
2. Шахси забондон чӣ кор кард?
3. Калимаи ангурро бо забонҳои дигар чӣ мегуфтаанд?



1. Сархати аввали матнро нависед. Калимаҳои **саховатманд, хирадмандро** ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, ҳиссаи онҳоро ба сатри дигар гузаронед.

2. Аз рӯйи мазмуни матн саҳнача ташкил кунед. Иҷрокунандагон:

| | |
|---|---|
| 1. Марди саховатманд | 2. Марди форс |
| 3. Марди турк | 4. Марди румӣ |
| 5. Марди араб | 6. Марди забондон |

3. Аз ҳарфҳои калимаи **саховатманд** калимаҳои нав созед.

С А Х О В А Т М А Н Д

Намуна: саховатманд -- саховат, хона, соат, ...

4. Калимаҳои муқобилмаъноӣ **тавоно** ва **саховатмандро** нависед:

тавоно – саховатманд –

Мо имрӯз дар мактаб
танҳо дарс мехонем. Дар-
си дуюм забони тоҷикӣ
аст. Дар дарс мо мехонем,
менависем, савол медиҳем,
сӯҳбат мекунем. Баъдан
шеър азёд мекунем, ками-
мақол навро меомӯзем.

## ДАРСҲОИ 1...

1. Сӯҳбат дар бораи Исмоили Сомонӣ.
2. Дар бораи муаллими худатон андешаатонро баен кунед.

### ҲИКОЯ

Мегӯянд, ки амир Наср Аҳмади Сомонӣ муаллиме дошт. Муаллим ӯро таълим медод ва гоҳо чӯб мезад. Наср ба худ мегуфт, ки ҳар гоҳ ба султонӣ расам, ҷазояшро медиҳам. Вақте Наср султон шуд, муаллим ба ёдаш расид. Субҳ шуд. Ходимеро бифармуд, ки аз боғ даҳ чӯби тар биёрад ва дигареро гуфт: «Муаллимро ҳозир кун».

Ходим рафт то муаллимро биёрад.

Муаллим аз ходим пурсид:

– Султон чӣ мекард, ки маро ед кард?

Гуфт:

– Ғуломеро фармуд, ки биравад аз боғ даҳ чӯб биёварад. Муаллим фаҳмид, ки султон ӯро ҷазо доданӣ аст. А... дӯкони сари роҳ мева харид ва дар остин кард.

Чун пеши Наср омад, амир чӯбе баргирифт ва гуфт:

– Дар ин чӣ мегӯйӣ?

Гуфт:

– Саҳл аст, – даст бар остин кард ва он мева берун овард ва афзуд. – Ин мева ба ин латифӣ ва ширинӣ зодаи ин чӯб аст.

Султон ин ҷавобро хеле писандид ва ба муаллим то зинда будан маош таъйин кард.

Мазмун аз Муҳаммад Авфӣ



**ҷазо додан** – азоб додан
**саҳл** – осон, кам, андак
**чӯби тар** – химча, навдаи тар
**афзуд** – илова кард

1. Чаро Наср хост, ки муаллимашро ҷазо диҳад?
2. Наср Аҳмади Сомонӣ ба ходим чӣ фармон дод?
3. Чаро муаллим аз дӯкон мева харид?
4. Чаро Аҳмади Сомонӣ аз ҷазои устоди худ даст кашид?

1. Мазмуни матнро баён кунед.
2. Ҷумлаи дуюмро бори дигар хонед ва гӯед, ки он аз чанд калима иборат аст. Тартиби калимаҳоро гӯед.

3. Вобаста ба мазмуни матн саҳнача ташкил кунед. Иштирокчиён:

1. Шоҳ Наср 2. Хизматгори амир 3. Устоди шоҳ

То он ки тифл хонаду соҳибҳунар шавад,
Устоди меҳрубони ӯ хуни ҷигар шавад.

Ибни Ямин

4. Ҷумлаҳоро беғалат нависед:

Чун пеши Наср омад, амир чӯбе баргирифт ва гуфт:

– Дар ин чӣ мегӯйӣ?

Гуфт:

– Саҳл аст. – даст бар остин кард ва он мева берун овард ва афзуд. – Ин мева ба ин латифӣ ва ширинӣ зодаи ин чӯб аст.

5. Калимаҳоро нависед:

таълим, муаллим, ҷазо, бӯстон, бо, чӯб, химча, обӣ, тар.

6. Ҷойи ҳарфи аввали калимаи **бӯстон** ҳарфи д гузошта, ҳар ду калимаро нависед.

## ДАРСҲОИ 13-14

Сӯҳбат дар бораи дӯстию рафоқат.

### ДАРАХТ ВА САНГ

Дар канори наҳр санги азиму вазнин пеши роҳи обро гирифта, намегузошт, ки тарафи полези деҳқон ҳамла оварад, онро шуста барад. Инро деҳқон медид ва аз санг миннатдор буд. Вале наҳр ҳамлаи худро пайгирона ва хусусан дар баҳорон бо шиддат давом медод, ғалаён мекард, сел меовард, фарёд мезад.

Санг устувор буд. Ҳаёти деҳқонро аз ҳуҷумҳои харобиовари наҳр эмин медошт. Деҳқон мефаҳмид, ки об метавонад ҳам обод кунад, ҳам хароб. Вай андешид ва ба кӯмаки санг

дар паҳлуи он дарахте шинонд. Санг андаке ранҷид, ки деҳқон ба тавоноӣ ва истодагарии ӯ бовар накард. Вай бахилӣ мекард. Пеши роҳи нумӯи решаҳои дарахтро мегирифт. Аз азияти решаҳо меболид ва худ ба худ мегуфт:

– Намегузорам, ки қувват гирад, имрӯз-пагоҳ хазон хоҳад шуд.

Вале дарахт маъюс намешуд, торафт реша медавонд, аз оби наҳр ба шарофати реша тана баҳравар мешуд ва бақувваттар мегардид. Акнун деҳқон дар рӯзҳои таф-сон таги сояи дарахт, болои санг нишаста, истироҳат ме-кард, бардам шуда, заҳматашро дар полиз давом медод Санг аз деҳқон малол мешуд, ба ғазаб меомад, ки болои ӯ мешинад, ӯро поймол мекунад.



**наҳр** – ҷӯйи калон
**ғалаён** – ҷӯшу хурӯш, туғён
**эмин** – бехавф, осуда
**пайгирона** – доимӣ, бардавом
**нумӯъ** – сабзиш, сабзидан
**маъюс** – хафа, ғамгин

1. Санги азим дар кучо чойгир буд?

2. Вай роҳи чиро мегирифт?

3. Деҳқон аз чӣ сабаб миннатдор буд?

4. Наҳр чӣ кор мекард?

5. Деҳқон чиро медонист ва дар бари санг чиро шинонд?

6. Чаро санг аз ин кор ранҷид?

7. Оё дарахт аз рафтори санг меранҷид ё не?

8. Барои чӣ санг аз деҳқон хафа шуд?

1. Мазмуни матнро баён намоед.

2. Пандро нависед ва аз ёд кунед:

Машав худбин, ки он бошад ҳалокат
В-аз он тира бимонад ҷони покат.

Носири Хусрав

3. Бо ибораҳои **санги азим, ҳуҷумҳои харобиовар, рӯзҳои тафсон** ҷумла тартиб диҳед.

4. Ин калимаҳоро нависед: **вазнин, шиддат, фашшос, бақувватетар.**

5. Ҳаммаъноҳои калимаҳои **азим, хароб, тавоноро** ёбед. Намуна:

азим – калон – бузург.

6. Муқобилмаъноии ин калимаҳоро ёбед:

калон – маъюс –
устувор – бахил –

7. Аз тиреза ба берун нигаред ва мушоҳидаҳоятонро дар бораи дарахтон бо 2-3 ҷумла нависед.

Дар катакҳои холӣ ҳарфҳои садонок гузошта калима созед.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ғ | | Л | | | Н |
| Д | | Ҳ | Қ | | Н |
| П | | Й | М | | Л |
| Д | | Р | | Х | Т |
| Р | | Н | Ч | | Д |

ИМЛО

## ДАРСИ 15-16

Сӯҳбат дар бораи дарахтон ва навъи онҳо.

(давоми ҳикоя)

Соҳили наҳри аз санги калон устувор ба шарофати решаҳои бақуввати дарахт боз ҳам устувортар шуда буд. Дигар дамидани об, омадани сел дар баҳорон ба полези деҳқон хавфе надошт.

Дарахт аз ғазаби санг, аз бахилӣ ва норозигии он ҳайрон мешуд, ӯро сулҳхоҳона тасалло медод:

– Эй санги тавоно, мову ту бо амри тақдир дар як пора замин марзпайванд ҳастем. Хафа нашав, мову ту ҳамроҳ ба деҳқон хизмат мекунем, савоб мегирем, садди маҷрои оби дамон ва сел мешавем. Маро бе ту об кайҳо шуста мебурд. Решаҳои ман ҳам ба ту кӯмак мекунанд, навдаю баргҳоям дар тобистон ба ту сояафканӣ мекунанд, роҳат мебахшанд. Аз дасти ман ҳамин қадар кор меояд. Маро бубахш...

Санг аз ин гуфтаҳо бештар ба ғазаб меомад. Фарёд мезад: «Ҳоло ист, ман аз ҷоям ҷунбам, решаҳои туро ковок

кунам. Ҳамин ки сел ояд, туро ба об тела диҳам...». Вай ҳайҳот. Дарахт сулҳ мехост, санг ҷанг мехост.

Зимистон хунук омад, сармои қаҳратун шуд. Рӯзе деҳқон ночор назди дарахт омад, сархам буд. Дили бедилон дарахтро бурид, ҳезум карда ба хонааш бурд.

Санг ин даҳшатро ғалабаи худ пиндошт. То баҳор аз ин амри тақдир хушҳол буд, тантана мекард...

Пас аз зимистони сербарфу қаҳратун баҳор омад,... наҳр дамид,... сел омад... ва сангу решаи бемадоршудаи дарахтро, замини полезро шуста бурд.

Файзулло Шарифзода

**даҳшат** – ваҳм, воҳима
**маҷро** – ҷараёни оби наҳрҳо
**қаҳратун** – хунукии сахт
**садд** – банд, девор, монеа
**дамон** – хурӯшон, пуртуғён

1. Соҳили наҳр ба шарофати чиҳо устувор шуд?
2. Дарахт ба санг чӣ гуфт?
3. Санг чӣ ҷавоб дод?
4. Деҳқон чӣ кор кард?
5. Санг барои чӣ хурсанд шуд?
6. Дар фасли баҳор чӣ ҳодиса рӯй дод?
7. Рафтори санг дуруст буд ё дарахт? Чаро?

1. Аз матн ибораҳоро ёфта нависед:
**санги тавоно, решаҳои бақувват, сармои қаҳратун, зимистони сербарф.**
2. Бо ибораи **зимистони хунук** ҷумла тартиб диҳед.
3. Аз матн калимаҳоеро, ки аломати ашёро ифода мекунанд, ёфта, нависед.

Намуна: тавоно, бақуввват,..

4. Аз ҳарфҳои калимаи дарахт калимаҳои нав созед.

дарахт – дар, рах, тахт.

5. Калимаҳои **сулҳ, ҷанг** ва **дӯст**ро аз боло ба поён навишта, калимаҳои нав созед.

| | | |
|---|---|---|
| Сел, ... | Ҷ... | Д... |
| У... | А... | Ӯ... |
| Л... | Н... | С... |
| Ҳ... | Г... | Т... |

## ДАРСҲОИ 17-18

1. Дар бораи китобҳои хондаатон нақл кунед.
2. Тарзи хондани китобро аз муаллим ва падару модаратон пурсед.

### САРВАТИ БЕБАҲО

Қадру қимати китоб ҳамеша баланд аст. Китоб хазинаи дониш аст. Бачаҳо бояд бештар китоб бихонанд. Мақсад аз хондани китоб омӯхтан аст. Одаме, ки бисёр мехонад, бисёр медонад.

**сарват** – бойигарӣ; **ҳикмат** – доноӣ, хирад, дониш

1. Чаро бузургон сарвати бебаҳо будани китобро таъкид кардаанд?
2. Дар зиндагӣ шуморо ба мақсади олӣ чӣ мерасонад?
3. "**Касе, ки бисёр мехонад, бисёр медонад**" чӣ маъно дорад?

Дуруст навиштани калимаҳоро машқ кунед:

омӯзиш, бозӣ, олӣ, бурро, баъд, аввал.

1. Бо калимаи **сарчашма** ҷумла созед ва нақшаи онро кашед.
2. Ҷумлаҳои зеринро хонед ва гӯед, ки дар онҳо сухан дар бораи чӣ меравад?

Ман ва дӯстам китобхониро дӯст медорем. Китоб моро бо роҳи дуруст мебарад.

## ДАРСҲОИ 19-20

Суҳбат дар бораи машғулияти бачаҳо.

### ОФТОБ

Рӯзи офтоб буд. Осмон софу беғубор. Дар шоххои дарахтони лаби ҷӯй паррандагон нағмасароӣ карда, ҳар яке ба таври худ аз рӯзи неки офтоб, аз осмони соф, аз ризқу рӯзии фаровонашон гӯё изҳори қаноатмандӣ мекарданд.

Як гурӯҳ кӯдакон дар назди ҷӯйча ҷастухеззанон бозӣ мекарданд. Гурӯҳе аз рег лонаи фароштурук месохтанд. Гурӯҳи дигар бозии рустшавакон мекарданд.

Офтоб ҳам аз шодию бозии кӯдакон ба шавқ омада, ҳамроҳи онҳо рустшавакон мекард: гоҳ-гоҳ зери абре пинҳон мешуд. Кӯдакон ӯро ҷустуҷӯ карда меёфтанд. Боз онҳо механдиданд, боз офтоб механдид. Ин бозӣ ба кӯдакон хеле маъқул буд.



1. Чӣ гуна рӯз буд?
2. Паррандагон чӣ кор мекарданд?
3. Бачаҳо бо чӣ кор машғул буданд?
4. Офтоб чӣ кор мекард?

1. Кадом сатрҳои матн ба шумо маъқул шуда бошад, бори дигар хонед.
2. Ҳаммаъноии калимаҳоро ёбед:

   офтоб, фаровон, лона, фароштурук.

   Намуна: Офтоб – хуршед.
3. Калимаҳои **паррандагон**, **фаровон**, **ҷӯйча**, **фароштурук**, **рустшавакон**, **маъқул**, **меёфтанд**ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед. Ҳиссаи калимаи **маъқул**ро ба сатри дигар гузаронед.

   Намуна: пар - ран - да - гон.
4. Номи якчанд паррандаро нависед ва бо ҳар яки он ҷумла тартиб диҳед.

5. Ҷумлаҳоро навишта, гӯед, ки сухан дар бораи киҳо меравад?

Муаллим омад. Ман китоб хондам. Талабагон ба китобхона рафтанд.

Ба ҷойи саволҳо калимаҳои мувофиқро ёфта, ҷумлаҳо тартиб диҳед:

1. Киҳо? Аз куҷо? Чӣ кор карданд?
2. Кӣ? Дар куҷо? Чӣ кор кард?
3. Чӣ? Чӣ кор мекунад?
4. Чиҳо? Аз куҷо? Чӣ хел? Чӣ кор карданд?

Намуна: Сулҳ ғалаба мекунад….



Расми офтоброро кашед. Дар шуоҳои он калимаҳоеро нависед, ки аз ҳарфҳои аввали он калимаҳои **Модар – Ватан** пайдо шавад. Ин тавр сар кунед: меҳнат, офтоб, дарахт, … .

Фасли баҳор омад. Рӯйи
заминро бахмали сабз фа-
ро гирифт. Паррандагон
дар ҳавои кушод нағма-
сароӣ мекунанд. Гулҳои
навбаромада ба табиат
зебоии дигареро зам ме-
кунанд. Дар ин фасл мо
иди Наврӯзро ҷашн ме-
гирем. Ман фасли ба-
ҳорро бисёр дӯст медорам.

## ДАРСҲОИ 21-22

Сӯҳбат дар мавзӯи фиребгарӣ ва дурӯғгӯйӣ.

### ҲИКОЯТИ ЧӮПОН

Марде буд давлатманд. Ӯ чорвои бисёр дошт. Чӯпони ҳалолкор ва хушахлоқ ба ӯ хизмат мекард. Ҳар рӯз шири гӯсфандонро медӯшид ва бекамукост назди хоҷа мебурд. Соҳиби мол ба он шир об ҳамроҳ мекард ва ба чӯпон медод, ки бифурӯшад. Чӯпон ҳар рӯз он мардро насиҳат мекард ва мегуфт:

– Эй хоҷа, ба мардум хиёнат макун, ҳар ки хиёнат кунад, ба ҷазо гирифтор гардад.

Давлатманд ба сухани чӯпон аҳамият намедод ва кори худро давом медод. Фасли баҳор буд. Шабе чӯпон гӯсфандонро дар даруни дара хобонда, худ барои нигаҳбонӣ болои теппае хуфт. Иттифоқан дар кӯҳ борони сахт борид ва сели бузурге ҷорӣ шуд ва аз роҳи дара биёмаду ҳамаи гӯсфандонро ба якборагӣ бибурд.

Рӯзи дигар чӯпон ба шаҳр омад. Соҳиби мол аз ӯ пурсид:

– Чаро шир наовардӣ?

– Чӯпон гуфт:

– Шир чӣ тавр биёрам, ки гӯсфандон намондаанд.

Гуфт:

– Гӯсфандонро чӣ шудааст?

Чӯпон гуфт:

– Он обҳо, ки ҳамроҳи шир ба мардумон фурӯхтӣ, ҳама якҷо шуданд ва гӯсфандонро бибурданд.

Аз «Қобуснома»

**азим** – хеле калон; **хиёнат** – макру фиреб



1. Рамаи гўсфандон аз они кӣ буд?
2. Чўпони ҳалолкор давлатмандро чӣ насиҳат мекард?
3. Оқибати кори бад ба чӣ анҷомид?
4. Ба хиёнати давлатманд чӣ баҳо медиҳед?
5. **Ба мардум хиёнат макун, ҳар ки хиёнат кунад, ба ҷазо гирифтор гардад** чӣ маъно дорад?

1. Ба талаффуз ва имлои калимаҳо эътибор диҳед:

   медўшид, хиёнат, чўпон, фурўхт, гўсфанд.

2. Суханҳои **чўпон** ва **сарватманд**ро нависед, ба аломатҳои китобат диққат диҳед.
3. Бо калимаҳои **кўҳ**, **чўпон**, **сухан** ҷумлаҳо нависед. Дар онҳо сухан дар бораи кӣ (чӣ) меравад?

   Намуна: Дар кўҳ борони сахт борид.

4. Матнро бори дигар хонед. Аз матн ҷумлаи сеюмро навишта, калимаҳоеро, ки ба саволҳои **Чӣ хел?** ҷавоб мешаванд, ёфта, савол гузоред. Гўед, ки ин ҷумла аз чанд калима иборат аст?
5. Шарҳи калимаҳоро дар ёд доред.
6. Хислатҳои хоҷа ва чўпонро нависед.

| хоҷа | чўпон |
|---|---|
| ноинсоф, хиёнаткор... | ҳалолкор, боинсоф... |

2

Шахси доноро **хирадманд** мегӯянд. Шумо ба ҷойи хирадманд метавонед **оқил, доно, донишманд** гӯед.

Ё ки ба ҷойи **фахр мекунам, меболам** ва ғайра истифода баред.

## ДАРСҲОИ 23-24

Сӯҳбат дар бораи ҳайвонҳои хонагӣ. Муқоисаи гурбаи ҳарис ва молдори хасис.

### ГУРБАИ ҲАРИС



Нақл мекунанд, ки шахсе гурбае дошт. Ҳар рӯз ба қадри зарурӣ ба вай гӯшт медод. Аммо гӯрба хеле ҳарис ва гурусначашм буд ва ба ин миқдор қаноат намекард. Рӯзе аз назди кабӯтархонаи ҳамсоя гузашт. Кабӯтароне дид зебо, фарбеҳ ва дилкаш. Гурбаи ҳарис худро ба кабӯтархона зад ва хост, ки яке аз онҳоро нӯши ҷон кунад. Посбони кабӯтарҳо, ки хеле бачаи зирак буд, гурбаро дастгир карда, ҷазо дод.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ

1. Чаро гурба ба қадри зарурии гӯшт қаноат намекард?

2. Рӯзе гурба аз куҷо гузашт?

3. Вай чӣ кор кард?

4. Посбон гурбаро чӣ кор кард?

1. Мазмуни ҳикояро нақл кунед.
2. Боз кадом ном мондан мумкин аст.
3. Ду ҷумлаи аввалро нависед. Гӯед, ки ҷумлаи дуюм аз чанд калима иборат аст.
4. Нақшаи ҷумлаи якумро кашед:
5. Дар бораи гурба матн тартиб диҳед. Матнро ин тавр сар кунед:

   Гурба ҳайвони хонагӣ аст. Вай ....

6. **Машқи мантиқӣ:** Гурба ҳайвони хонагӣ аст. Рӯбоҳ-чӣ?
7. Гурба ва рӯбоҳ ба кадом гурӯҳи ҷонварон дохил мешаванд? Шер-чӣ?

## ДАРСҲОИ 25-26

Сӯҳбат дар бораи ҳурмати падару модар ва ба хотир овардани сифатҳои онҳо.

### ХИРАДИ ФАРЗАНД

Бидон, эй писар, ки хиради фарзанд дар ҳурмат ва нигаҳбонии асли худ, яъне падару модар аст, зеро онҳо аз баҳри ту худро ба куштан диҳанд. Он фарзанд, ки хирад раҳнамои ӯ бувад, аз меҳри падару модар холӣ нест.

Зинҳор, эй писар, падару модарро хор мадор. Падару модар бунёдгузори некӣ ва нафси туанд. Агар дар ҳақи онҳо гунаҳгор бошӣ, сазои ҳеҷ некӣ нестӣ...

Бо падару модари худ накӯ бош, то рӯзе фарзандонат низ бо ту накӯ бошанд, зеро ба масал фарзанд ҳамчун мева аст ва падар ҳамчун дарахт. Ҳарчанд дарахтро нигоҳубин беш кунӣ, мева аз ӯ накӯтару беҳтар ёбӣ. Ва чун падару модарро ҳурмату шафқат кунӣ, дуову офарини эшон дар ту асари бештар кунад ва бештар қабул шавад ва бо хушнудии онҳо наздиктар бошӣ.

Мазмун аз Унсурулмаолии Кайковус

**шафқат** – раҳм

**бунёд** – поя, асос

**хирад** – ақл

**нафс** – табиати инсон; шахсият

1. Хиради фарзанд дар чӣ будааст?
2. Падару модар бунёдгузори кӣ будаанд?
3. Гуфтаанд, ки падару модар – дарахт, фарзанд – мева. Ин маъноро чӣ хел мефаҳмед?
4. Хушнудии падару модар бештар ба чӣ вобаста аст?
5. Оилаи шумо аз kиҳо иборат аст? Муносибати онҳо бо ҳамдигар чӣ хел аст?

**Фарзанд мева аст, падару модар дарахт.**

Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,
Дар зери қудуми модарон аст.

1. Калимаҳои панди дуюмро шумореd. Калимаҳоеро, ки ба саволҳои **Кӣ?**, **Чӣ?** ҷавоб мешаванд, ёфта, нависед.
2. Ибораҳоро хонед, савол гузоред ва нависед:

падари меҳрубон, модари ғамхор, фарзанди баодоб, дуои падар.

Намуна: Кӣ? – фарзанд; Чӣ гуна? – баодоб.

3. Калимаҳоро нависед: **некӣ**, **бадӣ**, **накӯ**, **қувва**.
4. Пандҳоро аз ёд кунед.

Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед:

1. Фарзанди баодобро чаро ҳама дӯст медоранд?
2. Ба бачае, ки нисбат ба падару модар беҳурматӣ мекунад, чӣ хел баҳо медиҳанд?
3. Ба падару модар накӯкор буданро чӣ тавр мефаҳмед?

## ДАРСҲОИ 27-28

1. Эҳтироми худро нисбат ба падару модар баён кунед.
2. Хатоҳои худро ба ёд оред.

### ҲИКОЯТ

Як марди машҳур буд. Рӯзе ӯ нияти зиёрати Маккаи Мукарама намуд. Аз модараш иҷозат хост. Модар розӣ нашуд. Ӯ илтифоте накарда, роҳи Ҳаҷ пеш гирифт. Ба шаҳре расид. Дар масҷиде машғули намозхонӣ буд. Он шаб дузде ба хонаи шахсе даромад. Соҳибхона дуздро пеш кард. Дузд ба тарафи масҷид омаду ғоиб гардид. Мардум ҷамъ шуда, чароғ равшан карда, ба даруни масҷид даромада, диданд, ки шахсе намоз мехонад. Ӯро дузд хаёл карда назди подшоҳи он шаҳр бурданд. Подшоҳ ба мард ҷазои сахт фармуд. Мардум, ки ӯро мешинохтанд, воқеаро ба подшоҳ изҳор карданд. Подшоҳ амри худро бекор карда, узр хост. Мард гуфт: «Шумо ҳеҷ гуноҳе надоред. Дуои бади модарам буд, ки бе ризои ӯ ба сафар баромадам ва ба ин бало гирифтор шудам.»

**илтифот** – назари нек

1. Мард чӣ орзу кард?

2. Ӯ аз кӣ рухсат пурсид?

3. Модар ба вай чӣ гуфт?

4. Мард дар сафар ба чӣ бадбахтӣ гирифтор шуд?

5. Чаро подшоҳ аз ӯ узр пурсид?

6. Мард ба подшоҳ чӣ гуфт? Ҷавобро нависед.

7. Агар ба ҷойи он мард шумо мешудед, чӣ кор мекардед?

1. Аз ин ибораҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед:

шаҳри зебо, модари меҳрубон, ҷавони қобил, чароғи равшан.

2. Нақшаи яке аз ҷумлаҳоятонро кашед.

1. Дасти одам аз ӯҳдаи ҳама кор мебарояд.

2. Онро бо корҳои нек одат кунонидан лозим аст.

3. Саволу ҷавобро хонед.

Гуфтанд:

– Чӣ чиз аст, ки ҳамаи шодию осудагӣ аз ӯст?

Гуфт:

– Панди падару модар.

Гуфтанд:

– Аз фармонҳо кадом фармонро хор набояд дошт?

Гуфт:

– Фармони падару модарро.

4. Дар охири кадом ҷумлаҳо аломати савол (?) гузошта шудааст? Он ҷумлаҳоро хонед.

5. Вақти хондан ба оҳанги ҷумлаҳои саволӣ риоя кунед:

Кӣ омад? Чӣ гуфт? Чӣ ҷавоб дод?

## ДАРСҲОИ 29-30

# СУЛҲИ ПОЙДОР

Боғҳои водиҳои зарнисор,
Корвонҳо қатор андар қатор,
Чеҳраи сурхи зану марди диёр –
Ин ҳама бошад зи сулҳи пойдор.

Сулҳро, пас, мо нигаҳбонӣ кунем,
Зиндагиро боз арзонӣ кунем,
Хонишу кору ғазалхонӣ кунем-
Ин ҳама бошад зи сулҳи пойдор.

Бобо Ҳоҷӣ

**чеҳра** – рӯй, рухсора; **водӣ** – ҳамвории миёни ду силсилакӯҳҳо
**пойдор** – устувор, мустаҳкам; **зарнисор** – тилоранг

1. Дар шеър сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Барои чӣ аввали ҳар мисраъ бо ҳарфи калон навишта шудааст?

1. Шеърро ифоданок хонед. Дар он сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Сурудро навишта, аз ёд кунед.

**Аввали сатрҳои шеър ба ҳарфи калон навишта мешаванд.**

3. Калимаҳои **корвонҳо**, **зиндагиро**, **ғазалхон**ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
4. Калимаҳои ҳамоҳанги шеърро ёбед ва ба дафтаратон нависед: **зарнисор**, **диёр**...
5. Шеърро аввал хомӯшона, баъд бо оҳанги тантана хонед. Гӯед, ки **сулҳи пойдор** ба мо чӣ медиҳад?

1. Дар бораи **Рӯзи Ваҳдати миллӣ** дар Тоҷикистон чиҳо медонед?
2. Ҷанг ба одамон бадбахтӣ меорад, сулҳ-чӣ?

Дар ду сутун кори одамонро нависед. Намуна:

| Сулҳ | Ҷанг |
|---|---|
| Хонаҳо месозанд. | Хонаҳоро оташ мезананд. |
| Ҷашнҳо мегиранд. | Мотам мекунанд. |

Халқи тоҷик сулҳҷӯст
аст. Ба шарофати ин
хислати неки худ халқи
мо забони худ, номи мил-
лати худро аз замонҳои
қадим то имрӯз нигоҳ
доштааст. Ба шарофати
сулҳҷӯӣ мо имрӯз Ва-
танамонро обод мекунем.

## ДАРСҲОИ 31-32

Дар бораи касбу ҳунари падару модаратон сухан кунед.

### ҲИКОЯТ

Ҳакиме писарро насиҳат мекард, ки: «Ҷони падар, ҳунар омӯз, ки мулку давлати дунё абадӣ нест ва тиллою танга дар сафар хатар аст: ё дузд ба якбор бибарад ё хоҷа тақсим карда бихӯрад. Аммо ҳунар давлати поянда аст ва агар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар худ давлат аст: ҳар ҷо ки равад, қадр бинаду садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад».

Мазмун аз Саъдии Шерозӣ

**ҳаким** – донишманд

**поянда** – пойдор, бардавом

**садр** – боло, пешгоҳ

1. Ҳаким ба писар чӣ насиҳат мекард?

2. Ҳунар беҳтар аст ё ки давлати дунё?

3. Чаро ҳунарманд садрнишин аст, беҳунар луқмачин?

1. Мазмуни пандро баён кунед.

2. Бо ҳарфҳои калимаи **ҳунарманд** калимаҳои нав созед.

Намуна: умр, мардум, ...

3. Ин калимаҳоро шарҳ диҳед ва имлои онҳоро муқоиса кунед, савол гузоред:

ҳаким – Ҳаким, давлат – Давлат, сафар – Сафар

4. Ҷумларо нависед, ибораҳои **ганҷи бебаҳо**, **манбаи илму дониш**ро шарҳ диҳед:

Китоб ганҷи бебаҳо ва манбаи илму дониш аст.

5. Ҷумларо хонед. Гӯед, ки ғайр аз китобҳои дарсӣ боз чӣ навъ китобҳо доред?

6. Хонед ва шарҳ диҳед:

Ҳунарманд, ҳар куҷо ки равад, қадр бинаду садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад.

7. Бо калимаҳои **сухан**, **ҳунар**, **беҳунар**, **илм** ҷумла созед.

Намуна: Сухани нек одамро рӯҳ мебахшад.

Чӣ? – сухан; Чӣ хел? – нек;

Киро? – одамро; Чӣ кор мекунад? – рӯҳ мебахшад.

8. Пандро аз ёд кунед:

Сухан бисёр дону андаке гӯй,
Якеро сад магӯ, садро яке гӯй.

Саволҳоро дуруст хонед, баъд нависед:

1. Ҳунар чӣ натиҷа медиҳад?

2. Некбахт кист?

3. Нектарин корҳо кадомҳоянд? Намуна:

нектарин корҳо: **далерӣ, мардӣ, некӣ, ростӣ, саховатмандӣ, меҳрубонӣ, хондан, ҳунаромӯзӣ, ...**

## ДАРСИ 33-34

### КОРИ МУҚАДДАС

Мардуми мо умре ба деҳқонӣ, боғу токпарварӣ, чорводорӣ – хулоса, ободии кишвари азизамон машғул буданд. Замонҳое дар ин сарзамин барои буттаҳою алафҳои бегона ҷой набудааст. Заминро аз онҳо тоза карда, ғалла ва дигар зироат коштанд.

Ободонии кишвар қабл аз ҳама ба воситаи меҳнати ҳалол ба даст меояд ва аз маҳсули он ҳама баҳравар мешаванд.

Он касе, ки ғалла мекорад, кори савоб мекунад. Ҳосили замин, хусусан ғалладона одамонро аз гуруснагӣ наҷот медиҳад. Бинобар ин халқи меҳнатдӯсти мо ҳамеша ризқу рӯзии хонадони худро аз замин меҷӯяд ва меёбад.

1. Матнро хонед. Фикратонро дар бораи замин ва деҳқон баён кунед.
2. Ба имлои ин калимаҳо диққат диҳед: **ғалла, миннат, муқаддас, токпарварӣ, наҷот, фаровон**. Ҳиссаи онҳоро ба сатри дигар гузаронед.



3. Ҳаммаънои калимаҳои **муқаддас, маҳв, ғусса, наҷотро** ёбед.

Намуна:

Маҳв – нобудшавӣ.

4. Дар ин панд сухан дар бораи чӣ меравад? Барои чӣ аввали сатрҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд?

Гардан манеҳ, ар хасм бувад Рустами Зол,
Миннат макаш, ар дӯст бувад Ҳотами Той.

Умари Хайём

5. Миннат чист ва саховат чист? Пандро аз ёд кунед.

6. Калимаю ифодаҳои **гардан манеҳ, хасм, Рустами Зол, миннат, Ҳотами Той**ро бо ёрии муаллим шарҳ диҳед.

Намуна: хасм - душман.

7. Мазмуни матнро аз рӯйи нақша бо ҷумлаҳои худ нависед.

- Ғалларо кӣ мекорад?
- Ғаллакор чӣ гуна одам аст?
- Ободии кишвар ба воситаи чӣ ба даст меояд?

8. Дар хонаӣ дар бораи касбу кори падару модаратон ҷумлаҳо нависед.

ИМЛО

## ДАРСҲОИ 35-36

Маънои **рамз**ро ба хотир биёред.

### РАМЗИ СУЛҲ

Борон қатъ гардид. Шамоли форам вазида, ба димоғ бӯйи гулу сабзаҳоро овард. Навдаҳои дарахтони себу шафтолу, ноку зардолу алвонҷ хӯрда, хишир-хишир садои дилнавоз мебароварданд. Оби ҷӯйча аз ҳарвақта тезтар ҷорӣ мешуд. Ман ин манзарaро тамошо мекардам ки, тирезаро бод пӯшонду аз гӯшаи ҳавз чизе парида ба шохи дарахти нок нишаст. Ин кабӯтар буд. Аз паси ӯ кабӯтари дигаре парида омаду дар паҳлуяш нишаст. Онҳо бозикунон аз як шоха ба шохаи дигар мепариданд. Манзара боз ҳам зебову дилработар гардид.

Тирезаро кушодам. Ин дафъа кабӯтарон ба сӯйи осмони софу беғубор парвоз карданд. Бигузор, онҳо баландтар парвоз кунанд! Бигузор, аз парвози онҳо осмон ҳусн гирад!



1. Чӣ қатъ гардид?
2. Шамол чӣ кор мекард?
3. Чиҳо садои дилнавоз мебароварданд?
4. Чӣ парид?
5. Чӣ кушода шуд?
6. Кабӯтарон ба куҷо парвоз карданд?
7. Барои чӣ мо кабӯтарро рамзи сулҳ мегӯем?
8. Дар ин матн кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?

1. Калимаҳоро нависед ва ба имлои онҳо эътибор диҳед:

қатъ, алвонҷ, ҷӯйча, хӯшрӯй, дафъа, паҳлу.

Ҳиссаи калимаҳои **алвонҷ** ва **ҷӯйча**ро ба сатри дигар гузаронед. Барои чӣ ҳиссаи калимаи **дафъа**ро ба сатри дигар гузарондан мумкин нест?

2. Калимаҳои матнро мувофиқи саволҳо ба гурӯҳҳо ҷудо кунед:

борон, форам, вазид, димоғ, гул, дилнавоз, парид, нишаст, хушрӯй, кабӯтар, осмон.

Намуна: Чӣ? – кабӯтар; Чӣ хел? – форам; Чӣ кор кард? – парид

3. Калимаҳои ҳаммаъноро ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед:

бод, ҳусн, шамол, хушрӯй, базеб, зебо, садо, овоз, гап, сухан, нур, шуо, ранҷ, азоб.

Намуна: хушрӯй – базеб, зебо

4. Сархати охири матнро нависед, шумораи ҷумлаҳоро муайян карда, ба зери аломати ашё хат кашед.

5. Калимаҳои заруриро илова карда, ҷумла созед:

| | | |
|---|---|---|
| Борон ... | Шамол ... | Офтоб ... |
| Осмон ... | Ҷӯйча ... | Гулҳо ... |

Калимаҳо барои истифода:

мевазад, баромад, борид, ҷорӣ мешавад, шукуфтанд, соф шуд.

## ДАРСИ 37-38

Пандҳоро хонед, маънои онҳоро шарҳ диҳед. Панди дилхоҳатонро аз ёд кунед.

### ПАНДҲО
(Такрор)

Агар ба бадбахтӣ дучор шавӣ, туро фақат се кас: модар, падар ва дӯстат наҷот медиҳанд.

Касе дӯсти ҷониро аз дӯсти забонӣ фарқ карда натавонад, ба аҳволи ногуворе дучор мешавад.

Касе ки соҳиби ақлу хирад бошад, зӯру тавоност. Аз он пурзӯре, ки беандеша аст, чӣ фоида?

Хоҳӣ, ки ба фалокат дучор нашавӣ, дар вақти қаҳру ғазаб коре макун.

Бетамизиҳои мардум дар сухан пайдо шавад,
Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад

**тавоно** – боқувват, пурзӯр
**фалокат** – бадбахтӣ, фоҷиа
**ногувор** – хабари нохуш

1. Панди охирро рӯбардор карда, калимаи **фалокат**ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед ва ҳиссаи онро ба сатри дигар гузаронед.
2. Ҳарфҳои калимаи **фалокат**ро мувофиқи тартиби алифбо нависед.
3. Калимаҳои муқобилмаънои сулҳ, **тавоно**ро ёфта, нависед.
   Намуна: тавоно – нотавон, заиф.

4. Сифати мувофиқи ин калимаҳоро аз байни калимаҳое, ки дар қавс оварда шудаанд, ёбед:

дӯст, ақл, забон, одам, модар, падар.

(ҷонӣ, ширин, меҳрубон, солим, доно, ғамхор).

Намуна: дӯсти ҷонӣ.

5. Калимаҳои зеринро мувофиқи саволҳои **Кӣ?**, **Чӣ?**, **Чӣ хел?**, **Чӣ гуна?**, **Чӣ кор мекунад?**, **Чӣ кор кард?** ба гурӯҳҳо ҷудо карда, нависед:

Чӯпон, сухан, писта, бемағз, лаб, тавоно, зӯр, дучор мешавад, мекунад, овард, гуфт, хонд, шунид, оқил, доно.

Намуна: Чӣ? – сухан,<br>
Чӣ хел? – ширин,<br>
Чӣ кор кард? – гуфт.

1. Номи ашё ба кадом савол ҷавоб мешавад?
2. Аломату хусусиятҳои ашё-чӣ?
3. Амали ашё ба кадом савол ҷавоб мешавад?

## ДАРСҲОИ 39-40

Дар бораи падару модар, касбу кори онҳо чанд сухан гӯед.

### ҲИКОЯТ

Дар як деҳа пирамарде мезист. Ӯ писаре дошт. Боре падар ба писар гуфт:

– Гӯш кун, писарам! Чунон зиндагӣ бикун, ки дар ҳар деҳа ҳавлӣ дошта бошӣ. Ҳар рӯз як мӯзаи нав бипӯшӣ ва ҳама ба ту таъзим бикунанд.

Писар суханони падарро шунида, ба андеша рафт ва пурсид:

– Падар, охир чӣ тавр ман дар ҳар деҳа ҳавлӣ месозам? Ҳар рӯз як мӯзаи нав мехарам ва одамонро ба таъзим маҷбур мекунам?

Падар хандиду гуфт:

– Писарам, ин кори хеле осон аст. Агар дар ҳар деҳа дӯст дошта бошӣ, ҳавлии вай ҳавлии туст. Агар хоҳӣ, ки ҳар рӯз мӯзаи нав бипӯшӣ, мӯзаатро ҳар бегоҳ тоза бикун, пагоҳӣ мӯзаат нав метобад. Ғайр аз ин, писарам, субҳ надамида, аз хоб бархез. Ба саҳро аз ҳама пештар бираву машғули кор шав. Он гоҳ, ҳар касе, ки аз назди ту гузарад, салом мегӯяд ва таъзим мекунад.

**саҳро** – дашт **таъзим** – ҳурмат
**андеша** – фикр, мулоҳиза

1. Пирамард ба писараш чӣ гуфт?
2. Писар ба падар чӣ савол дод?
3. Пирамард насиҳаташро чӣ гуна маънидод кард?
4. Чаро падар субҳ барвақт хестани писарашро таъкид кардааст?
5. Шумо пойафзолатонро ҳар бегоҳ тоза мекунед?
6. Шуморо ҳар саҳар кӣ бедор мекунад?

1. Ба калимаҳои зерин савол гузоред ва интихобан ҷумла созед:

рӯз – шаб, пагоҳ – бегоҳ, наздик – дур
осон – душвор, нав – кӯҳна, тоза – чиркин

2. Калимаҳоро нависед:

таъзим, мӯза, пӯш, ҳавлӣ, дӯст, рӯз.

3. Сархати охирини матнро нависед. Дар он чанд ҷумла ҳаст? Ҷумлаи дуюм аз чанд калима иборат аст?

4. Аз матн калимаҳоеро, ки ба саволи **Чӣ хел?** ҷавоб мешаванд, ёфта, нависед.

Намуна: Чӣ хел? – нав.

5. Ба ибораҳои зерин савол гузоред, бо яке аз онҳо ҷумла созед ва таҳлил кунед:

осмони соф, мӯзаи нав, пирамарди доно, писари раҳмдил.

Баҳроми Гӯр яке аз
подшоҳони адолатпарвар
ва саховатманд буд. Ба
шарофати дурандешӣ, хи-
радмандии ин подшоҳи
одил ва саховатманд хал-
қи мамлакат ба корҳои
ободонӣ ва созандагӣ маш-
ғул шуд. Дар мамлакат
илму фарҳанг нашъуна-
мо ёфт.

## ДАРСҲОИ 41-42

1. Матнро хонед ва мазмунашро ҳикоя кунед.

### КОМРОН БА ХУД БОВАР КАРД

(ҳикоя)

Комрон дар синфи дуюм мехонад. Вай бачаи ором ва мушоҳидакор аст. Дар дарсҳо муаллимаро бодиққат гӯш мекунад, супоришҳоро саросема нашуда, пухтакорона иҷро менамояд. Дафтару китобҳояш тозаю озода, либосҳояшро ҳеҷ гоҳ чиркин намекунад. Муаллима ё ҳамсинфонаш чизе пурсанд, аввал каме фикр мекунад, баъд ҷиддӣ ва мухтасар

ҷавоб медиҳад. Даву тозро нағз намебинад. Барои ҳамин хислатҳояш ӯро ҳамсинфонаш меҳрубонона «мутафаккир», яъне фикркунанда меноманд.

Компрон дар майдони варзиш дар гӯшае нишаста бозиҳои гуногуни ҳамсинфонаш ва хонандагони синфҳои болоро тамошо мекунад. Вақте ки ҷӯраҳояш ӯро ба бозӣ даъват мекунанд, ӯ мухтасар мегӯяд: «Баъд». Вале муаллима баъди сӯҳбат бо модари Компрон хуб медонад, ки ӯ дар ҳавлиашон ба машқи бадан машғул: медавад, дучарха меронад, турниккашӣ мекунад ва ғайра. Бинобар ин муаллима Компронро маҷбур намекунад, ки ба машқу бозиҳои варзиш иштирок кунад. Вай хуб медонад, ки рӯзе мерасад, ки Компрон дар ин корҳо низ фаъол мешавад.

Дар яке аз рӯзҳои офтобии баҳорон дар мактаб мусобиқаҳои варзиш миёни хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташкил карда шуд. Бачаҳо дар тӯбпартоӣ, турниккашӣ, ба баландию дарозӣ ҷаҳидан бо шӯру шодии зиёд иштирок мекарданд. Компрон дар гӯшае ором менишаст. Аз дил мегузаронд: «Агар ман ҳам дар тӯбпартоӣ иштирок мекардам, ғолиб мебаромадам, агар ман ҳам дар ҷаҳидан ба дарозӣ иштирок мекардам...» Ин вазъияти Компронро муаллима мушоҳида карда, пай бурд, ки вақти ӯро ба мусобиқа ҷалб кардан расидааст.

**мухтасар** – ихтисоршуда, ихтисор
**вазъият** – ҳолат, аҳвол
**суръат** – тезӣ ё сустӣ,тарзи ҳаракат, ҳаракат
**мутафаккир** – фикркунанда, донишманд

1. Компрон бо кадом хислатҳояш фарқ мекард?
2. Чаро ҳамсинфон ӯро «мутафаккир» мегуфтанд?
3. Пеш аз иштирок кардан дар мусобиқа Компрон чӣ фикрҳо мекард?

1. Чор ҷумлаи аввали матнро бори дигар беғалат хонед ва рӯйбардор кунед.
2. Дар як канор нишастани Комронро шарҳ диҳед.
3. Дар бораи ғалабаи Комрон фикратонро гӯед.
4. Матнро бори дигар хонед, аз калимаҳои **мутафаккир, шаст, суръат, бовар, азм** истифода карда ҷумлаҳо тартиб диҳед.
5. Дар хона дар бораи навъи варзиши дӯстдоштаатон расмҳо ёбед.

1. Ин калимаҳоро беғалат талаффуз намуда, муқоиса кунед ва тафовути маънои онҳоро гӯед

| | |
|---|---|
| баъд - бад | суръат - сурат |
| таъна - тана | аъзо - азо |

2. Бо калимаҳои **таъна, тана** ва **аъзо, азо** ҷумла нависед.

Ба ҳар ҳарфи калимаи **Комрон** номи одамонро ёфта, нависед.

Комил, Каромат, ......

**О**...
**М**...
**Р**...
**О**...
**Н**...

## ДАРСҲОИ 41-42

Мазмуни қисми аввали ҳикояро ба хотир биёред ва баён кунед.

(давоми ҳикоя)

Вақти ба масофаи шаст метр давидан расид. Муаллима ба тарафи Комрон равона шуд. Комрон дар дил азм кард, ки, агар муаллима иштироки ӯро дар мусобиқаи давидан талаб кунад, не намегӯяд, розӣ мешавад.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Муаллима гуфт:

– Комрон, агар имрӯз дар мусобиқаи давидан иштирок кунӣ, ғолиб мешавӣ. Ман ба ту бовар дорам...

Мусобиқаи давидан ба масофаи шаст метр шурӯъ шуд. Бо амру ҳуштаки довар 12 нафар беҳтарин давандаҳо аз синфҳои 2 ва 3 якбора ба дав сар карданд. Комрон ҳам дар қатори онҳо медавид. Дар чанд метри аввал дили Комрон-ро ваҳм зер кард, ки аз ҳама дер ба марра мерасад ва пеши ҳамсинфону муаллимаи меҳрубонаш шарманда мешавад. Вай медавид ва фикрҳои гуногун дар сараш давр мезаданд. Ҳамин лаҳза сухани муаллима «Ман ба ту бовар дорам» ба ёдаш омад. Тамоми вуҷудаш такон хӯрд ва суръати дави-данро ду баробар тезонд. Аҷабо, яке паси ҳам дави ҳамму-собиқаҳо гӯё суст мешуданд. Комрон ҳамоно башаст меда-виду медавид...

Дар ин мусобиқа Комрон фақат аз бачаи давандтарини синфи сеюм як сония дертар ба марра расид... Шодии ҳам-синфон, дӯстонаш аз синфҳои дигар, хурсандии муаллимаи меҳрубони Комрон ҳадду канор надошт. Комрон бошад, ба худ бовар кард ва дар дил азм намуд, ки боз ҳам хубтар машқ мекунад, ба мусобиқа тайёр мешавад ва ғалаба мекунад...

Файзулло Шарифзода

**азм** – қасд, ирода,ният, майл ва хоҳиши ҷиддӣ
**амр** – фармон, супориш, дастур
**такон** – таъсир, ҳаракат, ларза

1. Муаллима ба тарафи кӣ равон шуд?
2. Барои чӣ муаллима "Ман ба ту бовар дорам" гуфт?
3. Бо амри довар бачаҳо чӣ кор карданд?
4. Комрон дар бораи чӣ фикр мекард?
5. Сухани кӣ ба хотираш расид?
6. Аз ғалабаи Комрон киҳо хурсанд шуданд?
7. Оё шумо ҳам мисли Комрон дар ягон навъи варзиш иштирок мекунед?

1. Калимаҳои ҳарфҳои такрордоштаро аз матн ёфта, нависед.
2. Аз матн рақамҳоро ёфта, бо ҳарф нависед.
3. Калимаҳои муқобилмаънои **меҳрубон, беҳтарин, шодиро** ёбед.

1. Варзиш барои чӣ лозим аст?
2. Шумо ба варзиш дар куҷо машғул мешавед?
3. Шумо дар кадом навъи варзиш иштирок карда метавонед?

1. Дар бораи варзиши дӯстдоштаатон 2-3 ҷумла нависед.
2. Дар бораи «Реҷаи рӯзатон» сӯҳбат кунед.
3. Ин ҷумлаҳоро нависед ва фарқи маънои калимаи **шаст-ро** шарҳ диҳед.

Комрон ба шаст давид.
Мусобиқаи давидан ба шаст метр буд.
Комрон бо шаст моҳӣ гирифт.

Сӯҳбат дар бораи китобҳои хониши берун аз синф.

## ОФТОБИ ҶАҲОНТОБ



Айёми тобистон офтоби ҷаҳонтоб бар болои сар рост омада, кӯҳу биёбонро баробар равшан ва гарм карда буд. Рӯзи тобистон бошад ҳам, ҳавои кӯҳсор монанди айёми баҳор мӯътадил ва форам буд. Кабкҳои дарӣ гоҳо дар теппа ва гоҳо дар камар сайругашт мекарданд. Мурғони хушилҳон бар шохаҳои дарахтони кӯҳӣ нишаста, нағмасарой мекарданд. Оби софи ҷӯйчаҳо, ки аз фарози кӯҳ ба нишеб, аз санге ба санге ҷастухез карда мефуромаданд, ба шилдир-шилдири оҳангдори худ бо мурғони нағмасаро ҳамовозӣ мекарданд.

Гӯсфандон дар хоби ноз, бузғолагон дар давутоз, чӯпонбачагон дар давидан, оҳубаррагон дар рамидан, хулоса, ҳар кас, ҳар чиз ва ҳамаи табиат дар олами худ хурсанд ва шодмон буд.

Садриддин Айнӣ

**айём – замон, вақт**
**фароз – баландӣ, боло**
**кабки дарӣ – навъе аз кабки кӯҳӣ**
**хушилҳон – мурғони хушовоз, хушхон**
**ҷаҳонтоб – равшанкунандаи дунё**
**рамидан – тарсидан**

1. Айёми тобистон ҳавои кӯҳсор чӣ хел буд?
2. Мурғони хушилҳон чӣ кор мекарданд?
3. Шилдир-шилдири обҳо бо чиҳо ҳамовоз буданд?
4. Чаро ҳавои кӯҳсор форам буд?

Намуна: Ҷавоби саволи охир: гӯсфандон, бузғолагон, чӯпонбачагон, оҳубаррагон, ҳар кас ва ҳар чиз.

Аз иборaҳои зерин ҷумла созед. Нақшаи яке аз ҷумлаҳои сохта - атонро кашед.

оби соф, ҳавои кӯҳсор, мурғони хушилҳон, кабкҳои дарӣ

Намуна: Офтоби ҷаҳонтоб баромад.

Ба саволҳои зерин ҷавоб гӯед:

1. Чӣ кӯҳу биёбонро равшан мекард?
2. Чаро ҳавои кӯҳсор форам буд?
3. Чиҳо дар табиат хурсанду шодмон буданд?

Калимаҳои дилхоҳатонро аз рӯйи намуна ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

Намуна: чӯ - пон - ба - ча - гон.

1. Чаро ин калима аз панҷ ҳиҷо иборат аст?

2. Аз ҳарфҳои калимаи **чӯпонбачагон** калимаҳои нав созед.

Намуна: чӯпонбачагон - ба, чӯб, ....

ИМЛО: Худамро месанҷам. Пеш аз навиштан ба хотир биёред, ки аввали ҷумла бо чӣ гуна ҳарф навишта мешавад, дар охири он чӣ гуна аломат мегузорем.

Фарзандонро аз хурдӣ ба нигоҳубини ҳайвонҳо одат кунонед, дар дили бачаҳо раҳму шафқат меафзояд.

Дар хона бо ин ибораҳо ҷумла созед, ёке аз ҷумлаҳои сохтаатонро таҳлил кунед.

Ҳавои кӯҳсор, мурғони хушилҳон, кабкҳои дарӣ.

Намуна: Оби софи ҷӯйчаҳо ҷорӣ мешуд.

Чӣ? – об.

Чӣ кор мекард? – ҷорӣ мешуд.

## ДАРСҲОИ 47–48

Сӯҳбат дар бораи ҳайвонҳои ваҳшӣ. Хирс ҳайвони ваҳшӣ аст. Саг-чӣ? Сагу хирс ҳар ду чистанд?

### ЗАХМИ ЗАБОН

...Одам боре хирсро ба меҳмонӣ даъват кард. Вақти рафтани хирс одам хирсро бародарвор ба оғӯш кашида, бӯсид. Ин ҳолро дида зани ӯ рӯй турш кард ва ба замин туф карда, ба шавҳараш гуфт:

– Ин меҳмони бадбӯйро чӣ хел бӯсида тавонистӣ?

Хирс рафт. Чанде пас одам ба хабаргирии ӯ рафт ва, бо мақсади он ки дар бозгашт ҳезум карда оянд, табарашро ҳамроҳи худ гирифт.



Хирс дӯсташро бо чеҳраи кушод истиқбол кард. Ҳангоми бозгаштани мард хирс аз ӯ чунин хоҳиш кард:

– Дӯстам, илтимос, ба сарам бо табарат якто зан.

– Чаро бегуноҳ туро занам? – ҳайрон шуд мард.

– Сабабашро баъд мефаҳмӣ, илтиҷо мекунам.

Мард розӣ нашуд. Хирс ӯро ба ҷону ҳолаш намонда, зорию тавалло мекард, ки занад.

Ниҳоят мард бо табар ба сари хирс зад. Хирс маҷрӯҳ шуд ва чизе нагуфта, ба ҷангал даромада рафт. Мард ба хонааш баргашт.

Аз байн хеле вақт гузашт. Рӯзе онҳо боз вохӯрданд. Ҷароҳати сари хирс тамоман шифо ёфта, асли қадима барин шуда буд.

– Дидӣ, дӯстам, – гуфт хирс ба мард, – захми табаре, ки ту ба сарам задӣ, кайҳо шифо ёфт, аммо ҷароҳати дилам, ки аз теғи забони занат пайдо шудааст, ҳанӯз боқист.

Забон ширинтар аз шаҳду шакар бошад,
Забон аз заҳри қотил ҳам батар бошад.

1. Аввали ҳикояро пурра намоед: Чаро одам хирсро ба меҳмонӣ даъват кард?

2. Одам баъди зиёфат хирсро чӣ кор кард?

3. Зани ҳезумкаш чаро рӯяшро турш кард?

4. Мард бори дигар ба куҷо рафт ва бо чӣ вохӯрд?

5. Хирс аз ин мард чӣ хоҳиш кард?

6. Захми забон тез аст ё захми табар?

1. Мазмуни ҳикояро мувофиқи нақшаи зерин нақл кунед.
- Дӯстии одаму хирс.
- Хирс дар меҳмонии одам.
- Вақти гусели меҳмон зан чӣ гуфт?
- Хоҳиши хирс.
- Захми забон.

2. Ду ҷумлаи охири матнро нависед ва ба аломатҳои китобат эътибор диҳед.

3. Ин калимаҳои матн ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?

калон, турш, бадбӯй, гарм,

Намуна: Чӣ хел? – бадбӯй.

Ин калимаҳо-чӣ?

бӯсид, гирифт, зад, рафт, баргашт, вохӯрданд.

Намуна: Чӣ кор кард? – баргашт.

4. Кадом калимаҳои матн ба ин саволҳо ҷавоб мешаванд?

Кӣ?, Чӣ?, Чӣ хел?, Чӣ гуна?, Чӣ кор кард?, Чӣ шуд?

Намуна: Кӣ? – одам, Чӣ? – хирс, Чӣ кор кард? – зад.

5. Дар ҷумлаи якуми матн сухан дар бораи **Кӣ?** ва **Чӣ?** меравад? Ҷумла аз ҷанд калима иборат аст?

Сӯҳбат дар бораи паррандаҳои хушхон.

## ТАДБИРИ КАБК

Баҳор. Дашту даман пур аз гулҳои наврӯзӣ, лолаю савсан, сиёҳгӯш. Аз ҳар тараф хониши кабк, овози чириқчириқи гунҷишкон ба гӯш мерасад. Офтоб саховатмандона нурафшонӣ мекунад. Орзу мекунед, соате дар зери шуоҳои тиллоранги он ба рӯйи сабза дароз кашида, ғел занед. Насими форам бӯйи муаттарро ба машоми кас мерасонад.



Ману духтарчаам – Мунаввара соатеро дар саҳро ба гулчинӣ гузарондем. Баногоҳ назари Мунаввара ба паррандачаҳои хурд-хурди хокистарранге афтод, ки онҳо бештар ба гунҷишк монандӣ доштанд. Мунаввара гулҳоро ба замин партофта, аз пушти паррандагон давид. Онҳо ҳанӯз парида наметавонистанд, тез-тез по монда ба ин сӯю он сӯ медавиданд.

Мунаввара чӯҷаеро дошта гирифт. Дар ҳамин вақт дид, ки модари онҳо ғалтону хезон рафта истодааст. Духтарам

чӯҷаро сар доду кабкро доштанӣ шуд. Кабк бошад, аввал оҳиста, баъд тез-тез по монда, ба ақибаш нигоҳ кардан гирифт: чӯҷаҳо кайҳо дар таги буттаҳо пинҳон шуда буданд. Ногоҳ кабк ба ҳаво парвоз карду зуд аз назар ғоиб шуд.

Мунаввара ноумед шуда гиря кард.

– Чаро чӯҷаро сар додӣ? – пурсидам аз ӯ.

– Ман... ман... калонашро доштанӣ будам, – гуфт Мунаввара маъюсона.

**машом** – димоғ
**шуо** – нури офтоб
**муаттар** – хушбӯ
**маъюсона** – ғамгинона

1. Кадом фасли сол буд?
2. Мунаввара бо падараш дар саҳро бо чӣ кор машғул буд?
3. Мунаввара ногоҳ чиро дид ва чӣ кор кард?
4. Чаро кабк худро ланг нишон дод?
5. Мунаввара чаро гулҳои чидаашро ба замин партофт?
6. Барои чӣ Мунаввара ноумед шуда гиря кард?

1. Мазмуни ҳикояро баён кунед.
2. Матнро ба қисмҳо ҷудо карда, сӯҳбат кунед.
3. Аз матн аломату нишонаҳои фасли баҳорро нависед. Баҳор аз кадом моҳҳо иборат аст? Зимистон-чӣ? Зимистон фасли сол аст. Баҳор-чӣ? Боз кадом фаслҳои солро медонед? Онҳо бо кадом аломату хусусиятҳо фарқ мекунанд?
4. Калимаҳои ҳаммаъноро нависед:

хушнамуд – зебо, хубрӯ, базеб.
марғзор – алафзор, сабзазор.

5. Ба ин ибораҳо саволҳои мувофиқ гузоред. Гӯед, ки аломати ашё ба худи ашё ба воситаи чӣ алоқаманд шудааст?

офтоби нурафшон, шуоҳои тиллоранг, насими форам, бӯйи муаттар, паррандачаҳои хокистарранг.

Намуна: офтоб (Чӣ?), нурафшон (Чӣ хел?), **-и** – бандаки изофӣ.

6. Кадоме аз ин калимаҳо ба саволҳои **Кӣ?**, **Чӣ?**, **Чӣ хел?**, **Чӣ кор мекунад?** ҷавоб мешаванд?

Мунаввара, кабк, баҳор, лола, сабза, офтоб, медаванд, мерасад, мебароянд, меҷӯянд, форам, хокистарранг, кабуд, гарм.

Намуна: Кӣ? – Мунаввара; Чӣ? – лола; Чӣ кор мекунад? – мечинад; Чӣ хел? – форам.

7. Аз ҳарфҳои калимаи **саховат** калимаҳои нав созед.

Намуна: саховат – сахт.



*Одам аз хирад, ақл, забони ширин ва раҳму шафқати худ обрӯю эътибор пайдо мекунад. Забон аломати ақлу хирад, ниятҳои неку бади одам аст. Барои ҳамин мо бояд вақти гап задан эҳтиёт шавем.*

## ДАРСҲОИ 51-52

1. Сӯҳбат дар бораи дӯстӣ.
2. Дар бораи дӯстӣ фикратонро гӯед.

### ДӮСТӢ
(афсона)



Оҳуе дар баландии хушобу ҳаво ва сералаф мечарид.

Чашми вай ба гунҷишке, ки ҳар сӯ меҷаҳид, афтод. Оҳу ба вай нигоҳ карда гуфт:

– Чӣ ин қадар частухез дорӣ, магар ба саёҳат омадӣ?

– Не, ман ба назди ту омадам, мехоҳам бо ту ошно шавам, – ҷавоб дод гунҷишк. – Парво накун, аз дасти ман бисёр корҳои хуб меояд. Худат дида, баъд қоил мешавӣ.

Оҳу ин гуфтаҳои гунҷишкро қабул кард. Онҳо аз ҳамон рӯз дӯстона зиндагӣ мекарданд. Баъдтар бо онҳо муш ошно шуд.

Рӯзе оҳу аз рафиқонаш ҷудо шуда, ногоҳ ба доми сайёд афтод. Сайёд хост, ки оҳуро зинда ба хонааш барад. Бинобар ин онро ба дарахт сахт баста, худаш ба лаби ҷӯй рафт.

Гунҷишк ба ҷустуҷӯйи оҳу баромада, дид, ки онро дар як дарахт сахт баста мондаанд. Вай зуд ба назди муш рафт, воқеаро баён кард.

Ҳар дуяшон ба назди оҳу омаданд. Муш бо дандончаҳои тезаш бандро зуд бурид.

Оҳу аз банд озод шуда, бо дӯстони хурдтараки бовафои худ ба даштҳои дилкушо баромада рафт.

**сайёд** – шикорчӣ; **дом** – банд, ресмон; **дилкушо** – дилкаш

1. Оҳу чиро дид?
2. Гунҷишк ба оҳу чӣ гуфт?
3. Оҳу ва гунҷишк боз бо чӣ дӯст шуданд?
4. Сайёд оҳуро ба дом андохта чӣ кор кард?
5. Дӯстон оҳуро аз банд чӣ тарз озод карданд?

1. Ҳангоми баёни мазмуни матн ба оҳанги ҷумлаҳо диққат диҳед.
2. Сархати 2-3-юми матнро нависед, тарзи гузоштани аломати саволро омӯзед.
3. Аз матн калимаҳоеро ёбед, ки ба саволҳои **Чӣ хел?**, **Чӣ гуна?** ҷавоб мешаванд. Намуна:

   Чӣ хел? – хушобу ҳаво, сералаф.

4. Ҷумлаи зеринро таҳлил кунед, гӯед, ки дар он сухан дар бораи чӣ меравад.

   Оҳу аз доми сайёд озод шуд.

   Чӣ? – оҳу; Чӣ шуд? – озод шуд.

5. Калимаҳоро нависед:

   сайёд, дӯстон, ҷустуҷӯ, сералаф, саёҳат, баъд.

6. Хаёлан расм кашед.

Ба саволҳо ҷавоб нависед:

1. Чашми чӣ ба гунҷишк афтод?
2. Ӯ ба гунҷишк чӣ савол дод?
3. Гунҷишк чӣ ҷавоб дод?
4. Оҳу ба доми кӣ афтод?
5. Дӯстон чӣ тадбир ҷустанд?

## ДАРСҲОИ 53-54

Пандҳои дар ин китоб омадаи Саъдии Шерозиро ба хотир биёред.

### ДОНИШМАНДИ ҶАҲОНГАРД

Ӯ марде буд, ки дар як ҷо нишаста наметавонист. Аз сармою гармии табиат парвое надошт. Ин мардро имрӯз дар ин деҳа бинанд, пагоҳ дар деҳаи дигар медиданд. Ӯ гӯё шабу рӯз дар сафар буд. Вай овози баланд, вале фораму гӯшнавоз дошт. Суханонаш хеле ширин ва пурмазмун буданд. Вай ба одамон мегуфт, ки якдигарро озор надиҳанд. Ба якдигар некӣ кунанд. Рафиқ ва дӯст бошанд.

Суханони вай одамро ба роҳи рост равона менамуданд. Ҳар касе, ки суханони ӯро як бор шунид, орзу мекард, ки бори дигар шунавад. Олимону шоирон аз сӯҳбати ӯ баҳраманд буданд.

Ҳамин тавр, ин донишманд ҷаҳонгардӣ мекард. Оламу одам медид. Таҷрибаи рӯзгор ва илму дониш ҷамъ мекард.

Ин марди ҷаҳонгард шоир ва нависандаи бузург шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ буд.

Ақидаҳои инсонпарастонаи Саъдиро одамони тамоми олам писандидаанд.

1. Кӣ шабу рӯз дар сафар буд?
2. Вай ба одамон чӣ мегуфт?
3. Чаро одамон орзу мекарданд, ки ӯро бинанд?
4. Ӯ чаро ҷаҳонгардӣ мекард?
5. Ин донишманд кӣ будааст?

1. Ба калима ва ибораҳо саволҳо гузоред:

овози баланд, форам, зебо, пурмазмун, роҳи рост, нависандаи бузург.

Намуна: Чӣ? – овоз; Чӣ хел? – баланд, форам.

2. Калимаҳои ҳарфи ӯ, ю, ё, й, ъ-дорро нависед.

3. Сархати дуюмро рӯбардор кунед. Гӯед, ки он аз чанд ҷумла иборат аст.

4. Ҳиссаи калимаи нависандаро ба сатри дигар гузаронед.

Дар катакҳо ҳарфҳоро тарзе гузоред, ки калима аз чапу рост як хел хонда шавад.

А Б О Б А

И Г И

О Д О

## ДАРСҲОИ 55-56

Дар бораи бойигариҳои Тоҷикистон сӯҳбат кунед.
Табиати ватани мо – Тоҷикистон зебо ва дилрабост.

### ЛАЪЛИ БАДАХШОНИ МАН

Лаъли Бадахшон ҳамчун яке аз зеботарин сангҳои қиматбаҳо дар тамоми дунё машҳур аст. Захираи лаъл дар кӯҳи «Лаъл» ва Сумчин, дараҳои Ғорон ва Ямчини Помир хеле зиёд аст.

Лоҷвард ҳам аз ҷумлаи сангҳои ороишии хеле зебо ба ҳисоб меравад. Лоҷвард ранги осмонӣ дорад. Вай аз ҷиҳати коркард ва сайқалдиҳӣ осон ва бо тобишу ҷилои дилпазираш дар ҷаҳон ҳамто надорад.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои бостонӣ дар гузашта лоҷварди Бадахшон ба воситаи роҳҳои корвонгузар ба Эрон, Ҳиндустон, Бобулистон, Чин ва дигар мамлакатҳо бурда мешуд. Масалан, дохили калисои ҷомеи Исҳоқ дар шаҳри Петербург бо ҳафтоду ҳашт пуд лоҷварди Бадахшон ороиш ёфтааст.

Ҳоло дар наздикии шаҳри Хоруғ, дар деҳаи Поршнев корхонаи коркарди сангҳои қиматбаҳо фаъолият дорад.

Лаъл ва лоҷварди Бадахшон бойигариҳои заризаминии арзишманди Тоҷикистон ба шумор меравад.

Ангуштарин агарчи Бадахшонзамин бувад,
Аз ростӣ,ҷойи тамошост кӯҳи Лаъл.

Нодир Шанбезода

**бостонӣ** - қадима, кӯҳан
**ҳамто** - монанд, мисл

1. Бадахшон бо кадом сангҳои қиматбаҳояш машҳур аст?
2. Захираи лаъл дар куҷоҳо мавҷуд аст?
3. Лоҷвард чӣ хел санг аст?
4. Лоҷварди Бадахшон ба кадом мамлакатҳо бурда мешуд?
5. Кадом калисо бо лаъли Бадахшон ороиш ёфтааст?
6. Ин калисо дар кадом шаҳр воқеъ аст?
7. Корхонаи коркарди ин сангҳои қиматбаҳо дар кадом деҳа ҷойгир аст

1. Аз матн калимаҳои бо ҳарфи калон навишташударо ёфта, нависед.
2. Калимаи Ҳиндустонро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
3. Бо ибораи **ранги осмонӣ** ҷумла нависед.

1. Чаро калимаи **Бадахшон, Зарафшон, Сумчин, Ғорон, Ҳиндустон, Бобулистон, Чин, Ироқ, Петербург, Хоруғ, Поршнев, Ҳисор, Ғарм, Ғончӣ** бо ҳарфи калон навишта шудаанд?

2. Кадом шаҳрҳои Тоҷикистонро медонед?
Аз рӯйи рақамҳо ҳарфҳоро ҷо ба ҷо гузошта, номи ашё, вилояту мамлакатҳоро ёбед.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | 7 | 5 | 1 | 6 | 3 | 2 | 8 |
| А | Х | Б | А | Ш | Д | О | Н |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | 8 | 6 | 3 | 4 | 7 | 9 | 5 | 1 |
| И | О | С | Н | Д | Т | Н | У | Ҳ |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | 2 | 6 | 1 | 4 | 7 | 3 |
| А | О | Р | Л | В | Д | Ҷ |

## ДАРСҲОИ 57-58

1. Матнро хонед ва мазмунашро ҳикоя кунед.
2. Шумо дар хонаатон компютер доред?
3. Бо компютер кор карданро ёд гиред?
4. Бо компютер чӣ корҳо карда метавонед?

### КОМПЮТЕР ВА ФОИДАИ ОН

Инсон дар ҳамаи замонҳо ба ҳисобу шумурдан машғул буд. Тарзҳои одитарини шумурдан бо ёрии ангуштон, чӯбчаҳо, сангчаҳо ва дигар ашё анҷом дода мешуд. Баробари торафт мураккаб шудани ҳисобу китоби доду гирифт, хариду фурӯш, ченкунии матоъ, замин, андозаи сохтмони биною иншоот ва ғайра одамон ба асбобҳои ҳисоббарорӣ эҳтиёҷманд шуданд.

Эҳтиёҷ ва зарурат инсонро ба ҷустуҷӯ, кашифиёт ва ихтироъ водор мекунад. Ба ин сабаб аввалин мошинаҳои ҳисоббарорро олимон дар асрҳои ҳабдаҳу ҳаждаҳ ихтироъ карданд. Компютери ҳисоббарори нахустин дар нимаи дуюми асри бист дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ихтироъ шуд. Дарозии ин компютер зиёда аз сӣ метр, вазнаш ба сӣ тонна мерасид.

Ҳоло навъҳои гуногуни компютерҳо сохта мешаванд, ки ҳаҷман хеле хурд ва сабуканд. Сохти охирин компютер ҳаҷман 20 сантиметр ва 1,5 килограмм аст. Ба воситаи компютер навиштани асарҳои илмӣ, бадеӣ, китобҳои дарсӣ, коргузории идораҳои давлатӣ ва монанди инҳо осон мешавад. Бинобар ин омӯхтан ва истифода кардани компютер ва техникаи ҳозирзамони иттилоот ба одамон ва ҷамъият судманд аст.

**ихтироъ** – кашф кардан, чизи наве сохтан, эҷод
**эҳтиёҷ** – зарурат, лозим будани чизе
**судманд** – фоидаовар

Аз ин луғатҳо истифода карда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. Шаклҳои одитарини шумурдан кадомҳоянд?
2. Барои чӣ одамон ба асбобҳои ҳисоббарор эҳтиёҷманд шуданд?
3. Дар нимаи асри бист олимон барои осон кардани ҳисобу китоб чиро ихтироъ карданд?
4. Бо ёрии компютер кадом корҳо осон мешаванд?

1. Ҳаҷм ва вазни компютерҳои аввалин ва ҳозирзамонро муқоиса кунед (аз рӯйи расмҳо).



2. Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро аз харита ёбед (бо ёрии муаллим).
3. Ҷумлаи аввали сархати дуюм ва ҷумлаи охирини матнро рӯйбардор кунед.
4. Ба матн такя карда дар бораи компютер бо ду-се ҷумла фикратонро нависед. Калимаҳо барои истифода: (ангуштон, олимон, хурд, компютер).

## ДАРСИ 59-60

Сӯҳбат дар бораи дӯстӣ ва аҳамияти он дар зиндагӣ.

### ДӮСТӢ

Халқи мо аз замонҳои хеле қадим дӯстиро меписандад, душманиро бад мебинад. Аз нигоҳи Фирдавсии бузургвор, бо одаме дӯстӣ бояд кард, ки дар рӯзҳои душвор дастгиру ёвари кас бошад:

Ҳамон дӯстӣ бо касе кун баланд,
Ки бошад ба сахтӣ туро ёрманд.

Дӯсти ҳақиқӣ он аст, ки барои дӯсти худ чизеро дареғ надорад. Дӯсти ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ ба дӯсти худ бадиро раво намебинад.

Хирадмандон шахсеро, ки аз ақлу дониш дур бошад, лоиқи дӯстӣ намедонанд ва ҳатто душмани доноро аз дӯсти нодон хубтар мешуморанд:

Дӯстӣ бо мардуми доно накӯст,
Душмани доно беҳ аз нодони дӯст.

**ёвар** – дӯст, рафиқ
**сахтӣ** – мушкилӣ, душворӣ
**ёрманд** – ёрирасон

1. Фирдавсӣ дар бораи дӯстӣ чӣ гуфтааст?

2. Дӯст бояд чӣ гуна бошад?

3. Бо чӣ гуна одам дӯстӣ набояд кард?

1. Мазмуни матнро нақл кунед.

2. Ҳаммаънои калимаҳои **дӯст**, **нодон**, **хоксор**, **душман**, **душвор**, **баланд**ро ёбед.

3. Сархати дуюми матнро нависед. Гӯед, ки шумо чанд ҷумла навиштед. Дар ҷумлаи якум сухан дар бораи чӣ меравад? Дар ҷумлаи дуюм-чӣ?... Намуна:

дӯст – рафиқ...

4. Аз ҳарфҳои калимаи **бародарон** истифода карда 5-6 калимаи дигар созед. Намуна:

бародарон – анор, борон, ....

Мӯрча ҷонвари хурда-
как аст. Вай хеле меҳнат-
дӯст мебошад. Мӯрча ҷон-
вари беозор ва боғайрат
аст. Мӯрчаҳо ҷуфт-ҷуфт
зиндагӣ мекунанд. Дар
зиндагии мӯрчагон тарти-
би қатъӣ доранд.

## ДАРСҲОИ 61-62

Аз расми устод Айнӣ истифода карда дар бораи ӯ суҳбат кунед.

### ОЛИМ ВА НАВИСАНДАИ БУЗУРГ



Устод Садриддин Айнӣ олим ва нависандаи бузурги халқи тоҷик аст. Падари Садриддин шахси босавод буд. Ӯ насиҳат мекард, ки писараш хонад. Баъди вафоти падар ба сари Садриддини хурдсол душвориҳои зиёд омад. Вале ӯ хонданро тарк накард, зеро ба хондан шавқи беандоза дошт. Устод Айнӣ барои таҳсили илм ба Бухоро меояд. Дар он ҷо барои бачаи камбағал илму дониш омӯхтан душвор буд. Ӯ дарс мехонд, дар як вақт ҷомашӯйӣ ва ошпазӣ мекард. Вай вақти холиашро ба китобхонӣ сарф менамуд. Кӯшиш ва меҳнати ӯ беҳуда нарафт. Дар 18-солагӣ ба шеъргӯйӣ шурӯъ намуд. Дар байни аҳли илму адаби Бухоро ном баровард.

Устод Айнӣ дар бораи айёми бачагиаш дар асари худ – «Мактаби кӯҳна» ҳикоят кардааст.

1. Садриддин Айнӣ дар кадом лаҳзаҳо васияти падарро ба ёд меовард?
2. Ҳангоми таҳсили илм дар Бухоро ӯ чӣ гуна корҳоро иҷро мекард?
3. Кӯшиш ва меҳнати ӯ чӣ натиҷа дод?

Ба ин саволҳо бо 1-2 калима ҷавоб нависед.

1. Падар ба Садриддин чӣ насиҳат кард?
2. Вай барои таҳсил ба куҷо омад?
3. Ӯ дарс мехонд, боз чӣ кор мекард?
4. Дар чандсолагӣ ба шеъргӯйӣ сар кард?
5. Айнӣ айёми бачагиашро дар кадом асараш баён мекунад?

1. Матнро бори дигар хонед, калима ва ибораҳоеро, ки ба саволҳои **Кӣ?**, **Киҳо?**, **Чӣ хел?**, **Чӣ кор мекунад?**, **Чӣ шуд?** ҷавоб мешаванд, муайян кунед. Намуна:

Кӣ? – Айнӣ, ... .

Чӣ хел? – вазнин, ... .

Чӣ кор мекунад? – меоварад, ... .

2. Дуруст навиштан ва талаффуз кардани калимаҳоро машқ кунед:

Садриддин, Айнӣ, ҷомашӯйӣ, ошпазӣ.

3. Зарбулмасалро хонед, маънои онро шарҳ диҳед.

Олим бошӣ – такрор кун,  
Деҳқон бошӣ – шудгор кун.

## ДАРСҲОИ 63-64

Сӯҳбат дар бораи ростӣ ва дуруғгӯйӣ.

### РОСТӢ

Ростиву росткорӣ аз муҳимтарин хислатҳои инсон буда, одамро хушбахт ва сарбаланд мегардонад.

Аз ростӣ ба касе зарар намерасад. Ростӣ ба ҳама хубӣ меорад. Каҷрафторӣ зараровар аст. Бузургони халқи тоҷик ростиро аз хислатҳои хуби инсон шумурдаанд. Ҷомии бузургвор гуфтаанд:

Рост ҷӯ, рост нигар, рост бубин,

Рост гӯ, рост шунав, рост нишин.

Падар дафтар ва рӯзномаи писарашро тафтиш кард. Маълум шуд, ки писар имрӯз дар мактаб дарс нахондааст.

Пурсид:

– Писарам, магар имрӯз ба мактаб нарафта будӣ?

– Рафтам, вале муаллим бемор шудаанд, дарс нашуд.

Ҳамин вақт занги телефон баланд шуд. Падар гӯшакро гирифт. Муаллим занг мезад. Вай пурсид:

– Магар Сӯҳробҷон бемор шуда буд, ки имрӯз ба мактаб наомад?

Писар сархам буд...

Ба гетӣ беҳ аз ростӣ пеша нест,
Зи каҷҷӣ бадтар ҳеҷ андеша нест.

**асно** – лаҳза, вақт
**хислат** – сифат, амал
**гетӣ** – дунё, ҷаҳон, олам
**каҷҷӣ** – қаҷӣ, дурӯғ
**андеша** – фикр, хаёл

1. Чӣ сабабгори хушбахтии инсон аст?
2. Ростӣ ба одам чӣ меорад?
3. Каҷрафторӣ ба зарари кист?
4. Шумо бо талабагони дурӯғгӯ чӣ хел муомила мекунед?

1. Матнро хонед. Дар бораи ростгӯйӣ ва дурӯғгӯйӣ фикратонро гӯед.
2. Байти аввалро ба дафтар нависед ва аз ёд кунед.

3. Дар ду сутун зери калимаҳои **ростӣ** ва **дурӯғ** фоида ва зарари онҳоро нависед. Намуна:

ростӣ – хушбахтӣ, ... .

дурӯғ – шармандагӣ, ... .

4. Кадом хислатҳои инсон хубанд, кадомаш бад? Дар ду сутун нависед.

5. Бо ибораҳои **хислати хуб**, **рафтори хуб**, **хониши аъло**, **сухани рост** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

6. Нақшҳои падар, муаллим ва писарро аз матн пайдо кунед ва намоиш диҳед.

Аввал ҳарфҳоро аз боло ба поён хонед, баъд чанд ноҳияи Ватанамонро номбар кунед, ки бо ҳамин ҳарфҳо сар шаванд. Нависед ва савол гузоред:

**Ҳ** – ...
**И** – ...
**С** – ...
**О** – ...
**Р** – ...

## ДАРСҲОИ 65-66

Латифаҳоеро, ки медонед, ба хотир оред.

### ЛАТИФА

Афандӣ як ғоз дошт. Онро кушта, пухта, ба подшоҳ пешкаш карданӣ шуд. Азбаски худаш гурусна буд, дар роҳ як пойи ғозро хӯрд ва ғози якпояро бурда, пеши подшоҳ, рӯйи дастурхон гузошт.

Подшоҳ ғози пухтаро дида, пурсид:

– Афандӣ, як пойи дигари ғоз чӣ шуд?

Афандӣ зуд ҷавоб ёфта натавониста, ба ҳар тараф нигоҳ гардонда чашмаш ба ғозҳои подшоҳ афтод, ки дар сояи сарҳавз якпоя истодаанд. Аз ин ҳолат истифода карда, гуфт:

– Имсол ҳамаи ғозҳо аз тухм якпоя баромадаанд, намебинед, ки ғозҳои шумо низ ҳама якпояанд....



Подшоҳ ба хизматгори худ амр дод, ки чӯбдасташро ба тарафи ғозҳо ҳаво диҳад. Хизматгор чӯбдасташро ҳамин ки ҳаво дод, ғозҳо якбора рамида, дупоя гурехтанд. Подшоҳ инро ба Афандӣ нишон дода, гуфт:

– Чаро дурӯғ мегӯйӣ, Афандӣ? Дида истодаӣ, ки ғозҳои мо дупояанд.

Афандӣ фавран ҷавоб гардонд:

– Агар он чӯбдаст ба сари Шумо ҳам меомад, шумо низ чорпо шуда мегурехтед!

**рамида** – тарсида, ҳаросида

1. Ба ҳозирҷавобии Афандӣ Шумо чӣ баҳо медиҳед?
2. Мисли Афандӣ одамони ҳазлкашро медонед?
3. Афандӣ чӣ гуна одам аст?

1. Сархати аввали матнро нависед, ба калимаҳо саволҳои мувофикро гузоред.
2. Хонед. Ин пандро аз ёд кунед

Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.
Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

Садриддин Айнӣ

3. Калимаҳои ҳаммаъноро нависед:

касб – ҳунар;
олам – ҷаҳон;
рафиқ – дӯст, бародар;
хор – бадбахт, бечора;
хор – хоре, ки ба по мехалад.

## ДАРСҲОИ 67-68

1. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед.
2. Ин ибораҳоро аз матн ёфта, нависед:

харобии кишвар, бенавоии мардум, зулму бедодӣ, ҳайвоноту наботот, табиату муҳит, Коваи оҳангар, Заҳҳоки золим.

### ЗУЛМ

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ зулму бедодии шоҳону ҳокимон маҳкум гардидааст, ки сабаби харобии кишвар ва бенавоии мардум гашта буд.

Зулму бедодӣ на танҳо аҳволи одамон ва ҷамъиятро бад месозад, балки ба олами ҳайвонову наботот, табиату муҳити атроф низ таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин Фирдавсӣ фармудааст:

Дилу пушти бедодро бишканед,
Ҳама беху шохаш зи бун барканед.

Дар «Шоҳнома» золимон танқид гардида, оқибат ба ҷазо гирифтор гаштаанд. Аз ҷумла, Коваи оҳангар Заҳҳоки золимро нобуд кард. Барои аз зулм озод кардани мардум номи Кова ҷовидон бимонд.

Кова зиндаасту нахоҳад мурдан,
Ҷони худро зи қазо бирҳондан.

**бун** – бех, реша
**"Шоҳнома"** – номи китоб
**Фирдавсӣ** – шоири бузурги форсу тоҷик
**Коваи оҳангар** – қаҳрамони мусбати "Шоҳнома"
**Заҳҳок** – қаҳрамони манфии "Шоҳнома"
**қазо** – тақдир, қувваи ноаён, сарнавишт

1. Зулми шоҳону ҳокимон сабабгори чиҳо мегардад?
2. Зулму бедодӣ боз ба чиҳо таъсири бад мерасонад?
3. Кова бо чӣ мақсад Заҳҳокро нобуд кард?
4. Чаро номи Кова ҷовидон бимонд?

1. Аз қатори ин калимаҳо номи одамонро ёфта, нависед ва савол гузоред:

"Шоҳнома", Фирдавсӣ, ҳокимон, мардум, ҳайвонот, Кова, золимон, одамон, Заҳҳок.

2. Матнро бори дигар хонед, ҳиссаи калимаҳои **кишвар, мардумро** ба сатри дигар гузаронед.

3. Бо калимаҳои **шоҳон, одамон, золимон** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Аз ҳарфҳои калимаи **бирҳондан** истифода карда калимаҳои **баҳор, дандон, роҳбар, наҳорӣ, доно**ро созед. Ин корро дар хона давом диҳед.

## ДАРСҲОИ 69-70

Ба одоб ва тарзи сухангӯйии худатон диққат диҳед.

### ОДАМРО АЗ ОДОБАШ МЕШИНОСАНД

Хислати аз ҳама хуби инсон чист? – пурсид писар.

Падар гуфт:

– Одоби ӯ. Чунки одамро аз одобаш мешиносанд. Баъд дӯст медоранду ҳурмат мекунанд. Дар вақти сӯҳбат бо дӯст ва рафиқ ибораю ифодаҳои **суханони бемаънӣ, гапи намешудагӣ, ҳамин ҳам гап шуд**ро кор нафармо, ки ба онҳо сахт мерасад.

Ҳаргиз миёни сухани ҳамсӯҳбататро набур. Гуфтаи ӯро то охир гӯш кун. Агар ягон сухани ӯро нафаҳмида монӣ, аввал узр хоҳ, «мебахшед, чӣ гуфтед, нафаҳмидам»,– гуфта, такрори он суханро илтимос намо.

Агар дар бораи воқеаи ба ту маълум ҳикоя кунад, сир бой надеҳ, сабр кун, ки суханашро тамом кунад.

Аз паси касе ғайбат накун, ки одати бад аст. Агар донӣ, ки рафиқат кори нағз накардааст ё хислатҳои бад дорад, онро далерона, вале нарм карда ба рӯяш гӯй.

Ҳазлу шӯхӣ сӯҳбатро гарму нарм мекунад. Аммо дар вақти ҳазл касеро наранҷон, ки оқибати хуб надорад.

Абдуллоҷон ҳамаи суханҳои падарашро гӯш карда истоду дар охир гуфт:

– Ташаккур, падар, ман ин гуфтаҳоятонро фаромӯш намекунам.

Дар сухан дурр бибоядат суфтан,
Варна гунгӣ беҳ аз сухан гуфтан.

**дурр** – санги гаронбаҳо; **суфтан** – оро додан

1. Дар миёни дӯсту рафиқон чӣ тавр будан лозим?
2. Одатҳои бади одам кадомҳоянд?
3. Кори хубу бади рафиқро дар рӯяш чӣ тарз бояд гуфт?
4. Дар ҳазлу шӯхӣ рафиқро ранҷондан чӣ оқибат дорад?

1. Ҷумлаҳои **"Ман гуфтаҳоятонро фаромӯш намекунам. Ҳазлу шӯхӣ сӯҳбатро гарму нарм мекунад"**-ро шарҳ диҳед.
2. Ҷумлаҳои аввали ҳикояи **"Одамро аз одобаш мешиносанд"**-ро нависед. Дар ҷумла сухан дар бораи кӣ (чӣ) меравад?
3. Ҳаммаънои калимаҳои зеринро ёбед:

   рафиқ, нағз, далер, дӯст, ҳурмат, сабр

   Намуна: сабр – тоқат.
4. Панди дар боло зикршударо аз ёд кунед.

Ба саволҳо ҷавоб нависед:

1. Як ҳафта аз чанд рӯз иборат аст?

2. Рӯзҳои ҳафтаро номбар кунед.

3. Як сол чанд фасл дорад? Фаслҳоро номбар кунед.

4. Кадом фасли сол ба шумо маъқул аст? Ҷумлаҳоро ба охир расонед ва савол гузоред. Дар ҷумла сухан дар бораи кадом фасл меравад?

Тирамоҳ меваҳо ...

Зимистон ҳаво хунук ...

Баҳор мавсими гулу лола ...

Тобистон офтоби дурахшон ...

Одоб оинаи ҳусни ботинии одам аст. Одамони боодобро мардум дӯст медоранд ва ҳурмат мекунанд. Одоби инсон дар рафтор ва гуфтори ӯ зоҳир мегардад. Ҳамеша кори нек ва гуфтори нек кунед.

## ДАРСҲОИ 71-72

Сӯҳбат дар бораи рафтори ҷавонон.

### ОДАМ
(ҳикоят)

Соати Абӯтолиб вайрон шуда буд. Ӯ барои дуруст кардани соаташ ба назди усто рафт. Усто он дам соати ҷавонеро, ки дар дӯкон менишаст, дуруст мекард.

– Биншин! – гуфт усто ба Абӯтолиб.

– Хайр. Дар наздат одам будааст, дафъаи дигар меоям, – гуфт Абӯтолиб.

– Канӣ одам? Дар куҷо дидӣ? – ҳайрон шуда пурсид усто.

– Ин ҷавон чӣ? – ҷавоб дод Абӯтолиб.

Усто гуфт:

– Агар ин одам мебуд, ту даромадан замон салом мегуфт, хеста ҷояшро медод.

Расул Ғамзатов

Кӯҳ бо куллаи баландаш машҳур аст, одам бо хирадаш.

**сари кӯҳ** – куллаи кӯҳ

**хирад парваридан** – ақл ба кор бурдан, аз рӯйи ақл кор кардан.

1. Абӯтолиб барои чӣ ба назди усто рафт?
2. Усто чӣ кор мекард?
3. Абӯтолиб ба усто чӣ гуфт?
4. Усто чӣ ҷавоб дод?
5. Муҳокима: Оё усто ҳақ аст?



1. Мазмуни ҳикояро баён кунед.
2. Се ҷумлаи сархати аввалро нависед. Нақшаи ҷумлаи якумро кашед. Дар ин ҷумла сухан дар бораи чӣ меравад? Ҳиссаи калимаҳои **усто**, **соат**ро ба сатри дигар гузаронед.

Ба ин саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Устои соатсоз соатҳои вайронро дуруст мекунад.

2. Мӯзадӯз чӣ?

3. Нонпаз чӣ?

4. Либосдӯз чӣ?

5. Оҳангар чӣ?

6. Ин асбобҳо барои чӣ лозиманд?



Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Дар бораи ҷумла чӣ медонед?

2. Ҷумларо бо чӣ хел аломат ишора мекунед?

3. Дар бораи калимаҳо чӣ медонед? Ҳиссаи калимаҳоро ба сатри дигар чӣ тарз мегузаронанд?

4. Саволҳои Кӣ?, Чӣ?, Чӣ хел? Чӣ кор мекунад? ба кадом калимаҳо гузошта мешаванд?

5. Дар бораи овоз ва ҳарфҳо чӣ медонед?

6. Алифбо чӣ аҳамият дорад?

7. Шумо ғайр аз китоби Забони модарӣ боз кадом китобчаҳоро хондед?

8. Дар вақти таътил ва соли оянда кадом китобҳои дӯстдоштаатонро мехонед?

ИМЛО ВА ҶАМЪБАСТИ СОЛ

# ШЕЪР ВА ҒАЗАЛҲО

## Барои хониши берун аз синф

Чоряки I

Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,
Ҳар ҷо ки равӣ, азизу марҳам бошӣ,
Покиза бишав, рост бизӣ, илм омӯз,
То тоҷи наберагони Одам бошӣ.

Ҷалолиддини Румӣ

**марҳам** – маҳбуб, азиз
**бизӣ** – зиндагӣ намо

* * *

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз рози дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон
Рози донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд:
Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

**фароз** – боло, баландӣ
**бениёз** – беэҳтиёҷ, ба чизе эҳтиёҷ надоштан
**бихрад** – хирадманд, доно
**гиромӣ доштан** – эҳтиром намудан
**бингоштан** – навиштан
**ҷавшан** – як навъ либоси ҷангӣ, ки аз порчаҳои оҳан сохта мешуд

Ҳар киро дар кор одат бошадаш,
Дар ҷаҳон бахту саодат бошадаш.
Аввалан гар бинад ӯ айби касон,
Дар маломат ҳеҷ накшояд забон.
Заҳмати худро зи мардум дур дор,
Бори худ бар кас маяфкан зинҳор.

Фаридаддини Аттор

**маломат** – сарзаниш, таъна
**маяфкан** – наандоз, напарто, нагузор
**зинҳор** – ҳаргиз, асло

* * *

Дарахт аст ин ҷаҳону мева моем,
Ки хуррам бар дарахти ӯ бароем.
Дигар ҳастанд баргу мо ҳама бар,
Туфайли мо шуданд инҳо саросар.
Шараф дорад дарахт аз меваорӣ,
Кӣ бошад, то надорад ҳеҷ боре?
Зи бӯю лаззати хуш меваҳоро
Шараф бошад, чунон к-аз ақл моро.
Наёбад марди ҷоҳил дар ҷаҳон ком,
Надорад бӯю лаззат меваи хом.
Туро лаззат зи илм аст, аз амал бӯй,
Камолият зи илми боамал ҷӯй...
Чу хоҳӣ, то ки ёбӣ донишу ҳуш,
Макун панди ҳакимонро фаромӯш.

Носири Хусрав

**бар** – мева, ҳосил
**ком** – мақсад, мурод, орзу
**камолият** – рушд, нашъунамо, комил шудан

Бишнав сухани маро, ки панд аст,
Панди падар аст, судманд аст.
Илме, ки дар он амал набошад,
Ҷуз арбадаву ҷадал набошад.
Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад.
Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,
Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ.
*Соҳибхунаре, ки ботамиз аст,*
Дар дидаи мардумон азиз аст.

Бадриддини Ҳилолӣ

**судманд** – фоиданок
**арбада** – ҷанҷолу хархаша
**ҷадал** – ҷидол, баҳсу мунозира
**ботамиз** – боақл, бофаросат

* * *

Хирад парварад ҷони донандагон,
Хирад раҳ намояд ба хонандагон.
Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.

Абулқосими Фирдавсӣ

**афсар** – тоҷ, кулоҳи подшоҳӣ
**зевар** – зинатбахшанда, ороишдиҳанда

Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист.
Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.

Низомии Ганҷавӣ

**ғофил** – бехабар, бепарво

* * *

Давоми давлат андар ҳақшиносист,
Заволи неъмат андар носипосист.
Агар фазли Худо бар худ бидонӣ,
Бимонад бар ту неъмат ҷовидонӣ.
Чӣ додат лутфу эҳсону накӯӣ,
Ҳаромат бод, агар шукраш нагӯйӣ

Саъдии Шерозӣ

**ҳақшиносӣ** – ба қадри некии касе расидан, вафодорӣ, сипосгузорӣ
**носипос** – ҳақношинос, бевафо
**завол** – нест шудан, аз байн рафтан
**фазл** – бартарӣ; дониш, маърифат
**неъмат** – чизҳои зарурии зиндагӣ ва рӯзгор, ризқу рӯзӣ
**эҳсон** – бахшиш, ато, инъом

# МУНДАРИҶА

1. ҶУМЛА. АЗ МАТН ҶУДО КАРДАНИ ҶУМЛА ...................4

2. КАЛИМА. ҶУДО КАРДАНИ КАЛИМАҲОИ ҶУМЛА.........24

3. ҲИҶО. ҶУДО КАРДАНИ КАЛИМАҲО БА ҲИҶОҲО ...... 50

4. АЗ ЯК САТР БА САТРИ ДИГАР ГУЗАРОНИДАНИ КАЛИМА ..........................................................................56

5. АЛИФБО. ОВОЗ ВА ҲАРФҲО.......................................... 63

6. КАЛИМА. ОДАМОН, ҲАЙВОНОТ, АШЁ .......................135

7. АЛОМАТИ АШЁ...........................................................193

8. ҶУМЛА.......................................................................... 238

Файзулло Шарифзода, Маҳмадулло Лутфуллоев,
Бунафша Ғаниева, Сафармо Куйбекова

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

Китоби дарсӣ барои
синфи дуюм

**Гурӯҳи нашрӣ:**
**Муҳаррир:** Б. Камолиддинов.
**Рассомон:** С. Имоддинова, Л. Қурбонова.
**Хаттот:** И. Абдуллоев.
**Ороишгари компютерӣ ва саҳифабанд:** И. Мирзоев.
**Муҳаррири техникӣ:** Р. Хонҷонов.

"Huoerquosi Yiqi Trading Co., LTD",
(Чин)

Ба чопаш 20.03.2012 имзо шуд
Чопи офсет. Андозаи 70×90$^1/_{16}$. Когази офсетӣ.
Ҳаҷмаш 19,75 ҷузъи чопии аслӣ.
Адади нашр 120000.

ISBN 978-99947-861-7-6

Huoerquosi Yiqi Trading Co., LTD